МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ
«РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ»

# Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития

**VII Международная научно-практическая конференция,
посвященная 25-летию Конституции Республики Таджикистан
(Душанбе, 31 октября 2019 г.)**
Ежегодный сборник докладов

Душанбе - 2019

**УДК 340**

Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы VII международной научно-практической конференции, посвященной 25-летию Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019 г.). – Душанбе: РТСУ, 2019. – Часть 2. - 92 с.

**Главный редактор:** Н.Н. Салихов, доктор филологических наук, профессор
**Редакционная коллегия**:
Х.Дж. Шамбезода, доктор филологических наук, профессор (зам.главного редактора);
З.И. Исмоилова, кандидат юридических наук (ответственный секретарь);
А.В. Золотухин, доктор юридических наук, доцент;
С.Ю. Алимов, доктор юридических наук, доцент;
Т.И. Султонова, доктор юридических наук, доцент;
Х.Т. Носиров, доктор юридических наук, доцент;
В.А. Абдухамитов, доктор юридических наук, доцент;
Д.Х. Эльназаров, кандидат юридических наук, доцент;
Ш.С. Хамроев, кандидат юридических наук, доцент;
Н.М. Имомова, кандидат юридических наук;
Д.А. Сидиков, кандидат юридических наук;
П.И. Мирзоев, кандидат юридических наук.

Рецензенты:
д.ю.н., доцент, зав. кафедрой предпринимательского права РТСУ Т.И. Султонова
д.ю.н., доцент, зав. кафедрой конституционного права ТНУ А.М. Диноршоев

В сборнике представлены научные статьи, доклады, в которых рассматривается широкий круг актуальных вопросов конституционного, гражданского, предпринимательского и уголовного права, а также уголовного и гражданского процесса.

Сборник предназначен для аспирантов, студентов, магистрантов юридических специальностей, преподавателей высших учебных заведений и всех, интересующихся современными правовыми проблемами.

Составители:
д.ю.н., доцент Золотухин А.В.
к.ю.н., Исмоилова З.И.

Рекомендовано к печати РИС РТСУ

© Юридический факультет
Российско-Таджикский (Славянский) университет – 2019

**Перечень требований к оформлению материалов и условия представления статей для публикации**

1. Материалы для публикации принимаются только в электронном варианте и в объёме не более 10 страниц.

2. Плата с авторов за публикацию статей не взимается.

3. Автор (авторы) в соответствии с приведенными ниже требованиями должен оформить статью:

- поля: верхнее, нижнее, левое, правое – 2 см.

- текст: текстовый редактор MS WORD, шрифт - Times New Roman, размер – 12; стиль – обычный; интервал – одинарный; отступ – 1,00; выравнивание – по ширине; верхний и нижний колонтитулы – 1,25 см.

- порядок расположения текста:

- первая строка – название статьи **ЗАГЛАВНЫМИ БУКВАМИ** жирным шрифтом - выравнивание по центру;
- вторая строка – интервал;
- третья строка - Ф.И.О. автора(ов) полностью (жирный шрифт) (выравнивание по центру). Каждый автор указывается в отдельной строке.
- четвёртая строка – ученая степень и ученое звание автора (выравнивание по центру);
- пятая строка - полное название организации - место работы автора в именительном падеже. Если все авторы статьи работают в одном учреждении, можно не указывать место работы каждого автора отдельно (выравнивание по центру);
- шестая и седьмая строка – почтовый индекс, страна, город, телефон для контактов с авторами статьи (можно один на всех), адрес электронной почты для каждого автора (выравнивание по центру);
- восьмая строка - интервал;
- девятая строка – название статьи на английском языке **ЗАГЛАВНЫМИ БУКВАМИ** жирным шрифтом - выравнивание по центру;
- далее та же информация об авторе повторяется на английском языке (выравнивание по центру);
- далее аннотация на русском и английском языке не более 600 знаков (считая с пробелами) для аннотации на каждом языке (выравнивание по ширине);
- далее ключевые слова (приводятся на русском и английском языках) отделяются друг от друга точкой запятой (выравнивание по ширине);
- после пропущенной строки печатается основной текст статьи (выравнивание по ширине).

4. Ссылки на Список литературы: в тексте обязательны и оформляются после приведенной цитаты: [3, 12], где первая цифра - номер источника в списке литературы, вторая - страница. Подстрочные сноски не допускаются.

5. Список литературы: выполняется по ГОСТ 7.0.5-2008 и располагается в конце статьи после слова «Список литературы:»; сначала указываются нормативные источники в иерархичном порядке, затем – научная и учебная литература. Список оформляется в алфавитном порядке.

6. Встречающиеся в тексте условные обозначения и сокращения должны быть раскрыты при первом появлении их в тексте.

7. Номера страниц – не ставить.

Статьи и доклады публикуются в авторской редакции. Полную ответственность за содержание материалов несут авторы публикаций.

## СОДЕРЖАНИЕ


| | | |
|---|---|---|
| Абдулхонов Ф.М. | Вазъи низоми дунявият ва озодии виҷдон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6 |
| Абдухамитов В.А. | Муқовимат бо экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва қонунгузорӣ. | 10 |
| Гафурзода А.Д., Каримов А.К. | Инкишофи қонунгузории рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. | 13 |
| Горский В.В., Горский М.В., Трушкова А.И. | Дар бораи ҷорӣ намудани медиатсия (миёнаварӣ) дар мурофиаи ҷиноӣ судии Руссия | 17 |
| Дайхудоев С.Ш. | Баъзе масъалаҳои гузаронидани экспертизаи судӣ | 21 |
| Диноршох А.М., Неъматова М.А. | Баъзе масоили танзими хукукии хукук ба хаёт тибки конунгузории Чумхурии Точикистон. | 24 |
| Қодиров Б.Б. | Ҳизматрасонии ҳуқуқӣ чун намуди фаъолияти соҳибкорӣ. | 30 |
| Мазарифов М.К. | Оид ба қонунгузории  фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 33 |
| Маматкулов А.А. | Таносуби ошкоро ва ихтиёрӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ | 37 |
| Назарзода Р. Ғ | Таърихи ташаккул ва рушди ҷинояткорӣ дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дар Федератсияи Россия | 42 |
| Рахимов А.И., Мухторов К., Эркаев С.А. | Ислохоти  қонунгузори дар раванди идоракунии давлати ва хизмати давлати. | 47 |
| Саиданваров Қ.Ч. | Кафолатҳои хуқуқии гурезахо тибқи қонунгузории Чумхурии Точикистон. | 52 |
| Сафарзода Ш.И. | Оид ба мафҳум ва мохияти назорати конститутсиони. | 57 |
| Собирзода И.С. | Ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои падару модар тибқи қонунгӮзории Ҷумҳурии Тоҷикистон | 59 |
| Соибов З.М. | Баъзе масъалахои идоракунии давлатии сонаи гумрук дар Чумхурии Тоҷикистон. | 69 |
| Табаров Н.А. | Дар бораи баъзе масъалаҳои фаъолияти баҳодиҳӣ ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи суди марҳилаи якум | 73 |
| Хамроев Ш.С. | Масоили назариявии мафҳуми сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ | 76 |
| Хошимзода Д.Д. | Рушди конститутсиони-хуқуқии Чумхурии Точикистон | 80 |
| Чоршанбиев А. | Проблемаи ҷалби ҷавонони Тоҷикистон ба гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгароӣ | 88 |

## CONTENT


| | |
|---|---|
| Abdulkhonov M. | State system and freedom of conscience in the legislation of the Republic of Tajikistan........ |
| Abduhamitov V.A. | Counteraction to extremism the Republic of Tajikistan: problems of theory and practice........ |
| Gafurzoda A.D. Karimov A.K. | Development of competitive legislation in the Republic of Tajikistan........ |
| Gorsky V.V., Gorsky M.V., Trushkova A.I. | About introduction of mediation in criminal proceedings of Russia........ |
| Daykhudoev D.S. | Some issues of judicial examination........ |
| Dinorshoev A.M., Nematova M.A. | Some aspects of legal regulation of the right to life under the law of the Republic of Tajikistan........ |
| Kadyrov B. B. | Rights services in the republic of Tajikistan........ |
| Mazarifov M.K. | About the banking law in the Republic of Tajikistan........ |
| Mamatkulov A.A. | Correlation of publicity and discretion in criminal proceedings........ |
| Nazarzoda R.G. | History of formation and development of punishment in types of life-order impression in the Russian Federation........ |
| Rahimov A.I., Mukhtorov K., Erkaev S.A. | Legislative reform in public administration and civil service........ |
| Saidanvarov K.J. | Warranties of refugee rights under legislation Republic of Tajikistan........ |
| Safarzoda S.I. | On the concept and summary of constitutional supervision........ |
| Sobirzoda I.S. | Protection and defense of parents 'rights under the legislation of the Republic of Tajikistan........ |
| Soibov Z.M. | Some issues of the state governance of the customs sphere in the Republic of Tajikistan........ |
| Tabarov N.A. | Some questions of evaluating activities during consideration of criminal cases by the first instance court........ |
| Khamroev S.S. | The oretical problems of definition of criminal procedural policy........ |
| Hoshimzoda D.D. | Constitutional and legal development Republic of Tajikistan........ |
| Chorshanbiev A.Ch. | The problem of involvement of Tajikistan's youth in terrorist and extremist groups........ |

## ВАЗЪИ НИЗОМИ ДУНЯВИЯТ ВА ОЗОДИИ ВИҶДОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Абдулхонов Файзалӣ Маҳмудович**
номзади илмӣ ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии
Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, ш Душанбе, к. Саид Носир, 33
e-mail: info@did.tj

## СИСТЕМА СВЕТСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ И СВОБОДА СОВЕСТИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Абдулхонов Файзали Махмудович**
кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой государственного управления и самоуправления
Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, г Душанбе, ул. Саид Носир, 33
e-mail: info@did.tj

## STATE SYSTEM AND FREEDOM OF CONSCIENCE IN THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abdulkhonov Faizali Mahmudovich**
Candidate of science, associate professor.
Head of Department of Public Administration and Self-Government Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Said Nosir, 33
e-mail: info@did.tj

**Иқтибос.** Дар мақола ҳолати раванди дунявият ва вазъи ҳуқуқии озодии виҷдон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мутобиқ ба санадҳои меъёри ҳуқуқии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми дунявият ва вазъи хуқуқии озодии виҷдон комилан риоя гардида, дар ин самт дар низоми қонунгузории мушкилоте вуҷуд надорад.

**Аннотация**. В статье анализируется состояние секуляризма и правового статуса свободы совести в Республике Таджикистан. Анализ показывает, что в соответствии с действующими правовыми актами в Республике Таджикистан, светская система и правовой статус свободы совести полностью соблюдаются, и в этом направление в системы законодательства не существует недостатков.

**Annotation.** The article analyzes the state of secularism and the legal status of freedom of conscience in the Republic of Tajikistan. The analysis shows that in accordance with the current legal acts in the Republic of Tajikistan, the secular system and the legal status of freedom of conscience are fully followed and there are no problems in the legal system in this direction.

**Вожаҳои калидӣ:** Конститутсия, қонунгузорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, озодии виҷдон, ҳуқуқу озодӣ, истиқлолият, давлатдорӣ, давлати дунявӣ.

**Ключевые слова**: Конституция, законодательство, правовые акты, свобода совести, права и свободы, независимость, государственность, светское государство.

**Key words:** Constitution, legislation, legal acts, freedom of conscience, rights and freedoms, independence, statehood, secular state.

Тоҷикон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, кӯшиши бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявиро ҳадафи хеш қарор доданд. Маҳз истиқлолият боис гардид, ки эътиқот ва паравӣ намудан ба дин яке аз рукнҳои асосии ҳаёти зиндагии шаҳрвандон гардад. Заминаҳои ҳуқуқии танзимнамоии озодии виҷдон дар давлатдории навини тоҷикон бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Ин санади муҳими давлатӣ ҳифзи тамоми ҳуқуқу озодиҳои фардиро дар меъёроти худ таҷҷасум намудааст. Аз ҷумла ҳифзи озодии виҷдон дар қатори дигар ҳуқуқу озодиҳо дар Конститутсияи кишвар ва низоми қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хос доро мебошад.

Яке аз нишонаҳои асосии ҳама гуна давлату давлатдорӣ соҳибихтиёрию истиқлолияти он мебошад. Конститутсияи кишвар воқеияти истиқлолияти миллиро сабт намуда, аз ин роҳ рушди озодонаи давлатдории тоҷиконро таъмин менамояд. Рушди муосири давлатдории тоҷикон анъанаҳои ниёгони худро идома дода, бунёд намудани давлати соҳибистиқлолро бар асоси таҷзияи ҳокимият, анъана ва арзишҳои ҷаҳонӣ дар шакли давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, кафили озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон таъмин мекунад.[4.75.]

Пайваста Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дунявият ва озодии виҷдон таъкид менамоянд: «Бунёди давлати дунявӣ, ки сохти давлатдории Тоҷикистон муайян намудааст. Масъалаи муҳимтарини сиёсати давлати Тоҷикистон аст. Гоногунандешӣ, дарки моҳияти давлати дунявӣ, муносибати он ба дин ва фарҳанги динӣ, мақоми дин ва созмонҳои он дар ҷомеа аз масъалаҳои муҳимӣ сиёсӣ ба ҳисоб мераванд»[5.25.]

Дар қисмати дебоча моҳияти асосии муҳтавои меъёрҳои куллӣ Конститутсия инъикос ёфтааст. Тибқи он халқи Тоҷикистон худро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон эълон намудааст, ки ифодакунандаи бевоситаи узви созмонҳои умумӣ ва минтақавӣ, ба мисли СММ, САҲА, ИДМ ва ғайра будани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамояд.

Халқи Тоҷикистон дар назди худ мақсади бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро гузоштааст ва дар назди наслҳои оянда ӯҳдадор мегардад, ки барои онҳо ҳаёти бошарафона, рушди иҷтимоӣ ва сиёсии босуботро мерос гузоранд.

Бунёди давлатдории тоҷик бидуни эътироф, риоя, ҳифз ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, халқи тоҷик ҳамчун муассиси давлати мустақилу миллии худ озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро арзиши муқаддас эътироф намудааст. Ин арзиши олӣ, ки дар дебоча зикр шудааст ва инъикоси худро дар таҳкими васеи маҷмӯи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пайдо мекунад, ки мутааллиқ ба ҳар фарди ҷомеа новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, мазҳабӣ (эътиқоди динӣ) ва тафовутҳои дигар мебошанд.[4.76.]

Барои давлат ва шаҳрвандони он ҷонибдорӣ аз арзишҳои баробарӣ ва ризоият муҳим мебошад. Аз ин рӯ, изҳори эҳтиром ва таъмини баробарҳуқуқӣ, дӯстии байни ҳамаи халқҳо ва яке аз принсипҳои асосии конститутсионии давлати Тоҷикистон мебошад. Ҳадафи асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ комёб шудан ба ризоияти гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ дар ҷараёни фаъолияти ҳаётии онҳо, пешгирӣ намудани ихтилоф ва низоъҳои онҳо мебошад. [1.144.]

Мувофиқи Конститутсия Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад. Ин хислати давлат бо хусусияти ҷамъият, ки дар он таъсири дин хеле калон аст, вобаста мебошад. Мазмуни асосии хусусияти дунявӣ доштани давлат дар Конститутсия инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, дар қисми дуюми моддаи 8 гуфта шудааст, ки ҳеҷ як мафкура аз ҷумла, мафкураи динӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад.

Дар қисми чоруми моддаи 8 муайян шудааст, ки ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда ба корҳои давлатӣ дахолат наменамоянд. Аммо чунин муқаррарот ҳеҷ гоҳ ифодакунандаи он нест, ки дар Тоҷикистон давлат ва мақомоти давлатӣ бо ташкилоти динӣ ҳамкорӣ барқарор намедоранд. Ҳачунин ин меъёр мазмуни онро надорад, ки диндорон ва муътақидини мазоҳиби мухталиф дар қаламрави кишвар аз ҳаёти сиёсӣ бояд дур карда шаванд. Баракс чуноне ки дар боло тазаккур дода шуд, мутобиқан ба Конститутсия ҳар як шаҳрванд новобаста аз эътиқоди динӣ баробарҳуқуқ шуморида шуда, ин санади олии кишвар ҳуқуқу озодиҳоро бахри шаҳрвандон ва ҳар фард дар ҳудуди он иқомат дошта кафолат медиҳад. Аз ин рӯ, бо иллали фаъолияти динӣ ё эътиқоди динӣ ҳуқуқу озодиҳои шахс маҳдуд карда намешавад.

Заминаи дигари ҳуқуқие, ки танзимкунандаи самти озодии виҷдон мустаҳкам менамояд ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» мебошад. Дар қисми муқаддимавии қонуни мазкур оварда шудааст:

«Бо эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод, дар асоси он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ аст, бо арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо,бо эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон», муқаррар гардидааст. [3.24.]

Давлати дунявӣ чунин давлатест, ки дар он ҳеҷ як дину мазҳаб ҳатмӣ ё худ афзалиятнок ҳисобида намешавад. Бо ҳамин асос дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ ягон дин ба ҳайси дини давлатӣ ва расмӣ шинохта нашудааст, ҳама дину мазҳабҳо дар доираи муқаррароти мазҳабҳо ҳуқуқи баробари мавҷудият доранд. Шаҳрвандони Тоҷикистон новобаста аз он ки ба  кадом дин пайравӣ мекунанд, комилан баробарҳуқуқ буда, дар ягон ҳуҷҷати расмии давлатӣ оид ба вазъи диндор будан ё набудани худ маълумот пешниҳод наменамоянд.

Чунон ки маълум аст аксари куллӣ сокинони кишвари азизамонро пайрави дини ислом ташкил медиҳад ва ҳар фарди ин кишвар дини исломро муқаддас мешуморад бо вуҷуди ин аз ҷониби давлат дини ислом ҳамчун дини расмии давлатӣ эътироф нашудааст. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо маҳсуб рафта, ба умури расмии давлатӣ дахолат наменамоянд. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол тамоми муносибатҳои вобаста ба ташкилотҳои диниро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»  аз 26 марти соли 2009 ба танзим медарорад.

Яке аз хусусиятҳои сохтори Конститутсионии Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад. Давлати дунявӣ бошад дар асоси як қатор нишонаҳо муайян карда мешавад. Нишонаҳои асосии давлати дунявиро чунин тасниф бандӣ намудан мумкин аст:

- манъи дахолати иттиҳодияҳои динӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- аз ҷониби давлат эътироф нашудани мундариҷаи ҳуқуқии санадҳо ва қоидаҳои динӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ;
- баробарҳуқуқии мавҷудияти динҳо.

Нишонаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки дар заминаи муқаррароти Конститутсия ва дигар асноди меъёрӣ – ҳуқуқӣ Тоҷикистон комилан ҷавобгӯи талаботи дунявӣ мебошад.

Хислати дунявии Тоҷикистон ба низоми маорифи он таъсири бевосита дорад ва низоми давлатии маориф аз дин ҷудо мебошад.

Волидайн ва шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд, ҳақдоранд ба мувофиқати тарафайн фарзандони худро мутобиқи муносибаташон ба дин тарбия намоянд. Ба кӯдакон динро бо ризояити хаттии волидайн ё шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд аз 7 солагӣ ва дар сурати ба синни 16 расидани онҳо ҳамчунин бо ризоияти худашон баъди дарсҳои мактаб таълим додан мумкин аст.

Ташкилотҳои динии аз қайди давлатӣ гузашта метавонад барои таълими динии кӯдакон ва калонсолон таълимгоҳҳо ва гурӯҳҳо таъсис намоянд.

Адолати судӣ инчунин баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои хоҷагӣ ва парвандаҳои оиди ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дарбар мегирад.

Адолати судӣ асосҳои сохтори Конститутсионии Тоҷикистонро, ки дар Конститутсия муқаррар шудааст, хусусиятҳои соҳибхтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ, ягонагӣ ва иҷтимоии давлатро аз ҳар гуна сӯиқасд ҳимоя менамояд. Ғайр аз ин адолати судӣ ҳуқуқу озодиҳои Конститутсия ва қонунҳо кафолатдодаи шаҳрвандон, ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад. Қонун ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии корхонаю муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъмин мекунад. [4.176.]

Низоми давлатии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иттиҳодияҳои  динӣ ҷудо  буда, хусусияти дунявӣ дорад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» таъкид гардидааст, ки ба шаҳрвандон, сарфи назар аз муносибаташон ба дин, ҳар навъу сатҳи таҳсилот дастрас мебошад. Шаҳрвандон метавонанд ба ҳар забоне ки хоҳанд, ба таври инфиродӣ ё дастҷамъӣ таълими динӣ гиранд. Иттиҳодияҳои динӣ тибқи қонунгузорӣ ва оинномаҳояшон (низомномаҳояшон), ки бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта шудаанд, ҳақ доранд  барои таълими динии кӯдакон ва калонсолон таълимгоҳҳо таъсис намоянд, инчунин бо истифодаи биноҳое, ки ба онҳо тааллуқ доранд ё дар ихтиёри онҳо қарор дода шудаанд, таълимро дар шаклҳои дигар ба роҳ монанд. Шахсоне, ки таълими динӣ медиҳанд, бояд аз раёсати дахлдори динӣ иҷозатнома дошта бошанд. [4.177.]

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон   озодии виҷдон ва эътиқод ба дин ё мафкураи ғайридинӣ, аз ҷумла атеистиро кафолат  медиҳад.

Озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ маънои озодона қабул кардан ва ё накардани дин, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба пайравӣ кардан ё пайравӣ накардан ба таври инфиродӣ ва ё ҳамроҳи дигарон ба ягон динро дорад. Ҳеҷ як дин наметавонад ба сифати дини давлатӣ ё ҳатмӣ муқаррар карда шавад.

Дар моддаи 26 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст: «Ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд». [2.17.]

Мутобиқан ба ин моддаи Конститутсия ҳуқуқҳои шахсӣ ва шаҳрвандӣ - ҳуқуқ ба озодии виҷдон муқаррар гаррдидааст. Ҳуқуқ ба озодии виҷдон дар шаклҳои мухталиф ифода меёбад. Он аз муайян намудани муносибати шахс ба дин то ба ташкили иттиҳодияҳои диниро фаро мегирад. Дар ин модда чунин намудҳои асосии ҳуқуқ ба озодии виҷдон муқаррар шудааст:

1. Ҳуқуқи муайян намудани муносибат ба дин. Тибқи ин ҳуқуқ ҳар кас, яъне ҳар инсон қатъи назар аз тобеияти шаҳрвандӣ, мансубияти динӣ ва нажодӣ метавонад мустақилона муносибати худро ба дин муайян кунад.

Аз ин нуқтаи назар, Конститутсияи кишвар дар ин модда яке аз озодиҳои ҷавҳарии инсон- озодии эътиқод ва виҷдонро муқаррар кардааст, ки дар маҷмӯи озодиҳои инсон нақши муҳим дорад

Дар Тоҷикистон соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон намудани соли 2009 ва нишон додани пайравии мардуми Тоҷикистон ба ин мазҳаб хилофи Конститутсия ва озодии эътиқод нест. Зеро гиромидошти бузургдошти ин шахсияти бузург танҳо ба хотири андешаҳои ақидатӣ ва динию мазҳабии ӯ нест. Пеш аз ҳама Абӯҳанифа фарзанди миллати тоҷик аст, дигар ин ки вай дар нигоҳ доштани асолати фарҳанги мо хизматҳои шоиста кардааст, сеюм ин ки нақши вай дар такмили илми ҳуқуқшиносии ақлӣ бениҳоят бузург будааст. Ин далелҳои басанда аст, ки шахсияти ӯ ҳамчун фарзанди фарзонаи миллат қадршиносӣ гардад. Илова бар ин нақши мазҳаби ӯ дар таҳаммулгароӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо бениҳоят бузург буда, дар масири таърих борҳо дар ҳимояи манфиатҳои миллии аҷдодони мо нақши бориз доштааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва пайрави ҳамин мазҳаб будан аксари шаҳрвандони кишвар гиромидошти асосгузори он ба ягон талаботи озодии виҷдон зиддият надорад.[4.178.]

2. Ҳуқуқи дар танҳоӣ ва ё дастаҷамъӣ пайравӣ намудан аз дин ҳаққи мустақил аст, ки шакли амалӣ гаштани муносибати инсонро ба дин муқаррар мекунад. Яъне шаҳрвандон дар Тоҷикистон озод буда, ихтиёр доранд дар шакли алоҳида ва ё дастаҷамъона аз дине пайравӣ кунанд ё пайравӣ накунанд.

3. Ҳуқуқи иштирок дар маросим ва расму оинҳои динӣ. Мутобиқи он ҳар шахс дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҳуқуқ дорад дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.

Кафолатҳои риояи ин ҳуқуқ ва роҳҳои амалӣ гаштани он, қабл аз ҳама мутобиқи моддаи 10 Конститутсия таъмин шуда, тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва дигар қонунҳои соҳавӣ дастгирӣ карда мешавад. Мутобиқи моддаи 34 қонуни номбаршуда шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар вайрон намудани талаботи Қонуни мазкур гунаҳкоранд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар баробари ин, дар моддаи 157 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ барои вайрон намудани озодии виҷдон пешбинӣ карда мешавад. Ҷавобгарӣ дар сурате татбиқ карда мешавад, ки агар ба фаъолияти ташкилотҳои динӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ монеаҳои сунъӣ ва ғайриқонунӣ пайдо карда шаванд. [4.179.]

Ҳамин тариқ, қайд намудан мумкин аст, ки низоми дунявият ва вазъи ҳуқуқии озодии виҷдон, ҳифзи эътиқодоти динӣ, инчунин пайравӣ ба таълимоти мазҳабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол комилан риоя мегардид. Санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии амаликунанда дар кишвар тамоми заминаҳоро фароҳам овардаанд, ки моҳияти дунявии давлат мустаҳкам гардад ва кулли шаҳрвандон озодона пайравӣ аз дину оини хеш намоянд.

**Адабиёт**

1. Имомов А. Ҳуқуқи Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2007. – 286 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. Душанбе. 2016.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ш. Душанбе, 26 марти соли 2009, № 489
4. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2009. – 786с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Дар бораи дин. Душанбе, 2006. С.554.

## МУҚОВИМАТ БО ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович**
доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони М. Турсунзода, 30
тел.: 227-85-83, e-mail: valijon05@mail.ru

## ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ЭКСТРЕМИЗМУ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ПРОБЛЕМЫ ТЕОРИИ И ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

**Абдухамитов Валиджон Абдухалимович**
доктор юридических наук, доцент, заведующий кафедрой уголовного права
Российско-Таджикский (Славянский) университет
734000,Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30
тел.: 227-85-83, e-mail: valijon05@mail.ru

## COUNTERACTION TO EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: PROBLEMS OF THEORY AND PRACTICE

**Abduhamitov Valijon Abduhalimovich**
doctor of law, docent, head of the department of criminal law faculty of law
Russian-Tajik (Slavonic) university
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade str., 30
tel.: 227-85-83, e-mail: valijon05@mail.ru

***Аннотатсия.*** *Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба муқовимат бо экстремизм ғабул гардиданд, бахусус Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)". Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналхалгие, ки масъалаҳои мубориза бо экстремизмро муайян менамояд, эътироф намудааст.*

*Муаллиф корҳои илмие, ки дар самти мубориза бо экстремизм бахшида шудаанд ва инчунин меъёрҳои ғонунгузории ҷиноятӣ доир ба ҷавобгари барои экстремизмро таҳти омӯзиш ғарор дода ба хулоса омадааст, ки ягонафаҳми дар байни олимон оиди мафҳуми экстремизм вуҷуд надорад. Муаллиф чораҳои ташкилию пешгирии муғовимат бо экстремизмро пешниҳод менамояд.*

***Аннотация.*** *В Республике Таджикистан был принят ряд нормативно-правовых актов, направленных на борьбу с экстремизмом, в частности Закон Республики Таджикистан «О борьбе с экстремизмом». Республикой Таджикистан также ратифицированы отдельные международно-*

*правовые акты, в той или иной степени регулирующие вопросы, связанные с противодействием экстремизму.*

*Автор, анализируя научные работы, посвященные противодействию экстремизму, а также изучив нормы уголовного законодательства об ответственности за экстремизм, приходит к выводу об отсутствии единого мнения среди ученых относительно определения экстремизма. Предлагаются, ряд организационно-предупредительных мер по противодействию экстремизму.*

***Annotation.*** *In the Republic of Tajikistan, a number of legal acts aimed at combating extremism, in particular, the Law of the Republic of Tajikistan "On Combating Extremism" was adopted. The Republic of Tajikistan has also ratified separate international legal acts, to some extent regulating issues related to countering extremism.*

*The author, analyzing scientific work on countering extremism, as well as examining the criminal law on liability for extremism, comes to the conclusion that there is no consensus among scientists regarding the definition of extremism. A number of organizational and preventive measures are being proposed to counter extremism.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Кодекси ҷиноятӣ; ҷиноят; пешгирӣ; экстремизм; терроризм; муғовимат; ғонунгузорӣ; ҷавобгарӣ.*

***Ключевые слова:*** *Уголовный кодекс; преступление; предупреждение; экстремизм; терроризм; противодействие; законодательство; отвественность.*

***Key words:*** *Criminal Code; the crime; a warning; extremism; terrorism; opposition; legislation; responsibility.*

Дар солҳои охир масъалаҳои муғовимат бо экстремизм таҳти омӯзиши олимони Тоҷикистон ва Россия, бахусус дар байни ҳуғуғшиносон, сиёсатшиносон ва файласуфон ғарор гирифтааст.

Мутаасифона дар таҳғиғотҳои илмии вобаста ба мубориза бо экстремизм ва терроризм, ки он аз тарафи на танҳо олимони Тоҷикистон, балки олимони кишварҳои хориҷи низ гузаронида шудааст, оид ба мафҳуми экстремизм ягонафаҳми вуҷуд надорад. Бояд ғайд намуд, ки агар рисолаҳои номзадӣ ва доктории илмҳои ҳуғуғро, ки дар Федератсияи Россия ҳимоя гардиаанд таҳти омӯзиш ғарор диҳем, дар он хусусиятҳои экстремизм ба ҳам монанд нест. Масъалан, Д.И. Леншин экстремизмро ҳамчун шакли фаъолияти зиддиҳуғуғӣ муайян намудааст, инчунин ӯ дар кори илмии худ ғайд намудааст, ки барои содир намудани экстремизм ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва шаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст [8, 16]. А.В. Павлинов бошад экстремизмро ҳамчун ҷинояти зиддидавлатӣ, ки дар он хусусиятҳои муташакилӣ ва силоҳӣ мебошад, мафҳумгузорӣ намудааст [9, 15]. Аммо Д.Н. Саркисов мафҳуми экстремизмро ҳамчун падидаи зуҳуроти манфии иҷтимоию ҳуғуғӣ муайян намудааст. Д.Н. Саркисов инчунин ғайд намудааст, ки танҳо баъзе падидаҳои экстремизм дар фаъолияти ҷиноӣ ва ба доираи амали ғонунгузории ҷиноятӣ дохил мегардад [10, 11-12]. Дар навбати худ, Е.П. Сергун бошад экстремизмро ҳамчун як нигоҳи ғатъӣ, ки он бар зидди принсипҳои асосии конститутсионӣ равона гардидааст мафҳумгузори намудааст[11, 11-12].

Дар рисолаҳои доктории В.А. Бурковская [5, 37], А.В. Павлинов [9, 234] ва дар рисолаҳои номзадии К.К. Демиров[6, 67], Э.Т. Жеенбеков [7, 76], Д.И. Леньшин [8, 112], Д.Н. Саркисов [10, 76], Е.П. Сергун [11, 65-68], Н.В Степанов [12, 35], Р.М.Узденов [13, 96], С.Н. Фридинский [14, 46-47] "намуди экстремизм" ҳамчун "шакли экстремизм" ғайд шудааст, ки ба назари мо хато мебошад, зеро бояд ғайд намуд, ки шакли пайдоиши экстремизм ба таври бисёршакли дар ҳаргуна идеологияи равияҳои динӣ ба вуҷуд меояд.

Мафҳуми экстремизм якумин маротиба дар Конвенсияи Шанхой «Дар бораи мубориза бар зиди терроризм, экстремизм ва сепаратизм» [1] муқаррар гардида буд. Дар ин санади меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ ифротгароӣ ҳамчун содир намудани амале, ки он ба бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва инчунин содир намудани ҷиноятҳои ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ, аз он ҷумла бо ин мақсадҳо ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва иштирок дар он равона гардидааст, фаҳмида мешавад.

Инчунин масъалаҳои мубориза бар зиди ифротгароӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)”, ки он 8 декабри соли 2003 қабул гардид [3], муғаррар гардидааст. Қонуни мазкур аз 21 модда иборат буда дар он мағсад, мафҳумҳои асосӣ, принсипҳои асосии субъектҳои мубориза бар зидди экстремизм, салоҳияти субъектон ва дигар меъёрҳо пешбинӣ шудаанд.

Ғайр аз ин, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [2]барои содир намудани фаъолияти экстремистӣ дар моддаҳои 307(1) (Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм), 307(2) (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), 307(3) (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ), 307(4) (Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта) ҷавобгарӣ муғаррар шудааст.

Қайд карданд зарур аст, ки таҳлили моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)” [3]ва моддаҳои 3 ва 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” [4] нишон медиҳад, ки намудҳои ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)” муғаррар шудааст дар ғонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” низ пешбинӣ шудааст ва баръакс намудҳои ҷиноятҳои хусусияти террористидошта, ки он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” муйян гардидааст дар ғонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)” муғаррар гаштааст.

Ин ҳолат боиси он мебошад, ки ғонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм мукаммал намебошад.

Ғайр аз ин, бояд ғайд намоем, ки дар ғонунҳои дар боло зикргардида мафҳумҳои экстремизми динӣ ва миллӣ, терроризми байналхалғӣ ва дигар мафҳумҳо муайян нашудааст.

Терроризм, ин шакли ниҳоии ифротгароӣ мебошад ва ин ағида дар таҳғиғотҳои илмии аз тарафи олимон гузаронидашуда доир ба муғовимат бо терроризм ва экстремизм эътироф шудааст.

Савол ба миён меояд, ки агар терроризм, ин шакли ниҳоии ифротгароӣ бошад, пас чаро мағоми ғонунгузор соли 1999 нахуст Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм”-ро ғабул намуда ва баъдан соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)”-ро қабул намуд? Баръакс, ба назари мо, нахуст бояд қонунгузорӣ дар бораи муқовимат бо экстремизмро ва баъд аз он қонунгузорӣ оид ба муқовимат бо терроризм қабул мегардид.

Бо мақсади муқовимат бо экстремизм пешниҳодҳои зеринро манзур менамоем:

- тайёр намудани кадрҳо оид ба мубориза бар зидди идеологияи экстремизм дар воситаҳои иттилоотӣ, бахусус дар шабакаи “Интернет”;
- аз нав такмил намудани кормандони мақомотҳои салоҳиятноки ҳифзи ҳуқуқ дар самти тафтишоти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ;
- таъсис намудани мақоми идеологӣ (бо ҷалби кормандони касбӣ);
- таҳияи феҳристи маводҳои хусусияти экстремистидошта, ки он манъ карда шудааст ва ҷойгиркунии он дар мағозаҳои фуруши китоб ва китобхонаҳо;
- гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ (профилактикӣ) нисбати шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ маҳкум карда шудаанд;
- пешгири намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта бо роҳи ошкор намудани ҷиноят;
- дуруст банду баст намудани ҷиноятҳое, ки бо экстремизм таалуқ доранд;
- мукамал гардонидани қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба муқовимат бо терроризм ва ифротгароӣ;
- таҳия ва интишори тадқиқотҳои илмӣ, маводҳо тафсири итилоотӣ, мақолаҳо дар телевизион ва радио доир ба масалаҳои мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм;
- гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба шаҳрвандон ва тафсири қонунгузории амалкунанда дар соҳаи муқовимат ба ифротгароӣ ва терроризм ва коркарди пешниҳодҳо доир ба мукамал гардониданди қонунгузорӣ дар ин соҳа;

- ба ташкилотҳо ва шаҳрвандон хизматрасонии итилоотӣ ва машваратӣ оид ба масалаҳои пешгирӣ (профилактика) ва мубориза бар зидди ифротгароӣ;

- таҳлил ва ба роҳ мондани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оиди ошкор намудани ҷиноятҳои ифротгароӣ, коркард ва ба роҳ мондани механизми муқовимат бо ифротгароӣ, пешгирии ин ҷиноятҳо.

Амали намудани чорабиниҳои дар боло номбаршуда шаклу усулҳои мубориза бо экстремизмро мукамал мегардонад.

**Пайнавишт**


1. Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 15 июня 2001 года [Текст] // Сборник международных актов по борьбе с терроризмом. – Душанбе: ООО «Офис-Крауз», 2003. – 198 с.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи 1998 с. – Душанбе: «Қонуният», 2004. – 399 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №12, мод. 697.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 11, мод. 275.
5. Бурковская В.А. Криминальный религиозный экстремизм в современной России: уголовно-правовые и криминологические основы противодействия: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2006. – 469 с.
6. Демиров К.К. Криминологическая характеристика религиозного экстремизма (по материалам Республики Дагестан): дис. …канд. юрид. наук. – М., 2005. – 162 с.
7. Жеенбеков Э.Т. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия религиозному экстремизму (по материалам Кыргызской Республики): дис. …канд. юрид. наук. – М., 2006. – 234 с.
8. Леньшин Д.И. Преступления экстремистской направленности по уголовному праву Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2011. – 169 с.
9. Павлинов А.В. Криминальный антигосударственный экстремизм: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2008. – 416 с.
10. Саркисов Д.Н. Уголовно-правовые средства противодействия экстремистской деятельности: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2010. – 196 с.
11. Сергун Е.П. Экстремизм в российском уголовном праве: дис. ... канд. юрид. наук. – Тамбов, 2009. – 235 с.
12. Степанов Н.В. Криминологические проблемы противодействия преступлениям, связанным с политическим и религиозным экстремизмом: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – 182 с.
13. Узденов Р.М. Экстремизм: криминологические и уголовно-правовые проблемы противодействия: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 220 с.
14. Фридинский С.Н. Борьба с экстремизмом (уголовно-правовой и криминологический аспекты): дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов н/Д, 2003. – 188 с.


## ИНКИШОФИ КОНУНГУЗОРИИ РАҚОБАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Гафурзода Абдухалил Давлатали**
доктори илми ҳуқуқ, профессор, ректори
Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
тел.: 224-56-60; email: info@did.tj
**Каримов А.Қ.**
номзади илми ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
тел.: 224-56-60; email: info@did.tj

# РАЗВИТИЯ КОНКУРЕНТНОГО ЗАКОНОДАТЕЛСВО В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Гафурзода Абдухалил Давлатали**
доктор юридических наук, профессор, ректор
Институт государственного управления при Президент Республики Таджикистан,
734025, Республика Таджикистан, Душанбе Душанбе, улица Саида Носира, 33
тел.: 224-56-60; email: info@did.tj

**Каримов А.К.**
кандидат юридических наук, доцент, начальник отдела сравнительного правоведения и сравнительного правоведения
Институт государственного управления при Президент Республики Таджикистан,
734025, Республика Таджикистан, Душанбе Душанбе, улица Саида Носира, 33
тел.: 224-56-60; email: info@did.tj

DEVELOPMENT OF COMPETITIVE LEGISLATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Gafurzoda Abduhalil Davlatali**
Doctor of Law, Professor
Rector of the Institute of Public Administration
President of the Republic of Tajikistan,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Said Nosir 33,
tel .: 224-56-60; email: info@did.tj

**Karimov A.K.**
Candidate of Law, Associate Professor
head of the comparative law and comparative law department
Institute of Public Administration
President of the Republic of Tajikistan,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Said Nosir 33
tel .: 224-56-60; email: info@did.tj

**Аннотатсия.** Дар мақола муаллифон кӯшиш намудаааанд, ки оиди ба қонунгузории рақобат дар низоми қонунгузории дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро маълумот диҳанд. Муаллифон ба хулоса меоянд, ки қонунгузории рақобат дар низоми қонунгузории Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

**Аннотация.** В статье авторы пытаются проинформировать о конкурентном законодательстве в системе законодательства Республики Таджикистан. Авторы приходят к выводу, что конкурентное законодательство играет важную роль в законодательной системе Таджикистана.

**Annotation.** In the article the authors tried to inform on competition legislation in the legislation system of the Republic of Tajikistan. The authors conclude that competition legislation plays an important role in the legislative system of Tajikistan.

**Калидвожаҳо**: Қонунгузорӣ, рақобат, зиддиинҳисорӣ, соҳибкорӣ.
**Ключевые слова**: законодательство, конкуренция, антимонопольное право, бизнес.
**Keywords:** Legislation, competition, antimonopoly, business.

Дар замони истиқлолият низоми нави қонунгузории Точикистони соҳибистиқлол ташаккул ёфт. Ҳамзамон вобаста ба дигаргуниҳои сиёсию иқтисодии ҷомеа соҳаҳои нави конунгузорӣ ба вуҷуд омаданд, ки яке аз он қонунгузории соҳаи рақобат мебошад. Қонунгузории рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нав мебошад, лекин рақобат, танзими ҳуқуқии он ва манъи фаъолияти инҳисорӣ таърихи хеле ҳам қадим доранд.

Аз сарчашмаҳои Рими кадим маълум мегардад, ки дар он замон меъёрҳои танзими муносибатҳои тиҷоратӣ мавҷуд буданд. Ҳуқуқшинос ва ходими давлатии Рими кадим Папиниан

Эмилий қайд мекунад: «Ягон касро барои манфиати шахси дигар дар ҳолати ногувор нагузоред» [1, 401].

Аввалин конунҳои зиддиинхисорӣ ин қонунҳои Рими қадим оиди мубориза бар зидди кушишҳои инҳисории миёнравҳо (соли 473) ва қонун оид ба манъи ҳамагуна фаъолияти инхисорӣ (соли 483) мебошанд [2, 3].

Аввалин қонунҳои мукаммал оиди ҳифзи рақобати озод дар охири асри XIX дар ИМА Қонуни Шерман соли 1890 ва дар Олмон соли 1896 Қонун оид ба рақобати бевиҷдонона қабул шудаанд [3, 6]. Баъди қабули ин қонунҳо таваҷҷуҳ ба омузиши паҳлуҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии рақобат, инчунин танзими ҳуқуқи он зиёд мешавад, ки барои пайдоиши соҳаи мустақили ҳуқуқ - ҳуқуқи рақобат замина гузошт. Олими намоён А.Смит ба моҳияти рақобат баҳои баланд дода, онро ба «дасти ноаён» ташбеҳ додааст, ки дар натиҷаи кушиши соҳибкорон кафолатҳоро ба иштирокчиёни бозор медихад:

1) Таъмини ракобати бовичдонона;

2) Манъи фаъолияти инхисорӣ ва ракобати бевичдонона.

Дар Конститутсия мафҳуми «рақобати бовиҷдонона» оварда нашудааст, лекин чуноне, ки аз моддаи 12 Конститутсия бармеояд, дастгирии рақобати бовиҷдонона дар назар дошта мешавад. Мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ фаъолияти бовиҷдононаи сохибкорӣ дар доираи қонунҳои амалкунанда, ҳамчун рақобати бовиҷдонона дониста шуда, фаъолияти иқтисодие, ки ба рақобати бевиҷдонона равон гардидааст, зиддиконунӣ эътироф карда мешавад.

Дастгирии рақобат ҳамчун кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои субъектҳои фаъолияти сохибкорӣ дониста мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ тахти мафхуми «кафолат» низоми воситаҳои ҳуқуқӣ, барқарор намудани ҳуқуқ, иҷроиши вазифаҳо ва таъмини фаъолияти муайян фаҳмида мешавад. Дар низоми танзими ҳуқуқӣ кафолат вазифаи таъмини амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро мефаҳмонад, барои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои соҳибкорон ва инчунин иҷроиши уҳдадориҳои давлат дар ҳимояи рақобат кафолат дода мешавад. Аз ин ру, вазифаи асосии конунгузории рақобат на аз ҳифзи манфиатҳои субъектҳои хочагидори алоҳида иборат мебошад, балки пешгирӣ намудани бадшавии муҳити рақобат дониста мешавад.

Асоси кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои соҳибкорон принсипи ягонагии фазои иқтисодӣ, озодии муомилоти мол, хизматрасонӣ, воситаҳои молиявӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дастгирии рақобат мебошанд. Заминаи ҳуқуқии амали намудани муносибатҳои рақобат дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ мустаҳкам гардидааст. қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол», дигар қонунҳо, Фармонҳои Президент ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Маҳз дар қонунгузории рақобат низоми мукаммали санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки самти фаъолияти зиддинҳисорӣ ва механизми амали намудани он, инчунин доираи имали мақомоти зиддинҳисориро муайян менамояд, ки дар зиммаи он таъмини рақобат дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қонунгузории рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нав мебошад ва аввалин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» 27 декабри соли 1993 қабул шуд. Маротибаи дуюм қонуни мазкур дартаҳрири нав 29 ноябри соли 2000 ва маротибаи сеюм 28 июли соли 2006 кабул гардид. Қонуни ҳоло амалкунанда бо номи **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат”** 30 майи соли 2017 қабул гардид.

Бояд кайд намуд, ки қонуни имрӯз амалкунанда аз қонуни соли 1993 ба куллӣ фарқ менамояд, зеро қонуни соли 1993 вақте қабул гардида буд, дар он замон муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва рақобат вуҷуд надоштанд. Қонуни ҳоло амалкунанда нисбат ба се қонуни пеш қабулгардида мукаммал буда, танзимкунандаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва таьминкунандаи рақобат мебошад. Инчунин, дар қонуни мазкур муноснбатҳо оид ба талаботи зиддиинҳисорӣ оид ба гузаронидани озмун барои ҷойгиронии фармоишҳо ҷиҳати молрасонӣ, ичрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, фароҳам овардани шароит, кӯмаки давлатӣ ва маҳаллӣ, назорати давлатии расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи он, ваколатҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳангоми вайрон намудани талаботи расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи он илова гардидаанд, ки таизими ин муносибатҳо дар доираи қонуни мазкур барои пешрафти иқтисодиёт кӯмак хохад намуд.

Танзими зиддиинҳисорӣ аз принсипҳои ягонагӣ, қоидаҳои дастгирии рақобат ва пешгири намудани рафторҳои зиддиконунӣ иборат мебошад. Муносибатҳои рақобати дар бозори мол ва

бозори коғазҳои қиматнок ва хизматрасонии молиявӣ, низ дар асоси Конуни Чумхурии Тоҷикистон **“Дар бораи ҳимояи рақобат”** танзим карда мешаванд.

Ба қонунгузории рақобат ва инҳисорӣ санадҳои қонунгузории рақобат ва санадҳои қонунгузории монополияи давлатӣ ва табиӣ низ дохил мешаванд.

Конунгузории рақобат дар навбати худ санадҳои меъёрин ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки аз ду гуруҳи асосии санадхои меъёрии зерин: 1) меъёрхои конунгузории зиддиинҳисорӣ ва 2) меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдонона иборат мебошанд.

Дар шароити инкишоф ёфтани муносибатҳои рақобати гуруҳи сеюми меъёрҳоеро ҷудо намудан лозим аст, ки ба конунгузории ракобат дохил мешаванд, ки ин меъёрхо низ ба инкишофи муносибатхои рақобати равона гардидаанд.

Конунгузори оид ба монополияхои давлатӣ ва табиӣ ба рақобат дар доираи муайяни фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади таъмини манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ роҳ намедиҳад. Мавҷудияти санадҳои меъёрии мазкур дар низоми умумии конунгузорӣ ҷихати танзим ва назорати давлатӣ барои монополияҳои табиӣ ва дастгирии рақобат замина мегузорад.

Танзими ҳуқуқии зиддиинхисорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ аз рақобати бевичдонона на ҳама вақт байни худ фарқ карда мешаванд. Конунгузории ҶТ дар бораи рақобат дар бозори мол ва меъёрхо дар бораи рақобати бевиҷдонона ба қонунгузории зиддиинхисорӣ дохил мешаванд. Чунин нуқтаи назар баҳснок аст, чунки сохаи танзими ҳуқуқии рақобат аз руи вазифа, субъектхои танзимнамоӣ ва дигар асосҳояш фарқ менамояд.

Вазифаи конунгузории зиддиинхисорӣ ин маҳдуд намудани раванди инҳисоркунонӣ ҳамчун доираи муайяни фаъолияти сохибкорӣ дониста мешавад.

Барои амалӣ намудани ин мақсад конунгузорӣ воситаҳои зерини танзими ҳуқуқии зиддиинҳисориро муқаррар намудааст: манъ ва таъқиби фаъолияти инхисорӣ, азнавташкилшавӣ, барҳамдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо, ба даст овардани ҳисса аз фонда оиномавии ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Субъектхои танзими қонунгузории зиддиинҳисорӣ шахсоне мебошанд, ки дар раванди инҳисоркунонӣ дар бозор ё таъсири бевосита ба инҳисоркунонӣ мерасонанд. Ба инҳо субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (гурухи шахсон), ки мавқеи ҳукумфармоиро дар бозор ишғол намуда (зиёда аз 35% ҳиссаро аз худ намуда) дар созишхо (амалҳои мувофикшуда) оид ба маҳдуд намудан, рох надодан ё барҳам додани рақобат равона шудаанд, мақомоти иҷроияи Ҳокимияти ҶТ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд.

Қонунгузории рақобат дар навбати худ санадҳои меъёрин ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки аз ду гуруҳи асосии санадҳои меъёрии зерин:

1) меъёрҳои қонунгузории зиддиинхисорӣ;
2) меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдонона иборат мебошанд.

Дар шароити инкишоф ёфтани муносибатҳои рақобати гуруҳи сеюми меъёрҳоеро ҷудо намудан лозим аст, ки ба қонунгузории рақобат дохил мешаванд, ки ин меъёрҳо низ ба инкишофи муносибатҳои рақобати равона гардидаанд.

Қонунгузори оид ба монополияҳои давлатӣ ва табиӣ ба рақобат дар доираи муайяни фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади таъмини манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ роҳ намедиҳад. Мавҷудияти санадҳои меъёрии мазкур дар низоми умумии қонунгузорӣ ҷихати танзим ва назорати давлатӣ барои монополияҳои табиӣ ва дастгирии рақобат замина мегузорад.

Вазифаи конунгузории зиддиинхисорӣ ин махдуд намудани раванди инхисоркунонӣ хамчун доираи муайяни фаъолияти сохибкорӣ дониста мешавад.

Барои амалӣ намудани ин максад конунгузорӣ воситахои зерини танзими хукукии зиддиинхисориро мукаррар намудааст: манъ ва таъкиби фаъолияти инхисорӣ, азнавташкилшавӣ, барҳамдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо, ба даст овардани ҳисса аз фонда оиномавии ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Аз руи қоида меъёрҳое, ки дар қонунҳои мазкур ба танзими муносибатҳои зиддиинҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона бахшида шудаанд, бояд ба қонуни асосии соҳавӣ мувофиқат карда шаванд.

Мавкеи мухимро дар танзими ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ созишномаҳои байналмилалӣ бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ишғол менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Парижро оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ эътироф намудааст ва инчунин дар доираи ИДМ созишнома «Оиди принсипҳои наздик намудани қонунгузории хоҷагӣ» аз 9 октябри соли 1992, созишнома «Оиди мувофиқат намудани сиёсати зиддиинҳисорӣ» аз 12 марти соли 1993, Шартнома оиди гузаронидани сиёсати зиддиинҳисории мувофиқшуда аз 25 апрели соли 2000 ба имзо

расонидааст. Дар асоси созишномахои мазкур давлатҳои узви ИДМ уҳдадоранд, ки фаъолияти худро дар мубориза бар зидди фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона ҳамоҳанг созанд.

**Номгуи адабиётҳо**


1. Бартошек М. Римское право: Понятия, термины, определения/ Пер. с чеш. - М.: Юрид. лит., 1989. – 496 с.
2. Недобросовестная конкуренция. Обзорная информация / / Институт законодательства и сравнительного правоведения при Верховном Совете РФ. Сост. Г.Е. Авилов, Е.И.Каминская. М., 1992. Вып. 11. - С.6.
3. Roybould D.M., Firth A. Comparative law of monopolies.-L., 1993. – 263p.


## ДАР БОРАИ ҶОРӢ НАМУДАНИ МЕДИАТСИЯ (МИЕНАВАРӢ) ДАР МУРОФИАИ ҶИНОӢ СУДИИ РУССИЯ


**Горский Вадим Вадимович**
номзади илми ҳуқуқ, дотсенти кафедраи криминалистика
Донишгоҳи Давлатии Воронеж
394018, Руссия, ш. Воронеж, Университетская м., 1.
тел.: +7-(473)220-85-14, email: vsu-vadim-law@mail.ru

**Горский Максим Вадимович**
номзади илми ҳуқуқ, дотсенти кафедраи криминалистика
Донишгоҳи Давлатии Воронеж
394018, Руссия, ш. Воронеж, Университетская м., 1.
email: law-max-vsu@mail.ru

**Трушкова Анастасия Ивановна**
магистри кафедраи криминалистика
Донишгоҳи Давлатии Воронеж
394018, Руссия, ш. Воронеж, Университетская м., 1.
email: tru.na@mail.ru


## О ВВЕДЕНИИ МЕДИАЦИИ В УГОЛОВНОЕ СУДОПРОИЗВОДСТВО РОССИИ


**Горский Вадим Вадимович**
кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики
Воронежский государственный университет
394018, Россия, г. Воронеж, Университетская пл. 1.
тел.: +7-(473)220-85-14, email: vsu-vadim-law@mail.ru

**Горский Максим Вадимович**
кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики
Воронежский государственный университет
394018, Россия, г. Воронеж, Университетская пл. 1.
email: law-max-vsu@mail.ru

**Трушкова Анастасия Ивановна**
магистрант кафедры криминалистики
Воронежский государственный университет
394018, Россия, г. Воронеж, Университетская пл. 1.
email: tru.na@mail.ru

## ABOUT INTRODUCTION OF MEDIATION IN CRIMINAL PROCEEDINGS OF RUSSIA

**Gorsky Vadim Vadimovich**
candidate of legal Sciences, associate Professor of the criminalistics department
Voronezh State University
394018, Russia, Voronezh, Universitetskaya sq. 1.
tel.: +7-(473)220-85-14, email: vsu-vadim-law@mail.ru

**Gorsky Maxim Vadimovich**
candidate of legal Sciences, associate Professor of the criminalistics department
Voronezh State University
394018, Russia, Voronezh, Universitetskaya sq. 1.
email: law-max-vsu@mail.ru

**Trushkova Anastasia Ivanovna**
master student of the criminalistics department
Voronezh State University
394018, Russia, Voronezh, Universitetskaya sq. 1.
email: tru.na@mail.ru

***Шарҳи мухтасар.*** *Дар мақола лоиҳаи қонун дар бораи раванди ба расмият даровардани медиатсия (миёнаравӣ) ба мурофиаи ҷиноятӣ Руссия.барраси мегардад. Дар рисола тарафҳои заифи лоиҳаи қонуни мазкур ошкор кардамешавад, самтҳои минбаъдаи такмили институти оштӣ тарафҳо пешниҳод мегардад.*

***Аннотация***. *В статье рассматривается законопроект о процедуре медиации в уголовном процессе России. В работе выявлены слабые стороны данного законопроекта, предложены направления дальнейшего совершенствования института примирения сторон.*

***Annotation***. *The article deals with the bill on the procedure of mediation in the criminal procedure of Russia. The paper identifies the weaknesses of this draft law, proposes directions for further improvement of the institution of reconciliation of the parties.*

***Тегҳо***: *расмиети медиатсия (миенаварӣ); оштии тарафхо; медиатор; миёнарав; ҷабрдида*

***Ключевые слова:*** *процедура медиации; примирение сторон; медиатор; примиритель; потерпевший*

***Key words:*** *mediation procedure; reconciliation of parties; mediator; conciliator; victim*

Дар соли 2014 ба фармоиши Ҳукумати ФР аз 30.07 соли 2014 N 1430-р Консепсияи рушди сохторҳои медиатсия (миёнаравӣ) то соли 2017 бо мақсади татбиқи барқароркунии адолати судӣ нисбати кӯдакон, аз он ҷумла, нисбати онҳое ки кирдори ҷамъиятии хатарнок содир намуданд лекин ба синни ҷавобгарии ҷиноятии, ки дар Руссия қабул шудаст нарасидант (минбаъд – Консепсия).

Татбиқи ин Консепсия ворид намудани тағйиротҳоро ба санадҳои меъерӣ, аз ҷумла, Кодексҳои Ҷинои ва Ҷинои - мурофиавии ФР дар назар дорад. Тӯли чандин сол самтҳои Консепсия дар сатҳои гуногун мавриди муҳокима қарор дошт. Дар натиҷа лоиҳаи қонуни федералӣ“ Оиди ворид намудани тайғротҳо ба Кодекси Ҷинои - мурофиавии ФР вобаста ба татбиқи Консепсияи рушди соҳторҳои медиатсия (миёнаравӣ) то соли 2017 бо мақсади татбиқи барқароркунии адолати судӣ нисбати кӯдакон, аз он ҷумла, нисбати онҳое ки кирдори ҷамъиятии хатарнок содир намуданд лекин ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ дар Руссия қабул шудаст нарасидант”, дар портали федералии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ва ҳуқуқӣ ҷойгир карда

шудааст. [5]. Варианти ниҳоии қонун, ки ба раванди ҷиноӣ дохил намудани сохтори нави ҳуқуқӣ – миёнаравиро пешбини мекунад танҳо дар се саҳифа ҷойгир шудаст.

Умуман, маънои миёнаравӣ дар шакли маъмултарини худ ба танзими баҳсҳо (ҳалли мунокишаҳо) байни тарафҳо бо даҳолати шаҳси сеюм (миёнарав) барои ба даст овардани ҳалли мутақобилан судманд.

Дар ҷаҳон навъҳои зиёди (моделҳои) расмиёти миёнаравӣ ҳам парвандаҳои шаҳрвандӣ ва ҳам ҷиноӣ мавҷуданд[2, 112-125]. Барои ҳама моделҳо чунин аст, ки раванди миёнаравӣ бояд бо ризоияти тарафайн дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ, махфият, ҳамкорӣ ва баробарии тарафҳо, холисӣ ва мустақилияти миёнарав гузаронида шавад. Аз ҳама маъмул ин як чунин як миёнаравии миёнарав байни ҷабрдида ва гунаҳгор мебошад, ки дар он тарафҳо дар ҳузури як миёнарави махсус таъиншуда мулоқотро ройгон ва ё бо музд роҳбарӣ мекунанд. Ҳарду ҷониб метавонанд дар як ҷаласаи оштӣ якбора иштирок кунанд (миёнарави мустақим) ё агар ҷабрдида намехоҳад, ки ҷинояткорро бубинад, маҷлисҳо бо ҳар тараф алоҳида (миёнаравии ғайримустақим) ташкил карда мешаванд. Имкониятҳои ин модел гуногунанд.

Айни замон, дар мурофиаии ҷинони Руссия тартиби оштикунони вуҷуд дорад, ки он манфиатҳои ҷабрдидаи мушахасро дар парванда мушахас ба инобат намегирад. Ҳамин тавр, мувофиқи моддаи 76-и Кодекси ҷиноӣ ва моддаи 25-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ФР қатъ кардани парвандаи ҷиноятиро бо сабаби ошти шудани тарафҳо бо рафъи зарари расонидашуда дар назар дорад. Бояд қайд кард, ки ҷабрдида метавонад баъди расидан ба ошти метафонад аз қабули ҷуброни зарари модди даст кашад,ин ҳуқуқи диспозитивии ӯ мебошад.

Тартиби миёнаравӣ, имконияти муҳокимаи шартҳои диспозитивиро фароҳам оварда ба манфиатҳои ҳам ҷабрдида ва ҳам айбдоршаванда ҷавобгӯй мебошад ва дар навбати худ ба ҳалли мунокишаи ҳукуқии-ҷинояти шароит фароҳам мерасонад. Доираи масъалаҳои дар раванди миёнаравӣ баррасишаванда хеле васеъ буда мустақиман аз ҷониби тарафҳои мунокиша муаян карда мешавад. Ҳамин тавр, масалан, Иво Аертсен қайд мекунад, ки фарқи ҷиддии байни миёнаравӣ ва мурофиаи ҷиноятии «анъанавӣ» тағирёбии қаҳрамонони ин раванд мебошад. Агар давлат ва ҳуқуқвайронкунанда иштирокчиёни асосии мурофиаи ҷиноятии «анъанавӣ» бошанд, ҷабрдида ва қонуншиканда дар доираи миёнаравӣ ҳамчун тарафҳои парвандаи ҷиноятӣ баромад мекунанд. Ҳамин тариқ, вазифаҳои аввалиндараҷаи миёнаравӣ аз тарафҳо фароҳам овардани имконияти муҳокимаи мунокишаи худ ва ҳалли онҳо барои қаноатмандии тарафайн иборатанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷонибҳо шахсан нақши фаъолтар ва созанда ва баъзан навоварона мекунанд. [4]. Ғайр аз ин, бояд қайд кард, ки агар роҳи "анъанавӣ" -и мунокишаи қонуни ҷиноятӣ ба рақобат асос ёбад (яъне муқовимат, рақобат), пас миёнаравӣ ҳамчун тартиби алтернативии ҳалли баҳсҳо ба истифодаи созишҳо асос ёфтааст. [6].

Варианти миёнаравӣ, ки дар лоиҳаи пешниҳодшуда бо моделҳои расмии оштӣ ҳеҷ иртиботе надорад. Барои равшанӣ андохтан мо ба нуктаҳои асосии ин қонун назар мекунем.

Аввалан, бар хилофи аксари моделҳои мавҷуда, тартиби мусолиҳа мурофиаро бознамедорад, илова бар он, дар баробари ин парванда ҷараён дорад. Мусоҳиб (миёнарав) тибқи лоиҳаи қонун иштирокчии комилҳуқуқи мурофиа мебошад ва дорои мақоми ҳуқуқии дахлдор мебошад. Ҳамин тавр, тибқи қисми 1 моддаи 58.1. миенарав - шахси дорои маълумоти махсус, ки дар якҷоягӣ бо намояндагони қонунӣ ва адвокатҳо барои иштирок дар мурофиаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои ноболиғ бо мақсади оштӣ шудани гумонбари ноболиғ бо ҷабрдида иҷозат дода шудааст. Мутобиқи банди 2 моддаи 426.1, миёнарав ҳуқуқ дорад: 1) ҳангоми барассии айбдори иштирок намояд; 2) дар бозпурсии гумонбаршаванда, айбдоршаванда ноболиғ , инчунин бо иҷозати муфаттиш иштирок кардан - дар дигар амалҳои тафтишотие, ки бо иштироки гумонбаршаванда, айбдоршаванда, адвокат, намояндаи қонунӣ анҷом дода мешаванд; 3) баёнот диҳад ва далелҳо пешниҳод кунад; 4) пас аз анҷоми тафтишоти пешакӣ бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шаванд. Ҳангоми муҳокима миёнарав инчунин метавонад: 1) арзу шикоятҳо диҳад; 2) гувоҳӣ диҳад; 3) далелҳо пешниҳод кунад; 4) дар мурофиаи судии зинаи якум ва кассатсиони иштирок намояд (қисми 1 моддаи 428.1).

Яъне, мо дар инҷо дар бораи тартиби алоҳидаи миёнаравӣ, ки дар он ҷонибҳо бо мақсади миёнаравӣ иртибот доранд, сухан намегӯем, балки дар бораи иштироки «мутахассиси миёнарав» дар амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ ва тафтишотӣ. Лоиҳаи қонун мақсад ва вазифаҳои чунин иштироккунандаи миёнараврo ба таври комил шарҳ намедиҳад: ҳангоми баррасии айб чӣ бояд кард; ҳангоми иштироки пурсиш ва дигар амалҳои тафтишотие, ки бо иштироки шахси ноболиғ, айбдоршаванда, ҳимоятгар, намояндаи қонун баргузор карда мешаванд, кадом вазифаҳояшро иҷро мекунанд. Ғайр аз он, ба миёнарав ваколатҳои фаъол вогузор аст: дар анҷоми тафтишоти пешакӣ баёнот додан, далелҳо пешниҳод кардан, бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шудан ва шаҳодат додан. Саволе ба миён меояд, ки чаро ба миёнарав бояд тамоми ин қудратҳоро ваколатҳо дода шавад вай шахси мустақил ва бетараф аст, ки ба ин қазия манфиат надорад. Пас вай бояд ба суд кадом далелҳоро пешниҳод кунад? Вай чӣ гуна изҳорот дода метавонад? Дар ин парванда ӯ кадом далелҳоро дода метавонад? Лоиҳаи қонун чизе шарҳ намедиҳад, дар матни тавзеҳӣ чунин маълумот мавҷуд нест. Ғайр аз он, ҳуқуқи миёнарав барои шоҳидӣ додан принсипи асосии қоидаҳои миёнаравӣ - махфиятро, ки модди 3 Қонуни федералӣ "Дар бораи тартиби алтернативии ҳалли баҳс бо иштироки миёнарав (тартиби миёнаравӣ)" аз 27 июли соли 2010 № 193-ФЗ пешбини шудаст. Мутобиқи банди 1 имодаи 69 Кодекси мурофиаи граждании ФР миёнарав ба сифати шоҳид, доир ба ҳолатҳое, ки ҳангом иҷрои вазифаи миенарав ба у маълум шудаст, пурсида намешавад. Чунин меъёри дар ин лоиҳаи қонун мавҷуд нест. Маълум мешавад, ки агар дар раванди тартиботи оштӣ айбдоршавандаи ноболиғ "сири худро (дили худро) кушояд" ба миенарав, муфатиш ё суд имконият доранд, ки миёнараврo пурсиш намуда маълумот оиди ҳолати ҷиноят гиранд ва миёнарав ҳуқуқ надорад, ки аз додани шаҳодат(маълумот) саркашӣ кунад.

Ҳамин тариқ, дар қабули лоиҳаи қонун дар бораи ворид намудани тайғирот ба Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ба саросемаги роҳ додан мумкин нест. Илова ба нуқсонҳои дар боло зикр шуда дар лоиҳа ҳеҷ гуна системаи тартиби миёнаравӣ вуҷуд надорад - ибтидо, муқарароти гузаронидан, тартиб, мӯҳлатҳо ва оқибатҳои иштирок дар он. Солҳои охир шумораи зиёди мақолаҳои илмӣ доир ба бахшҳои гуногуни масъалаҳои оштикунони дар мурофиаи судии ҷинояти нашр гаштанд. [1; 3, 252-258]. Дар сатҳҳои гуногун лоиҳаҳои зиёди қонунҳо доир ба татбиқи Консепсияи мазкур муҳокима гаштанд. Аммо натиҷаи ҳамаи ин корҳо - лоиҳаи бе баҳраб уд, ки тадбиқи он дар амал ғайри имкон мебошад.

**Рӯйхати адабиётҳо:**


1. Головко Л. В. Альтернативы уголовному преследованию в современном праве. – СПб.: Юридический Центр-Пресс – 2002. – 542 с.

2. Горский В.В., Горский М.В. О возможностях применения медиации в уголовном судопроизводстве России: процессуальные и криминалистические аспекты // Воронежские криминалистические чтения: сб. науч. трудов. – Воронеж, 2012. – Вып. 14. – С. 112-125.

3. Горский В. В., Горский М.В. О необходимости введения процедуры медиации (посредничества) в уголовном судопроизводстве России // Развитие медиации в России: теория, практика, образование: сб. ст. / под ред. Е. И. Носыревой, Д. Г. Фильченко (Серия «Библиотека медиатора». Кн. 4). – С. 252-258.

4. Понятие «mediation» (посредничество) нуждается в объяснении. Интервью с профессором криминологии университета города Лёвин (север Бельгии) Иво Аэртсен. // Юрист. – Казахстан, 2009. – № 9. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.zakon.kz/101136-ponjatie-mediation-posrednichestvo.html (дата обращения: 20.09.2019 г.).

5. Проект федерального закона «О внесении изменений в Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации в связи с реализацией Концепции развития сети служб медиации до 2017 года в целях реализации восстановительного правосудия в отношении детей, в том числе, совершивших общественно опасные деяния, но не достигших возраста, с которого наступает уголовная ответственность в Российской Федерации» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://regulation.gov.ru/projects#npa=69575 (дата обращения: 20.09.2019).

6. Янина Я.Ю. Теоретические и практические аспекты применения компромиссов для разрешения конфликтов предварительного следствия: Дис. ... канд. юрид. наук. – Калининград, 2007. – 194 с.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ

**Дайхудоев Савлат Шодиевич**
адвокат
Коллегияи адвокатҳои «Кафолат» Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мушфики 73
тел:935369532

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРОИЗВОДСТВА СУДЕБНОЙ ЭКСПЕРТИЗЫ

**Дайхудоев Савлат Шодиевич**
адвокат
Коллегия адвокатов «Кафолат» Союза адвокатов Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мушфики 73
тел: 935369532

## SOME ISSUES OF JUDICIAL EXAMINATION

**Daykhudoev Davlat Shodievich**
lawyer
Bar Association "Kafolat" of the Union of Lawyers of the Republic of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Mushfiki 73
tel: 935369532

**Шарҳи мухтарасар**. Дар мақолаи мазкур баъзе масоили мубрам оид ба тайин ва гузаронидани экспертизаи суди дар парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Аннотация**. В статье рассматриваются некоторые актуальные вопросы назначение и производво судебной экпертизы по уголовным делам.

**Annotation.** The article discusses some topical issues in the appointment and production of forensic examination in criminal cases.

**Вожаҳои калидӣ**: мурофиаи ҷиноятӣ, экспертиза, эксперт (коршинос), муфаттиш, суд, таъйинот ва гузарондани экспертизаи судӣ.

**Ключевые слова:** уголовный процесс, экспертиза, эксперт (специалист), следователь, суд, назначение и производво судебной экпертизы.

**Keywords:** criminal trial, examination, expert (specialist), investigator, court, appointment and production of forensic examination.

Имрӯзҳо экспертиза қариб дар тамоми соҳахои фаъолияти ҳаёти иҷтимоии гузаронда мешавад. Хулосаи экспертизаи судӣ ҳамчун далели муҳим дар истеҳсолоти судӣ ба ҳисоб рафта, бо ёрии он масъалахое барои дуруст дидани парванда заруранд, ҳал карда мешаванд. Экспертизаи мурофиаи ҷинояти таърихи худро дорад ва дар замони қадим чи дар Шарқ ва ғарб мавриди истифода қарор дода мешуд. Бо мурури замон экспертизаи судӣ рӯ ба инкишоф ниҳодааст.

Мафҳуми «экспертиза» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш шахсони донанда, бо таҷриба, корозмуда-санҷидашуда, озмудашуда, бомаҳорат, илм, тахқиқот, ки донишхои махсусро

талаб менамояд, дорад. Натиҷаи экспертиза бо рохи гузаронидани таҷриба бо истифода аз асбобу анҷомхои махсус ва методхои экспертӣ ба даст оварда [2, с.49] мешаванд. Экспертизаи судӣ дар даврони шӯравӣ бо таъсиси заминаҳои ҳуқуқи ва ташкилӣ мавриди истифода қарор дода мешуд. Зимнан, дар давраи ташкилёбии давлати шӯравӣ дар КМҶ ҶШСФР соли 1922, баъдан дар КМҶ ҶШСФР 1923 сол ҳамчун истилоҳот - «эксперт», «экпертиза», хулосаи «заключение-эксперт» қайд шудаст. Хулосаи эксперт дар парвандаи ҷиноятӣ зарур ва муҳим аст. Зеро он ҳамчун далел ҳисобида мешуд. Эксперт аз рӯи қоидаҳои экспертизаи судӣ дар азназаргузарони, шаҳодаткунонӣ иштирок менамояд. Дар КМҶ собиқ давраи шӯравӣ (1960 сол) бошад, мафхуми «мутахасис - специалист» ворид гардида тартиби таъйин, гузарондан ва баҳодихии таҳқиқхои экспертӣ, гузарондани экспертизаи такрорӣ ва иловагӣ боз ҳам васеътар гардид.

Масъалаи мазкур дар таърихи қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон назарас аст. Вале то барпо намудани хокимияти Шӯрави дар Тоҷикистон экспертиза хамчун институт дар истеҳсолоти судӣ мавчуд набуд, асосан қонунуҳои шариат амал мекарданд. Судҳои махаллӣ бошад бе «экспертиза» гузаронида мешуданд. Ташаккули қонунгузории мурофиаи судӣ дар Точикистони шӯравӣ бо ташаккулёбии қонунгузории ҶШСФР ва РСС Ӯзбекистон, ки вилояти мухториро ба ӯҳда дошт, бевосита зич алокаманди дорад. Соли 1929 Точикистон аз Республикаи Автономии Советии Сотсиалистӣ ба ҳайати ИҶШС ҳамчун давлати соҳибихтиёр ворид гардид. Ба ин хотир тибқи қарори Комитети иҷрояи марказӣ ва Совети комиссарони халқии РСС Точикистон аз 19 декабри соли 1929 № 42 қонунгузории РСС Ӯзбекистон то ин давра дар қаламрави РСС Тоҷикистон, ки амал мекард, муваққатан қувваи ҳатмии худро нигоҳ дошт. Ва бо ҳамин тартиб то қабул намудани қонуни мурофиа ҷиноятӣ (25 августи соли 1935) дар қаламрави РСС Тоҷикистон КМҶ Ӯзбекистон амал мекард. ва тартиби таъйин ва истехсолоти экспертизаи судӣ аз рӯи он гузаронда мешуд.

Оиди ташаккули фаъолии экспертизаи судӣ, ахамият, масъалаи таъйин ва тартиби гузарондани экспертиза дар мурофиаи чиноятӣ ва дигар масъалаҳои он олимони соҳаи мурофиаи судӣ ҷинояти Л.Е.Ароскера, Р.С.Белкина, А.И.Винберга, В.М.Галкина, Б.Е.Гордона, В.И.Громова, А.В.Дулова, Н.В.Жогина, И.Ф.Крилова, Б.М.Комаринса, М.Г.Любарского, В.С.Митричева, Ю.К.Орлова, А.Я.Палиашвили, И.Л.Петрухина, Р.Д.Рахунова, М.С.Строговича, М.А.Челсова, А.Р.Шляхова, А.А.Эйсман тадқиқот бурда, фикрҳои худро иброз намудаанд.

Ба ақидаи ин олимон экспертизаи судӣ худ маҷмӯи ҳаракатҳое мебошад, ки максади асосиаш гирифтани хулосаи ҷавобҳо доир ба саволҳои додашуда ва.ғ. хулосаи эксперт мебошад. Барои тавсифи пурраи экспертизаи судӣ аз рӯи қоида истилохои таъйин, истеҳсолот, хулосаи эксперт (коршинос) ва ё истилоҳи ягона «гузарондан» истифода бурда мешавад. Бояд қайд намуд, ки истеҳсолоти экспертизаи судӣ ҳамчун маҷмӯи мушкили ҳаракатҳои мурофиавист, ки аз тарафи муфаттиш, эксперт ва дигар иштирокчиёни истеҳсолоти судии ҷиноятӣ дар сурати муайян намудани саволҳое, ки ҳал намудани онҳо барои парвандаи ҷиноятӣ дониш ва фаҳмишҳои махсусро талаб менамояд ва хулосаи экспертиза ҳамчун далел оид ба парвандаи ҷиноятӣ хонда мешавад, ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ гуфтан лозим аст, ки истеҳсолоти экспертизаи судии ҷиноятӣ харакати тафтишотӣ мебошад ва бо тартиби баррасии худ аз дигар навъҳои экспертиза фарқ дорад. Зерот таъйин ва гузаронидани тадқиқот дар асоси супориши муфаттиш ва суд барои гузарондани таҳқиқ ва хулосаи эксперт доир ба саволҳое, ки ҳал ва муайян намудани ин ҳолатҳо доир ба парвандаи ҷинояти донишҳои махсусро талаб менамоянд, ки бояд исбот шаванд сурат мегирад.

Дар ин замина фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ бошад - ин фаъолиятест оид ба ташкил ва гузарондани экспертизаи давлатии судӣ аз рӯи таъйиноти суд, қарорҳои судя, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ва дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби муассисаҳои махсус, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додааст, бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ё маъмурӣ тавассути донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар муқаррар кардани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд.

Дар қонугузории замони муосир эксперт бошад ба моъноИ коршиносро ифода менамояд. Вазъи ҳуқуқии коршинос дар моддаи 58 КМҶ ҶТ чунин баррасӣ гаштааст:

«1.Коршинос дар ҳолатҳое даъват карда мешавад, ки барои пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешаки ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар зарурат ба миён ояд.

2.Ба сифати коршинос ҳар шахсе, ки барои пешниходи хулоса дониши махсус ва дар ҳолатҳои зарури иҷозатномаи дахлдор дорад, даъват шуданаш мумкин аст.

3.Даъват кардани коршинос, таъин ва пешбурди экспертиза бо тартиби пешбининамудаи боби 24 КМҶ анҷом дода мешавад.

4.Коршинос ҳуқуқ дорад:

– бо маводи парвандаи ҷиноятӣ, ки ба мавзӯи экспертиза алоқаманд аст, шинос шавад;

– дар бораи ба ӯ пешниҳод намудани маводи иловагӣ, ки барои додани хулоса заруранд ё дар бораи таъини экспертизаи комплекси дархост кунад;

– бо иҷозати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя дар пешбурди амали тафтиши иштирок карда, ба пурсишшавандагон ва дигар шахсон, ки дар ин амал иштирок доранд, вобаста ба масъалаҳои мавзӯи экспертиза саволҳо диҳад;

– бо забони модари ё дигар забоне, ки медонад, нишондод диҳад;

– аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад;

– аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя, ки ҳуқуқи ӯро ҳангоми пешбурди экспертиза маҳдуд мекунад, шикоят намояд;

– агар ҳаллу фасли масъалаи гузошташуда аз доираи дониши тахассусаш берун бошад ё маводи дар ихтиёраш буда барои додани хулоса нокифоя бошад, аз пешниҳоди хулоса даст кашад.

1.Коршинос ҳуқуқ надорад бе огоҳ намудани тахкикбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя бо дигар иштирокчиёни мурофиа дар бораи масъалахои марбут бо экспертиза гуфтушунид кунад, барои тадқиқот мустакилона мавод ҷамъовари намояд, агар барои он иҷозати махсуси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя мавҷуд набошад, тафтише гузаронад, ки боиси пурра ё қисман несту нобуд гардидани объектҳо ё тағйир ёфтани намуди зоҳири ё хосиятҳои асосии онҳо гардад.

2.Коршинос ӯҳдадор аст:

– бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя ҳозир шавад;

– вобаста ба масъалаҳои тадқиқот ва саволҳои пешниҳодшуда хулосаи асоснок ва вокеъбинонаи хатти пешниҳод намояд;

– маълумоти маводи парвандаро фош накунад» [1]. Аз ин рӯ кошинос шахсест, ки ба пешбурди парванда манфиатдор набуда аз тарафи суд, муфаттиш, тахҳиқгар барои истеҳсолоти экспертиза ва додани хулосаи эксперти барои саволҳое, ки ҳал намудани онҳо донишишхои махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва донишхои мардуми талаб менамоянд. Дар зери мафҳуми шакли таъйин ва гузарондани экспертиза тартиби эълоншудаи конуни мурофиаи чинояти, шартхо, тарз ва мӯҳлати амали намудани ҳарактҳои шахсе, ки истеҳсолоти судии ҷиноятиро амалӣ менамояд, экспертизаро таъйин мекунад, гузарондан ва бахо додани натиҷаи экспертиза, инчунин кафолати амалӣ намудани хуқуқ ва ухдадорихои субъектҳои экспертиза фахмида мешавад [3, с.806].

Ҳамин тариқ экспертизаи судии ҷиноятӣ яке аз шаклҳои фаъолиятест, ки аз ҷониби муфатиш ва суд бо мақсади исботи далел ва ҳали масъалаҳое, ки дар раванди тафтишоти пешаки ва суди ба миён меоянд ва баррасии оноҳо заруранд маънидод мегардад. Эксперт ё кошинос бошад, ҳамчун шахсест, ки дорандаи донишҳои махсус, ки дар раванди парвадаҳои ҷиноятӣ тариқи тайин, гузаронидани экпертиза ва додани хулосаи дақиқ ҷалб мегардад, ҳисобида мешавад.

**Адбиётхои истифодашуда:**

1. Кодекси мурофиаи чиноятии Чумхурии Точикистон. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159; №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259; №7, мод. 714; №8, мод. 815; №12, қ. 1, мод. 1020; мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510; мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142; №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128; №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1381)
2. Божьев, В. П. Научно-практический комментарий к уголовно-процессуальному кодексу РФ / отв. ред. В.П. Божьев, В.М. Лебедев. - 8-е изд., перераб. и доп. - М.: Издательство Юрайт, 2012. - 1287 с.
3. Чистоногов Н. А. К вопросу о понятии, сущности и роли судебной экспертизы в уголовном судопроизводстве // Молодой ученый. - 2018. - №36. - С. 49-51.

## БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Диноршоҳ Азиз Мусо**
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
тел.: 907-89-02-07, e-mail: dinorshoev@gmail.com

**Неъматова Моҳсафар Абдуллоевна**
муаллими кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳукуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
тел.: 901-04-40-55, e-mail: mohsafar@mail.com

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПРАВА НА ЖИЗНЬ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Диноршоев Азиз Мусоевич**
доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой конституционного права
юридического факультета
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, п. Рудаки, 17
тел.: 918-89-02-07, e-mail: dinorshoev@gmail.ru

**Неъматова Мохсафар Абдуллоевна**
преподаватель кафедры конституционного права юридического факультета
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, п. Рудаки, 17
тел.: 901-04-40-55, e-mail: mohsafar@mail.com

## SOME ASPECTS OF LEGAL REGULATION OF THE RIGHT TO LIFE UNDER THE LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Dinorshoev Aziz Musoevich**
doctor of law, Professor, Head of the Department of Constitutional Law,
Faculty of Law
Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe, str. Buni Hisorak
tel.: 918-89-02-07, e-mail: dinorshoev@gmail.ru

**Nematova Mohsafar Abduloevna**
lecturer department of Constitutional Law Faculty of Law
Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki
tel.: 901-04-40-55, e-mail: mohsafar@mail.com

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур муаллифон масоили танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба ҳаётро таҳлил намудаанд. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои гуногуни олимон муаллифон мавқеи худро оиди масъалаи баррасишаванда баён намудаанд.*

***Аннотация.*** *В данной статье авторы исследуют актуальные вопросы правового регулирования вопросов связанных с правом на жизнь. На основе изучения различных точек зрения, авторы определяют свою позицию по данному вопросу.*

***Annotation.*** *In this article, the authors examine current issues of legal regulation of issues related to the right to life. Based on the study of various points of view, the authors determine their position on this issue.*

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузорӣ, ҳуқуқ ба ҳаёт, Конститутсия, кодекси ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷанин, генетика.*

***Ключевые слова:*** *законодательство, право на жизнь, Конституция, Уголовный кодеск, уголовное право, эмбрион, генетика.*

***Key words:*** *legislation, right to life, constitution, criminal code, criminal law, embryo, genetics.*

Мавзӯи ҳуқуқ ба ҳаёт як қатор унсурҳоеро дар бар мегирад, ки моҳияти онро ошкор мекунанд. Ба шумули инҳо масъалаҳои оғози ҳает, эвтаназия, татбиқи маҷбурсозии ҳуқуқӣ ва ҷазои қатл дохил мешаванд. Ҳар яке аз онҳоро ба таври муфассал дида мебароем. Яке аз масъалаҳои нисбатан баҳсноки арсаи ҳуқуқ ба ҳаёт ин муаммои оғози ҳаёт мебошад. Дарки ягонаи он пеш аз ҳама барои дуруст қабул намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ҷавобгарӣ ба ҷиноятҳои муқобили ҳаёт зарур аст.

Тибқи моддаи 18 Конститутсияи ҶТ «ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад», ки он аз лаҳзаи лаҳзаи таваллуд оғоз гардида то дами марг идома меёбад. Вале ҳаҷман моҳияти ин ҳуқуқ боиси баҳсҳои доманадори доираҳои илмӣ гардидааст. Баъзе олимон ба ин андешаанд, ки оғози ҳаётро аз батни модар бояд ба ҳисоб гирифт, гурӯҳи дигар – аз лаҳзаи таваллуд ва сеюмин, оғози ҳаётро аз лаҳзаи ҷараёни таваллуд мешуморанд.

Аз нуқтаи назари биология ва эмбриологияи муосир, инсон ҳамчун фарди биологӣ баъди баҳамомезии ҳуҷайраҳои ҷинсии инсонӣ, вақте ки маҷмӯи беназири мусалсали генҳо пайдо мешавад, шакл мегирад. Ба андешаи баъзе муаллифони "муайян намудани лаҳзаи таваллуд ва марг умуман предмети илми ҳуқуқ шуда наметавонад, чунки сухан дар бораи мафҳуми сирф физиологӣ меравад. Барои қонунгузор танҳо аз лаҳзае, ки шаҳрванд таваллуд мешавад, муҳим аст, вале илми тиб аз рӯи қоида меъёри асосии он аз замони мустақилона нафаскашии шурӯъ мешавад ва кӯдак қобилияти ҳуқуқдориро пайдо мекунад [16, 91] . Мавқеи мазкур бе баҳс нест, зеро мисли он ки ҳуқуқ лаҳзаи фаро расидани маргро муайян мекунад, новобаста аз он, ки марг ҳақиқӣ аст, пеш аз ҳама ҳамчун мафҳуми физиологӣ он бояд ҳалли масъаларо пайдо намояд ва ҳамчунон оғози ҳаёт низ бояд муайян карда шавад.

Дар асоси қонунгузории мавҷуда ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт аз лаҳзаи таваллуди кӯдак оғоз мегардад, аммо қонунгузор масоили ҳимояи ҷанини инсониро ба танзим намедарорад. Бо вуҷуди он, мавҷудияти ҷанинии инсон далели бетафовути ҳуқуқӣ намебошад, зеро дар ин робита масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ ба монанди: хусусияти ҳуқуқии ҳимояи ҷанини пайдошуда, тифли ҳанӯз тавлид наёфта, пешгӯи ва ҳаҷми ин ҳимоя, танзими ҳуқуқии он ва ғ. мавҷуданд [2]. Баъзе аз муаллифон ҷанини дар батни модар бударо новобаста аз муҳлати инкишофи он, ба сифати қисми узви физиологии он медонад, ки модар ҳуқуқ дорад онро бо салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намояд.

Маълум аст, ки ҷанин ҳамчун таркиби биологӣ мушобеҳи ҳеҷ гуна ҷисми занона нест, чунки он ҳамчун мавҷуди инсонии дар батни модар инкишофёбанда мувофиқи таълимоти генетикӣ аз он фарқкунанда мебошад. Хатто хуни модар наметавонад вориди ҷанин гардад, таркибан ва гурӯҳан ҳар як ҳуҷайраи ҷанин аз модар фарқ мекунад. Ҷанини одам дорои мақоми махсуси онтологӣ мебошад, вай «инсони билқувва» аст. Дар чунин ҳолатҳо ҳам аз нигоҳи илми тиб ва ҳам ҳуқуқӣ муайян намудани моҳияти ин вуҷуд, ки дар батни модар (ҷанин ё тифл) аст, эҳтимоли иштибоҳро истисно намекунад, ки оқибати он аксар вақт сӯиқасд ба ба ҳаёти инсон мебошад.

Ҳамчунон, ҳамон тифлоне, ки ҳанӯз вазъи ҳуқуқии онҳо мақоми кӯдакро нагирифтааст, ба таври автоматӣ ҳуқуққои фитрии худ, дар навбати аввал ҳуқуқ ба ҳаётро аз даст медиҳанд [14]. Муқаррар намудани сарҳади муваққатӣ ва биологии ҳаёт хеле мураккаб буда, вобаста ба он солиёни зиёд олимону мутахассисони касбу корҳои гуногун заҳмат кашиданд, ки дар замонҳои гуногун ҳаргуна иҷозатҳо пайдо намудаанд. Илми тибби имрӯза имкон дод, ки дар моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пайвандсозии (трансплататсияи) узв (ё) бофтаҳои инсон» аз 30-юми июли соли 2007 меъёр муқаррар намоем, ки «хулосаи тиббӣ дар бораи фавт дар асоси муайян шудани фавти бебозгашти пурраи мағзи сар (марги мағзи сар) мутобиқи дастурҳои аз ҷониби мақоми ваколатдор тасдиқшуда дода мешавад».

Ин меъёрро бояд хусусан кормандони тиббӣ ба сифати дастурамал қабул карда, масоили зарурати идома ё қатъи табобатро ҳалу фасл намояд [8].

Агар анҷоми ҳаёти инсон бо қатъи фаъолияти мағзи сар муайян карда шавад, чаро оғози ҳаётро тимсоли он муайян накунем?

Хулоса, андеша менамоем, ки мувофиқи мақсад аст дар бораи ҳимояи тифл (аз лаҳзаҳои аввали пайдоишаш) дар даврони бармаҳали инкишофи он, аз он ҷумла дар батни модар, ки тибқи қонунҳои биологӣ имкони муқаррар кардани оғози ҳаётро дар ҷаҳони объективӣ медиҳад, ҳарф занем. Инак метавон ба хулосае омад, ки оғози ҳаётро на аз лаҳзаи таввалуд, балки аз замони дар батни модар дар марҳилаи муайяни инкишоф будани ҷанин онро ҳамчун мавҷуди инсонӣ эътироф кард.

Истилоҳи "эвтаназия" бори аввал аз ҷониби Ф.Бекон дар асри XVII истифода шудааст. Аз он вақт, истилоҳи "эвтаназия" ба маънои "марги осон" ва аз асри XIX онро ба маънои "куштани касеро аз таассуф" истифода мешавад. Роҷеъ ба масъалаи мазкур баҳсҳои шадидтарин дар ҷаҳони муосир идома дорад. Махсусан, ин мушкилот дар ҷомеа саволеро ба вуҷуд меорад: оё эвтаназия амали шафқат аст ё ҷиноят бар муқобили ҳаёт, куштор? Вобаста ба масъалаи мазкур таваҷҷӯҳ аз он ҷиҳат зиёд аст, ки дар марҳила имрӯза бо кӯмаки таҷҳизоти муосири тиббӣ зиндагии беморонеро, ки дар ҳолати «вегетативӣ», беморӣ ё шакли вазнини патологияи дарозмуддат зиндагӣ мекунанд, дурру дароз нигоҳ доштан мумкин аст [12, 54].

Тавре ки В. Исаева қайд мекунад, ҳуқуқ ба ҳаёт маънои онро дорад, ки шахс ҳуқуқи ихтиёрдории онро мувофиқи салоҳдиди худ дорад, вай тасмим мегирад, ки дар кадом лаҳза онро қатъ кунад; ҷомеа ҳуқуқ надорад, ки ба ӯ чи будани неъматро [6] дар чунин ҳолатҳо таҳмил намояд. Оё инсон ба марг ҳақ дорад?

Ҳуқуқ ба марг- ин мисли ҳуқуққои фитрии инсон ба монанди ҳуқуқ ба ҳаёт мебошад ва эвтаназия бояд ҳамчун яке аз шаклҳои татбиқи ҳуқуқи инсон ба марг баррасӣ карда шавад. [9. С. 201] Илми муосир мафҳуми эвтаназияро таърифҳои зиёд медиҳад. [11, 20] О.И.Ивченко эвтаназияи фаъолро ҳамчун барқасдона аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси бемор, ки аз ҷониби табиб ё шахси дигар бо розигии бемор ё хешовандони ӯ, ё бо ташаббуси шахсии духтур ё шахси дигар ба хотири раҳм ба бемор ва бо мақсади раҳоӣ аз азоби давомдор дар натиҷаи бемории табобатшаванда, маънидод карда аст [5, 21]. Чунин мафҳумҳо вуҷуд доранд, ба монанди қатли бошафқат, ба қатл расонидани одам бо мақсади озод кардани бемор аз бемории табобатнашаванда ё азоби тоқатнопазир, қасдан куштани шахси гирифори бемории вазнин бо мақсади сабук кардани ранҷу азоб [1, 531].

Эвтаназия ҳамчун амале муайян карда мешавад, ки дар асоси ҳамдардӣ, агар ҷабрдида дар ҳолати ноумедӣ қарор дошта бошад, дар сурате, ки азобаш тоқатнопазир бошад ва агар онро

шахсони дигар, аз ҷумла кормандони тиббӣ амалӣ кунанд, ба зиндагии шахс хотима дода мешавад [7, 72].

Н.Крылова эвтаназияро ҳамчун амал ё беамалии қасдан [11] карда шудаи мутахассиси соҳаи тиб муайян мекунад, ки он дар асоси дархости возеҳи аризадиҳандаи огоҳшуда ё намояндаи қонунии ӯ бо мақсади боздоштани азоби ҷисмонӣ ва рӯҳии бемор дар ҳолати хатарнок муайян мекунад, ки дар натиҷа марги ӯ фаро мерасад.

Этаназия ин як барномаи махсуси тиббӣ мебошад, ки ба хотири хотима ёфтани ҳаёти шахси гирифтори бемории табобатнашаванда буда, дар ҳолати ниҳоят вазнин қарор дошта бо ихтиёри худ изҳори назар кардааст ва мақсади ягонаи он хотима додани ин азобҳои дарднок аст [3, 57].

Эвтаназия - қонеъ кардани дархости ихтиёрӣ ва даркнамудаи беморе мебошад, ки маргро бо ҳар гуна амалҳо ва воситаҳо суръат мебахшад, аз ҷумла тадбирҳои сунъии дастгирии ҳаётро қатъ мекунад [13, 29].

Бо таҳлили ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии таърифҳо, мо метавонем хусусиятҳои асосии мафҳуми “эвтаназия”-ро муайян кунем. Аввалан, ин мафҳум бояд як фаъолияти муайянро дар бар гирад. Ғайр аз он, бо истилоҳи "фаъолият" мо ҳам рафтор, ҳам шакли амали фаъол ва ҳам ғайрифаъолро дар назар дорем. Илова бар ин, ин фаъолият бояд аз ҷониби субъекти махсус - кормандони тиб, ки ба он духтур ва кормандони иловагии тиббӣ (фельдшер, ҳамшираи тиббӣ ва ғайра) дохил мешаванд, иҷро карда шавад.

Хусусияти навбатии эвтаназия аз он иборат аст, ки ин фаъолият аз ҷониби корманди тиббӣ ба таври огоҳона иҷро карда мешавад, яъне дар ҳолате, ки ӯ амалҳои худро дониста, (ҷанбаи ақлӣ) дарк намуда, онҳоро идора кунад (ҷанбаи ихтиёрӣ). Фаъолияти зикршуда бояд қасдан иҷро карда шавад, яъне корманди тиббӣ на танҳо онро огоҳона анҷом диҳад, балки оқибатҳои онро пешгӯӣ кунад ва хоҳишан онро ба амал орад. Ва, шояд, хусусияти охирини махсуси эвтаназия ин аст, ки пас аз он марги бемор ба амал меояд. Инҳо махсусиятҳои асосие мебошанд, ки эвтаназияро ҳамчун як навъ фаъолият тавсиф мекунанд. Инчунин, як ҷузъи муҳими татбиқи ин амал "дархости бемор" мебошад.

Ҳамин тариқ, хоҳиши ихтиёран тарки ҳаёт кардани бемор асоси эвтаназия мебошад, зеро эвтаназияи мабҷурӣ, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, қасдан ба қатл расонидан аст. Месазад бо андешаи он ки эвтаназияи ихтиёрӣ ба беморе, ки гирифтори бемории табобатнашаванда аст ва агар ӯ шахсан, огоҳона, такрор ба такрор иҷрои ин амалро талаб кунад - ин ягона роҳи расмигардонии он бошад, шояд розӣ шуд [13, 29].

Аммо, ба ғайр аз ин хислатҳо, эвтаназия ҳамчун як намуди амал бояд дар шароити муайян амалӣ гардад. Аниқ кардани чунин ҳолатҳо муфовиқи мақсад аст: мавҷудияти бемории табобатнашаванда, ки ба бемор ҷисман, рӯҳан ва ахлоқан зарбаи ҳалокатбор меоварад; самти возеҳи фаъолияти кормандони соҳаи тиб, зеро он бояд танҳо ба хотимаи ранҷу азоби бемор равона карда шавад; ин амал танҳо дар асоси дархости огоҳона ва бебозгашти бемор анҷом дода мешавад ва агар ҳолати бемор чунин иродаро таъмин карда натавонад, пас бо ҳамон дархости намояндаи қонунии ӯ; бемор ё намояндаи қонунии ӯ бояд дар бораи бебозгашт будани оқибатҳои эвтаназия пурра, воқеӣ ва саривақт хабардор карда шаванд.

Бо назардошти андешаҳои мазкур, Р.Стефанчук таърифи зерини эвтаназияро пешниҳод мекунад: ин фаъолияти огоҳона ва қасдани корманди тиббӣ мебошад, ки ба хотима додани азобу уқубати ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ё дигар бемор, ки тавассути бемории табобатнашавандаи он ба вуҷуд омадааст ва ба марги бемор оварда мерасонад, ба шарте ки он аз ҷониби корманди тиббӣ дар асоси дархости бошуурона ва бебаҳс пурра, воқеӣ ва саривақтӣ амалӣ карда мешавад.

Тибқи қонунгузории Тоҷикистон (ниг. ба Қонун «Дар бораи ҳифзи саломатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон), татбиқи эвтаназия манъ аст. Баръакси марги табиӣ, марги ғайритабиӣ бо таъсири ҳама гуна омилҳои беруна ба бадани инсон тағйиротҳое, ки бо вазифаҳои фаъоли ҳаётӣ носозгоранд оварда мерасонад. Марги ғайритабиӣ шояд ҳамчун натиҷаи қонунӣ маҳрум шудан аз зиндагӣ ва ё натиҷаи кирдори ғайриқонунӣ бошад [15].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин як қатор ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки боиси марги қонунӣ мегардад. Ба ин ҳолатҳо мудофиаи зарурӣ ва зарурати ниҳоӣ мансубанд. Субъекти қувваи қонунии истифодашаванда метавонад ҳамчун ҷабрдидаи зӯроварии ғайриқонунӣ эътироф карда шавад, инчунин ҳама гуна шахс ё шахси мансабдор, ки бо мақсади пешгирии сӯиистифодаи ғайриқонунӣ амал мекунад, ҳисобида шавад.

Ҳуқуқ ба мудофиаи заруррйро ҳама, новобаста аз тайёрии касбӣ ё дигар тайёриҳои касбии махсус ва вазифаи хизматӣ баробар доранд [3, 85].

Мувофиқи нишондоди моддаи 40 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахс, сарфи назар аз имконияти халос шудан аз таҷовуз, новобаста аз тайёрии касбӣ ё дигари тайёрии махсус ё мақоми хизматиаш ё имконияти ба шахсони дигар ё мақомоти ҳокимият барои кӯмак муроҷиат карданаш, ба мудофиаи зарурӣ ҳуқуқ дорад [3, 85].

Барои "субъектҳои махсус" -и мудофиа, аз ҷумла кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳое, ки ҳамла ба ҳаёт ва саломатии шахси дигар (шахс) таҳдид мекунад, амалҳо барои пешгирии таҷовуз ғайриқонунӣ вазифаи касбӣ мебошанд, на қонун [3, 85]. Мақсади ниҳоии ҳамаи ҳуҷҷатҳои байналхалқии марбут ба истифодаи силоҳи оташфишон аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба хотири нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла кормандони полис, муқарраротест, ки «дар ҳар сурат, яъне қасдан истифодаи силоҳи марговари оташфишон ба таври қатъи ногузир танҳо ба хотири муҳофизат аз марг мумкин аст.

Ғайр аз ин, яке аз дастурҳои асосии истифодаи силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони зикргардида манъи истифодаи чунин намудҳои яроқ ва лавозимоти ҷангӣ мебошад, ки боиси ҷароҳати вазнин мегардад ё манбаи хатари ислоҳнопазир мебошад. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду гурӯҳи шартҳоро пешбинӣ менамояд, ки ғайриқонунӣ будани ин кирдорро истисно мекунанд.

Аввалин хатари фавриро тавсиф менамояд, ки ҳангоми содир шудани он амалҳо ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонанд. Гурӯҳи дуюми шартҳо ғайриимкон будани бартараф кардани зарар бо воситаҳои дигар ва мавҷуд набудани ҳадди аксар аз ҳолати фавқулоддаро дар бар мегирад. Вақте сухан дар бораи имконияти муайян кардани зарурати ниҳоӣ меравад, ки бо маҳрум кардани ҳаёти шахс (шахсон) тавсиф меёбад, яке аз шартҳои ҳолатҳои объективӣ қонуният мебошанд, яъне зарари расонидашуда (шумораи шахсони аз ҳаёт маҳрумшуда) бояд аз зарари пешгиришуда камтар бошад (шумораи одамони наҷотёфта, киба онҳо марг таҳдид мекард).

Бояд қайднамоем, ки зарурати ниҳоӣ дар асоси усули баланд кардани арзиши бадии камтарин асос ёфтааст. Чунин меъёри объективӣ барои баҳодиҳии аҳамияти манфиатҳои муқоисашаванда (аз як тараф, манфиати муҳофизатшаванда, аз ҷониби дигар - таҳти ҳимояи қонунӣ) аз эътирофи баробарии ҳаёти субъектҳои гуногун пайдо мешавад. Барои қонунгузор дар ҳолати зарурати ниҳоӣ, шахси аз рӯи қонун амалунанда ва ҷинояткор, шахси ноболиғ ва калонсол, шахси солим ва ё бемори ноумед аз ҳаёт арзиши ягонаро доро мебошанд [3, 85].

Яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсноки ҳуқуқ ба ҳаёт ҷазои қатл боқӣ мемонад. Бояд қайд кард, ки мушкилоти ҷазои қатл мураккаб ва серпаҳлу аст. Вай ба масоили сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ахлоқию мазҳабӣ, фарҳангию психологӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти мо дахолат мекунад. Ҷазои қатл ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ бо ҳукми суди суд аз маҳрум кардани шахс аз арзишмандтарин неъмати инсонӣ-ҳаёт иборат мебошад, аз ин рӯ, он ҳамчун чораи сахттарин ва истисноии муассири ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ барои пурра решакан кардани ҳукми қатл ҳамчун ҷазо қадамҳои муайяне гузошта истодааст. Бо ин мақсад, Протоколи дуюми факултативӣ ба ПБҲФС, ки ба бекоркунии ҳукми қатл равона карда шудааст, қабул карда шуд.

Моддаи 1-и Протоколи мазкур пешбинӣ менамояд, ки ҳеҷ як нафари таҳти юрисдиксияи давлатии иштирокчии ин протокол ба ҷазои қатл маҳкум карда нашавад. Ҳар як давлати узв тамоми чораҳои зарурйро барои бекор кардани ҷазои қатл дар доираи ҳуқуқии худ меандешад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қадамҳои муайянеро дар самти бекор кардани ҷазои қатл гузошта

истодааст, ҳарчанд ки он Протоколи дуюми факултативиро ба ПБҲФС имзо накардааст. Мутобиқи моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "ҳар як шахс ба ҳаёт ҳақ дорад. Ҳеҷ кас наметавонад аз ҳаёт маҳрум карда шавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин. " Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи пурра бекор кардани ҷазои қатлро интихоб кардааст. 15 июли соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун "Дар бораи тадбиқи боздоштани ҷазои қатл" -ро ба имзо расонид, ки тибқи он моратория ба истифодаи ҷазои қатл дар кишвар мутобиқи қарори 44/128 Ассамблеяи Генералии СММ аз 15 декабри соли 1989 қабул карда шуд.

Ҷиҳати асосии мусбати ин қонун дар он аст, ки он мораторияро ҳам ба иҷрои ҷазои қатл ва ҳам ба ҷорӣ кардани ин ҳукмҳо амалӣ намуд. Ҳамин тариқ, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон нафар ба қатл маҳкум нашудааст. Аммо барои ҳалли ниҳоии ин масъала зарур аст, ки ҶТ протоколи дуввуми Факултативии ПБҲФС-ро, ки ба бекоркунии ҳукми қатл равона шудааст, имзо ва тасдиқ кунад. Аммо, бо назардошти он ки моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраротеро пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи он ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин имконпазир аст, протоколи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории ҷорӣ тасдиқ карда намешавад, зеро мавқеи он ба муқаррароти Конститутсия мувофиқат намекунад. Барои ҳалли ин масъала ду роҳи асосӣ мавҷуданд:

1. Гузаронидани раъйпурсӣ оид ба тағйири Конститутсия.

2. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти меъёрҳои Протоколи дуюми факултативӣ ба ПБҲФС. Имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон варианти дуввуми ҳалли масъалае, ки ба вуҷуд омадааст, қобили қабул аст, зеро маҳз баъди ба тасвиб расонидани Протоколи дуюми факултативӣ ба ПБҲФС, мутобиқи талаботи моддаи 2 ин протокол истифодаи ҷазои қатлро дар замони ҷанг барои содир кардани ҷиноятҳои вазнини дорои хусусияти ҳарбӣ имконпазир мегардонад. Дар асоси ин, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид намуда, ҷазои қатлро ҳамчун як намуди ҷазо барои ҳама кирдорҳо, ба истисноӣ ҷиноятҳо бар зидди инсоният (геноцид, экоцид, биоцид) бекор карда шавад. Ҳамин тавр, масоиле, ки ба тасвиби Протоколи дуюми факултативӣ ба ПБҲФС монеъ мешаванд, бартараф карда мешаванд.

**Руйхати адабиёт**


1. Большой толковый словарь / Под ред. Г.Л. Белича.- М.,1998. - 876 с.
2. Веберс Я.Р. Правосубъектность граждан в советском гражданском и семейном праве. - Рига, 1976. - 328 с.
3. Гражданские права человека: современные проблемы теории и практики / Под ред. Ф.М. Рудинского. - М., 2006. - 385 с.
4. Дмитриев Ю.А., Шленева Е.В. Ҳуқуқи инсон дар ФР бар бораи амалисозии звтаназия // Государство и право. - 2000. - № 11. - С. 55-59.
5. Ивченко О.В. Ҷавобгарӣ ба эвтаназия мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ (таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ) // Ҳуқуки ҷиноятӣ. - 2001. - № 3. - С. 19-25.
6. Исаева В. Масоили танзими ҳӯқуқии эвтаназия // Ҳуқуқ ва ҳаёт. Версияи электронӣ ниг. ба сайти :www.law-n- life.ru
7. Ковалев М.И. Право на жизнь и право на смерть // Государство и право. - 1992. - № 7. - С. 70-75.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи пайвандсозии (трансплантатсияи) узв ва (ё) бофтаҳои инсон» аз 30-июли соли 2007.
9. Красиков А.Н. Ҷиноятҳои муқобили ҳаёти инсон. - Саратов, 1999. - 342 с.
10. Крылова Н.Е. Эвтаназия: ҷанбаи ҳуқуқий-ҷиноӣ // Вестник МГУ. - 2002. - № 2. – С. 16-21.
11. Крылова Н.Е. Эвтаназия: ҷанбаи ҳуқуқӣ-ҷиноӣ // Вестник МГУ. - 2005. - № 4. - С. 18-23.
12. Малиноский А.В. Оё инсон ба марг ҳуқуқ дорад? // Российская юстиция. - 2002. - № 8. - С. 52-57.
13. Маляева Е.О. Возможно ли легализация эвтаназии в России? // Медицинское право. - 2004. - № 1. - С. 227-31.

14. Микитова Е.А. Хусисиятҳои мақоми кӯдак да Федератсияи Россия. - М., 2004. - 239 с.
15. Стефанчук Р.Н. Возвращаясь к вопросу о легализации эвтаназии в странах СНГ: pro et contra. Электронная версия. См. сайт: www.law-n-life.ru
16. Ҳуқуқи гражданӣ. Қ. 1 / зери таҳр. Ю.К.Толстой, А.П.Сергеев. - СПб., 1996. - 486 с.

## ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Қодиров Бахтиёр Бобомуродович**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Корпус 11,
тел.: 550355005, e-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

## ОКАЗАНИЯ ЮРИЧЕСКОЙ ПОМОЩИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Кодиров Бахтиер Бобомуродович**
соискатель кафедры предпринимательского права и коммерции
Таджикский Национальный Университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Исторические тела, корпус 11,
Тел .: 550355005, электронная почта: doniyor_sanginov@mail.ru

RIGHTS SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Kadyrov Bakhtiyor Bobomurodovich**
Title of Entrepreneurship and Business Law
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe Dushanbe city, Hisoric Bodies, Corpus 11,
Tel .: 550355005, e-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

***Аннотасия.*** *Шаҳрвандон дар аснои поймол шудани ҳуқуқҳояшон намедонанд, ки чи кор кунанд ва ба куҷо муроҷиат намоянд, то ба додашон бирасанд. Ҷойи таассуф аст, ки имрӯзҳо низ ин гуна ҳодисаҳоро дидан мумкин аст. Дар мақолаи мазкур инҷониб мехоҳам ҷанбаҳои муҳими чанде аз масъалаҳои дар Тоҷикистони муосир ҷойдоштаро мавриди баррасӣ қарор бидиҳам.*

***Аннотация.*** *Граждане не знают, что делать и куда обращаться за своими правами в случае нарушения их прав. Жаль, что такие события происходят сегодня. В этой статье я хочу рассмотреть некоторые из наиболее важных аспектов касаемой проблемы в современном Таджикистане.*

***Annotation***. *Citizens do not know what to do and where to apply for their rights when their rights are violated. It is a pity that such events are happening today. In this article I want to examine some of the most important aspects of contemporary Tajikistan.*

***Калидвожаҳо:*** *хизматрасонӣ, хизматрасонии ҳуқуқӣ, шаҳрванд, ҳуқуқшинос, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

***Ключевые слова***: *услуги, юридические услуги, гражданин, юрист, Республика Таджикистан.*

***Keywords:*** *services, legal services, citizen, lawyer, Republic of Tajikistan*.

Дар тамоми давру замонҳо дар ҳамаи давлатҳо ҳуқуқшиносон ва ҳимотягарон мавҷуд буданд, ки ҳақ ва ҳуқуқҳои ҳар як шахсро новобаста аз ҷинс, қавм, нажод ва мансубияти динӣ ҳимоя мекарданд. Мутаассифона на ҳама вақт одамон дар бораи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ маълумоти кофӣ доранд. Маълумот надоштан боиси сар задани ҳуқуқвайронкуниҳо мешавад.

1. Надоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва бехабар будани аксарияти аҳолӣ дар бораи фаъолиятҳои хадамоти ҳуқуқӣ; (адвакатура)
2. Масъалаи ҷустуҷӯйи кор аз тарафи ҳуқуқшиносон ва иқтисодчиёни ҷавон пас аз хатми донишгоҳҳо.

Ҳамон тавре ки қаблан арз кардем, аксари одамон намедонанд, ки дар куҷо ҳақиқатан ҳам қонунро вайрон кардаанд. Дар ҳамаи дунё, ҳатто дар кишварҳое, ки аз назари иқтисодӣ пешрафтаанд, одамоне ёфт мешаванд, ки аз он ки аҳолӣ қонунро намедонад, суистифода мекунанд. Дар ин маврид ҳуқуқшиносон метавонанд, то андозае ба мардум кӯмак намоянд, то ҳадде мушкилоти онҳо бартараф гардад. Надонистани ҳуқуқҳо боиси он мегардад, ки аксари одамон маблағеро аз даст медиҳанд. Ҳангоми вайрон кардани қонун бисёре аз одамон омодаанд, ки маблағеро билофосила пардохт намуда, масъаларо дар ҷояш ҳал намоянд. Дар сурате, ки бояд ба коршинос муроҷиат намуда муайян намоянд, ки мушкили асосии масъалаи пешомада дар чист, то дар оянда такрор нашавад. Табиатан, чунин рафторҳо боиси аксуламали пайдарҳам гашта ба фаъолиятҳои гуногун дар кишвар таъсир мерасонад. Дар робита ба гуфтаҳои боло мисолеро аз ҳаёт меоварам.

Шахсе аз бозор дастгоҳеро барои ниёзҳои оилаи худ мехарад. Ҳангоми харидани он дастгоҳ бо ӯ замонати якҳафтаина дода буданд. Он шахс ба манзил баргашта дастгоҳро мавриди истифода қарор медиҳад, аммо пас аз ду се соати кор кардан дастгоҳ аз кор мебарояд. Рӯзи дигар он шахс дастгоҳи харобшударо гирифта ба бозор меояд, ки онро ба он фурӯшанда нишон дода ба ӯ баргардонад. Аммо дар бозор ба ӯ ҷавоб медиҳанд, ки молҳои фурухташуда пас гирифта ва иваз карда намешавад.

Табиатан ҳангоми арзиши камтар аз 25-сомони доштани мол харидор бо фурӯшанда дар камтар мавридҳо даъво мекунад, балки як каме нороҳат шуда аз назди он фурӯшанда баромада меравад. Дар ин маврид фурӯшанда аз надонистани ҳуқуқҳои харидор ба нафъи худ истифода кард. Чунин ҳодисаҳо ҳама рӯза дар ҳар сари қадам рух медиҳанд.

Миллионҳо одамон дар ҳаёти рӯзмараи худ ҳар сари қадам бо чунин ҳодисаҳо бархӯрд мекунанд ва онро бо унвони як ҳолати маъмулии ҳаётӣ қабул мекунанд. Аз ин ки мо қонунҳоро намедонем, маблағҳоямонро аз даст дода асабонӣ мешавем, баъзеҳо дар ин ҳодисаҳо соҳиби маблағ мегарданд.

Дар чунин ҳолат, ҳатто ҳуқуқшиноси начандон таҷрибадор низ метавонад ба мо машварати ҳуқуқӣ диҳад, ки чӣ тавр маблағҳои аз даст рафтаи худро баргардонем ва чӣ тавр муқасиронро маҷбур намоем, ки ҳаққи хизмати ҳуқуқшиноси кироягшударо пардохт намояд. Дар ин маврид Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»[1] дар Тоҷикистон амал мекунад, ки метавон аз он истифода намуд.

Яке аз омилҳои асосии рушди ҳолатҳои ришваситонӣ (корруптсия) ин надонистани қонунҳо аз тарафи шаҳрвандон дар кишвари худ мебошад. Вақте ки шахс ҳуқуқ ва вазифаҳои оддитарини худро намедонад, ҳуқуқҳои ӯ поймол мешаванд ва эҳтимол боз ӯро гунаҳгор низ намоянд. Дар чунин мавридҳо одамон омодаанд, ки дилхоҳ маблағро ба ҳар касе, ки бошад пардохт намоянд, то ба мушкилоти аз ин ҳам дида калонтар гирифтор нашаванд. Мутаасифона ин кори хубе нест. Пулҳои сиёҳ иқтисоди кишварро касод мекунанд. Чи тавре, ки дар боло қайд кардем, ба таври системавӣ поймол гардидани ҳуқуқ ва қонунҳо боиси заиф ва дар навбати худ, барҳам хӯрдани ҳар гуна давлат хоҳад шуд.

Ҳамасола дар Тоҷикистон давлат барои мубориза алайҳи ҳолатҳои ришваситонӣ (корруптсия) маблағҳои калоне харҷ мекунад. Аммо мардум ба иллати надоштани саводи ҳуқуқӣ натанҳо ба давлат ҳамкорӣ намекунанд, балки бо рафтори номатлуби хеш барои ба вуҷуд омадани ҳолатҳои корруптсионӣ мусоидат менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам ин хоҳиши иштирок надоштани мардум дар ҳаёти иҷтимоии кишвар мебошад. Мушкилии дигар дар кишвар ин муносибати ғайрифаъоли ҷавонон ба масъалаҳои ташкили тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Биёед, тасаввур кунем, ки одамон бо донишҳои кофии назариявии ҳуқуқӣ мусалаҳанд ва ин амр амалан барои ҳалли масъалаҳои пешомадаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ё ҳуқуқӣ дар шакли нисбатан босаводона мусоидат менамоянд. Ин амал боиси мустаҳакам гаштани пояи ҳуқуқӣ дар мамлакат гашта, наслҳои ояндаро дар рӯҳияи эҳтиром ба қонунҳои кишвар ва ҷаҳон дар маҷмӯъ тарбия менамояд. Барои рушд ва ташаккули тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ мисолу намунаҳои возеҳи ҳалли масоил тавассути дониш лозим аст, на бо воситаи маблағ ё шиносҳо.

Ҷомеае, ки дар он ҷо қонунҳои аз тарафи давлат муайянкардашуда поймол мегарданд, чунин ҷомеа муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта наметавонад. Яъне пояҳои давлатдорӣ заиф гардида, барҳам хӯрдани он низ мумкин аст.

Яке аз вазифаҳои асосии шаҳрванд ин хуб донистани ҳуқуқҳои худ мебошад, ки тавассути он дар зиндагӣ устуворона гом бардошта бо ҳисси эътимод ба нафс дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд умр ба сар бибарад.

Ин ҷо мо ба баррасии банди дуюми мақолаи хеш мепардозем, яъне «Масъалаи ҷустуҷӯйи кор аз тарафи ҳуқуқшиносони ҷавон пас аз хатми донишгоҳҳо». Ҳар сол мактабҳои олии ҷумҳурӣ, ба хусус ДМТ садҳо ҳуқуқшиносонро тайёр мекунанд, ки дар пайдо намудани ҷойи кор ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд [2].

Ин ҷо бояд қайд кард, ки на танҳо мактабҳои олии кишвар балки кишварҳои Руссия, Туркманистон, Эрон, Украина, Белорусия, Қирғизистон, Қазоқистон ва Хитой низ донишҷӯёни тоҷикро аз ҳисоби квотаи гуногуни дохиливу хориҷӣ мехононад. Ҳамин тариқ, худи ҷавонон ихтисосҳоеро интихоб мекунанд, ки на танҳо бозори меҳнати Тоҷикистон балки Осиёи Миёна низ аз ин гуна мутахассисон пур аст. Бадбахтона, замоне, ки довталабон ин қабил ихтисосҳро интихоб мекунанд, кам андар ками онҳо дар бораи ояндаи ихтисоси худ фикр мекунанд. Аз ҳазор шояд як нафар ихтисосеро интихоб кунанд, ки дархӯри маҳалли иқомати ӯ мебошад.

Онҳое, ки пас аз хатми донишгоҳҳо аз рӯйи ихтисоси худ кор намекунанд ё наметавонанд кор пайдо бикунанд ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, дар он ҷойҳо низ дучори мушкилии бекорӣ мешаванд. Ҷойи таассуф аст, ки каме аз довталабон дар бораи шуғли ояндаи худ фикр мекунанд. Агар фикр мекарданд, шояд ба мушкилии бекорӣ мувоҷеҳ намешуданд. Дар ин бора мо метавонем соатҳои зиёд сӯҳбат кунем. Аз ин рӯ, ин баҳсро канор гузошта, ба он мепардозем, ки чӣ тавр ба наслҳои ҷавон кӯмак намоем, ки онҳо бо чунин мушкилӣ рӯ ба рӯ нашаванд.

Якум, қабл аз он ки ихтисосеро интихоб намоянд, бояд бозори меҳнатро ҳаматарафа омӯзанд, ки кадом хели тахассус ва касбҳо дар марҳалаи кунунӣ лозиманд ва давлату кишвар тахминан дар панҷ даҳ соли оянда ба кадом намуди ихтисосу мутахассисон ниёзманд хоҳад шуд. Дар зимн барои онҳое, ки аллакай донишгоҳҳоро хатм карда, соҳиби тахассусҳои ҳуқуқшинос шудаанд, чанд роҳи пушти сар кардани ин буҳрон мавҷуд мебошад. Ҳуқуқшиносон ходимонӣ иҷтимоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, аз ҳисоби ҳуқуқшиносон метавон гурӯҳҳоеро созмон дод, ки ширкатҳои хусусӣ таҳия карда, ба аҳолӣ хадамоти ҳуқуқӣ бирасонанд. Дар ин маврид як каме маблағ барои иҷораи идора ва хариди лавозими идорӣ ва майлу хоҳиш лозим аст. Аз амалия ба хубӣ маълум мешавад, ки ҷасурӣ ва илму дониш навад дарсади муваффақият мебошад. Ҳамон тавре ки қаблан қайд карда будем, мардуми оддӣ, ба хусус муҳоҷир дар тамоми дунё дар ҳар сари қадам ба мушкилоти ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Бале, дар тамоми дунёро мо беҳуда қайд накардем, ки дар ин масъала мубрам гардидааст. Дар ҳоли ҳозир, яъне қарни 21 бо таваҷҷуҳ ба технологияи компютерии муосир метавон дафтари интернетӣ оид ба ироаи хадамоти ҳуқуқӣ таъсис дод. Барои роҳандозии ин кор чизҳои хосе лозим нест. Муқарраροте мавҷуд аст, ки ҳангоми таъсиси ширкатҳои хусусӣ бояд риоя шаванд. Ба назари мо ҳар як ҳуқуқшинос дар бораи ин муқаррарот маълумот дорад. Инчунин Қонуни ҶТ «Дар бораи хадамоти иҷтимоӣ», ки аз тарафи Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 05.01.2008 таҳти № 359 ба имзо расонидааст, мавҷуд мебошад [3]. Ин қонун имкон фароҳам овардааст, ки фаъолият дар заминаи хадамоти ҳуқуқӣ роҳандозӣ карда шавад [4]. Ман боварӣ дорам, ки ин хели фаъолиятро аксарият меписанданд ва онро бағоят шавқовар ва муҳим меҳисобанд. Аввалан, коршиносони ҷавон мушкилии собиқаи корӣ нахоҳанд дошт, чунки ҳамаи асноди ширкат қонунӣ ба расмият доварда шудааст. Андозҳо пардохт шудаанд. Дуввум, ҳаҷми даркории таҷриба андӯхта хоҳад шуд, чунки кори доимӣ бо одамоне, ки ҳуқуқҳои онҳо поймол гардидааст, ба ҳуқуқшиносон ва иқтисодчиён имкон хоҳад дод, ки дар амал ин масъалаҳоро ҳаллу фасл намоянд.

Хулоса ашхосе, ки худ чунин корҳоро пеш мебаранд ва мушкилотро ҳаллу фасл менамоянд, нисбат ба дигарон як гом ҷилавтар мебошанд. Давлати мо ҳамаи шароитҳоро барои рушди озоди

ҳар як шаҳрванд муҳайё намуда, ҳамаи захираҳоро барои оғози ҳар гуна кори ҷадид дар ихтиёр гузоштааст.


**Сарчашмаҳои ҳуқуқӣ**

1. Қонуни Ҷумуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуққои истеъмолкунандагон». Маҷлиси намояндагон, 17.11.2004. Маҷлиси Миллӣ 25.11.2004.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоӣ» 05.01.2008, №1 қисми 2 саҳ. 24.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. Душанбе. 2016.


## ОИД БА ҚОНУНГУЗОРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович**
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети ҳуқуқ, таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
тел.: 985404848, e-mail: manu_0596@mail.ru


## О ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ БАНКОВСКОГО ДЕЛА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**Мазарифов Манучехр Каримджонович**
ассистент кафедры права и международного отношения факультета права, истории и международного отношения Кулябского государственного университета им. А. Рудаки
734025, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров, 16
тел.: 985404848, e-mail: manu_0596@mail.ru


## ABOUT THE BANKING LAW IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**Mazarifov Manuchehr Karimjonovich**
assistant department of law and international relations faculty of law, history and international relations Kulob state University A. Rudaki
tel.: 985404848, e-mail: manu_0596@mail.ru



***Аннотатсия:*** *Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳимме, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба таҳлили илмӣ ниёз дорад, ин танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ мебошад. Бо назардоти ин, муаллиф дар пеши худ мақсад гузошт, ки дар мақолаи мазкур масъалаи қонунгузории фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намояд. Таҳлили масъалаи мазкур ба фаҳмиши дурусти асосҳои ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ равона мегардад.*

***Аннотация:*** *в современных условиях одним из важных вопросов, которые с юридической позиции нуждаются научному анализу это правовое регулирование банковского дела. В связи с этим, автор поставил цель, что в данной статье рассмотрит вопрос законодательство банковского дела в Республике Таджикистан. Анализ указанного вопроса направлен на правильное понимание правовых основ банковского дела.*

***Annotation:*** *in modern conditions, one of the important issues that, from a legal point of view, needs scientific analysis is the legal regulation of banking. In this regard, the author has set the goal that in this article to consider the issue of banking legislation in the Republic of Tajikistan. The analysis of this issue is aimed at a correct understanding of the legal framework of banking.*



***Калидвожаҳо:*** *фаъолияти бонкӣ, қонунгузорӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, низоми бонкӣ, Конститутсия.*

***Ключевые слова:*** *банковское дело, законодательство, Национальный банк Таджикистана, банковская система, Конституция.*

***Keywords:*** *banking, legislation, National Bank of Tajikistan, banking system, Constitution.*


Шарти ҳатмии рушди устувор ва баамалбарории муносиби бонкҳои тиҷоратӣ, ин номухолифатии дохилӣ, инъикоси воқеии равандҳо дар иқтисодиёт ва ҷомеа базаи қонунгузорӣ

мебошад. Принсипи таъмини ҳуқуқии мувофиқ ба ҳайси принсипи асосии ташаккул ва амалигардонии низоми бонкии кишвар баромад мекунад. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нақши давлат ҳамчун барандаи муқарраркунандаи меъёрҳои ҳуқуқии хоҷагидорӣ, фаъолияти молиявӣ ва довар ҳангоми ҳалли баҳсҳо меафзояд, функсияҳои контролӣ ва назоратиро барои иҷрои саривақтӣ ва амиқи қонунгузории амалкунанда мустаҳкам мекунад.

Дар ташаккули низоми бонкӣ ва амалигардии ҳар як муассисаи бонкӣ на як қонуни қабулгардида бевосита ё бавосита таъсир мерасонад. Балки, дар танзими ҳуқуқии комплексии ҳама паҳлуҳои фаъолияти низоми бонкӣ меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ҳуқуқи молиявӣ, маъмурӣ ва гражданӣ истифода мегардад.

Вобаста ба танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ метавон чунин аломатҳои онро муайян намуд, ки ба фаҳмиши дурусти танзими ҳуқуқии ин гуна фаъолият равона мегардад:

а) хусусияти бисёрсатҳа доштани танзим;

б) зиддияти санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ;

в) рушдёбандагии танзими ҳуқуқӣ.

Устувории қонунгузории бонкӣ, ки асоси низом бонкиро ташкил медиҳад, дар навбати худ зинаи калидии иқтисоди бозаргонӣ ба шумор меравад. Бинобар ҳамин, қабули қонунгузории бонкии ҷавобгӯ ба талаботи ҳолати иқтисодӣ ва инъикоскунандаи дурнамои он, чун вазифаи воқеӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Зарур аст, ки санадҳои қонунгузорие қабул намуд, ки рушди низоми бонкиро ҳавасманд гардонад, эътимодияти он, масъулият ва ҷавобгарии матақобилаи тамоми субъектони фаъолияти қарзӣ-депозитиро баланд намояд, бонкҳоро аз таъсиррасонии аз ҳад зиёди мақомоти маъмурӣ ва назоратӣ дар давоми фаъолияти онҳо муҳофизат кунад.

Низоми санадҳои меъёрии танзимкунандаи низоми бонкии Тоҷикистонро метавон дар шакли зерин муайян намуд:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

- Қонунҳои умумӣ, аз қабили Кодекси граждании ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Кодекси гумруки ҶТ, Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор”, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ” ва ғ.;

- Қонунҳои махсус (Қонунҳои ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд”);

- Санадҳои зерқонунӣ, ки дорои меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ мебошанд.

Асосҳои конститутсионии танзими фаъолияти бонкиро он меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ифода мекунад, ки дар ин ё он андоза масъалаҳои умумии асосҳои фаъолияти бонкиро муқаррар мекунанд ва ё онҳоро маҳдуд мегардонанд. Ба ин асосҳо зарур аст, ки меъёрҳои зеринро мансуб донист:

а) меъёрҳои бевосита марбут ба фаъолияти бонкӣ (м. 69, 57);

б) меъёрҳои танзимкунандаи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии шаҳрванд (ҳуқуқи озодона истифода намудани имконият ва моликият барои фаъолияти соҳибкорӣ м.12, 32).

Муқарраротҳои Конститутсия қисми ҷудонашавандаи меъёрҳои конститутсионӣ мебошад, ки баъзе муаллифон инро “Конститутсияи иқтисодӣ” [2, 128] меноманд.

Аз нуқтаи назари таъсиррасонии танзимӣ дар робита ба асосҳои конститутсионӣ принсипҳои конститутсиониро ҷудо мекунанд, ки дар худ ғояҳои умумиро ифода мекунанд. Ба ҳамин монанд, дар Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ки ҳеҷ кас аз моликияти худ маҳрум карда намешавад, ҳамчунин дигар муқаррарот талаб менамояд, ки ҳар шахс бояд андозҳо ва дигар пардохтҳои муқаррарнамудаи қонунро пардохт намояд. Ин ва дигар меъёрҳо имконият медиҳад, ки ҳангоми баррасии баҳсҳо онҳо бевосита истифода баранд, ҳатто агар дигар қонунҳо ба онҳо мухолифат намоянд.

Қонунгузории бонкӣ – соҳаи қонунгузори ҶТ мебошад, ки низоми қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти бонкиро дар бар мегирад. Асоси қонунгузории бонкии ҶТ-ро Қонунҳои ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” аз 28.06.2011 с. №722 [1], “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19.05.2009 с. №524 [1], “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” аз 16.04.2012 с. №816 [1] ташкил медиҳанд.

Қонуни ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” вазъи ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, принсипҳои такшили он, вазифа ва функсияҳои асосӣ, ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақсад ва воситаҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ, принсипҳо ва воситаҳои танзим ва

назорати бонкӣ, тартиби markдизавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, ташкили мубодила ва ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ва дигар функсияҳо ва ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” масъалаҳои зерин муқаррар гардидаанд: мафҳуми бонк ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ҳамчунин низоми бонкии ҶТ, номгӯи амалиётҳои бонкӣ, принсипҳои ҳамкории бонкҳо бо муштариён ва давлат, тартиби таъсиси бонкҳо, бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии фаъолияти онҳо (аз он ҷумла, бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ), асосҳои бозхонди иҷозатнома барои машғул шудан ба амалиётҳои бонкӣ, мафҳуми “сирри бонкӣ”, принсипҳои ҳисобот ва ҳисоботдиҳӣ, тартиби тафтиши аудиторӣ. Танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ ҳамчунин, тавассути Кодекси граждании ҶТ, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Дар шароити муосир, санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон қабулгардида амал мекунанд, ки масъалаҳои вобаста ба тартиби бақайдгирии бонкҳо ва литсензиякунонии фаъолияти бонкӣ, муқаррарнамоии меъёрҳои ҳатмии фаъолияти онҳо ва тартиби татбиқи чораҳо ба бонкҳо дар ҳолати вайрон намудани талаботи қонунгузории бонкӣ аз ҷониби онҳо, аз он ҷумла тартиби бозхонди иҷозатнома, тартиби баамалбарории ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва танзими дигар масъалаҳои фаъолияти бонкии ҶТ фаро мегирад.

Метавон ба акидаи Н.С. Малеин розӣ шуд, ки ба назари ӯ на танҳо Суди конститутсионӣ, ҳамчунин судҳои умумӣ низ метавонан ҳангоми баррасии парвандаҳо “мазмуни қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии мазкурро муайян намоянд ва дар ҳама ҳолатҳои зарурӣ Конститутсияро ба сифати санади бевосита амалкунанд истифода баранд” [3, 12-19]. Воситаи мурофиавии ҳалли ин гуна масоилҳо метавонад боздоштани истеҳсолот оид ба парванда ва дархост ба Суди конститутсионии ҶТ дар бораи конститутсионӣ будани ин ё он қонунҳо бошад.

Ба ғайр аз принсипҳои умумии конститутсионӣ, ҳамчунин меъёрҳо-принсипҳоро метавон ҷудо намуд, яъне ҳамон меъёрҳои конститутсионие, ки дар қабули қонунҳои соҳавӣ лозим нестанд, аммо дорои ифодаёбии аниқи танзимӣ мебошанд.

Дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ба сифати чунин принсипҳо метавон он меъёрҳоеро мансуб донист, ки тартиби таъини роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва масълияти онро танзим мекунанд. Масалан, мувофиқи моддаҳои 57, 69 Конститутсияи ҶТ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, ки бо ташаббуси Президенти ҶТ сурат мегирад, дахл дорад.

Дар бозори хизматрасонии молиявӣ ягона истеҳсолкунандаи пул Бонки милии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ягон санади меъёрии ҳуқуқии дигар барои ин масъала талаботи дигарро муқаррар накардааст. Он меъёри шабеҳе, ки дар Қонуни ҶТ “Бонки милии Тоҷикистон” [1] ифода ёфтааст, танҳо маънии такрори муқаррароти мавҷудаи меъёри қонун мебошад.

Ба ақидаи муаллиф, аҳамияти асосҳои конститутсионии ҳуқуқи бонкӣ аз инҳо иборат аст:

Якум, онҳо фаъолияти бонкиро, ки ба реҷаи ҳуқуқии он, яъне соҳибкорӣ паҳн мегардад, танзим мекунад ва озодии ҳаракти мол, хизматарасонӣ ва воситаҳои молиявиро муқаррар менамояд (м. 12. Конститутсияи ҶТ). Дар дар доираи Конститутсия амалигардонии фаъолияти соҳибкориро кафолат медиҳад ва нисбати он як қатор принсипҳо ва қоидаҳоро пешбинӣ мекунад. Дар байни принсипҳо метавон муқарарратҳои дар м. 12 Конститутсияи ҶТ, яъне озодии фаъолияти иқтисодӣ, рақобат, ҳифзи баробари тамоми шаклҳои моликият ва ғайраро муқаррар намуд.

Дуюм, асосҳои конститутсионӣ ҳадди аққал кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии бонкиро, ки наметавонанд тавассути меъёрҳои махсуси бонкӣ маҳдуд гарданд, муқаррар мекунад.

Сеюм, меъёрҳои конститутсионӣ асосҳоро барои танзими ҳуқуқии якранги бонкӣ фароҳам меоварад.

Санадҳои байналхалқии танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ, дорои он хусусиятҳое мебошад, ки ба дигар санадҳои байналхалқӣ мансубанд:

а) онҳо одатҳо мебошанд, ки дар амалия ва ё шартномаҳо муқаррар шудаанд;

б) механизми таъминкунандаи амалигардонии онҳо (яъне, фаъолияти бонкӣ) мебошад;

в) ин меъёрҳо дар инъикоси худро дар қонунгузории миллӣ ёфтаанд.

Конститутсияи ҶТ дар қ. 4 м. 10 афзалияти ҳуқуқи байналхалқиро нисбати ҳуқуқи миллӣ мустаҳкам намудааст. Ба таври воқеӣ, ин кушиши унификатсикунонии санадҳои байналхалқӣ дар фаъолияти бонкӣ аст, ки бинобар ҳамин, нақши онҳо хеле афзудааст. Маълум аст, ки барои

таъмини самаранокии ҷараёни ҳаракати пул, зарур аст, ки масалан истилоҳи “аккредитив” барои тамоми иштирокчиёни муосибатҳои пардохтӣ, новобаста аз он, ки дар кадом қонунгузории миллӣ қарор дорад, фаҳмиши ягона муайян карда шавад. Агар бонкҳои давлатҳои мухталиф ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва амалиётҳоро ба таври гуногун истифода ва шарҳ диҳанд, дар ин сурат на танҳо самаранокии амалиётҳои пардохтӣ, балки имкони бамалбарории онҳо низ зери суол мемонад. Санадҳои асосии байналхалқӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ дар шароити муосир фарогири се гуруҳи санадҳо мебошад.

Якум гуруҳ, санадҳое, ки қоидаҳои амалӣ намудани намудҳои алоҳидаи амалиётҳои бонкиро дар бар мегирад (қоидаҳои ягона вобаста ба инкассо, қоидаҳо ва одатҳо ягона барои аккредитивҳои ҳуҷҷатӣ, қонунҳо ва роҳбарияти намунавӣ оиб ба интиқоли байналхалқии қарзӣ, интиқоли воситаҳои электронӣ, қоидаҳои ягона оид ба кафолатҳои шартномавӣ вобаста талаботи якум).

Махсусияти ин санадҳо дар он ифода мегардад, ки амали онҳо ба ҳамаи иштирокчиёни ин ё он амалиёт, бе ягон далеловарӣ ба таври автоматӣ паҳн мегардад. Агар тарафҳо нахоҳанд, ки ин ба вуҷуд ояд, пас онҳо метавонанд, ки дар шартнома қайд намоянд.

Қоидаҳо ва одатҳо ягона барои аккредитивҳои ҳуҷҷатӣ. Вобаста ба табиати ҳуқуқии ин санадҳои чунин хулоса бароварда мешавад, ки амалан дар ҳар яки ин намунаи чунин меъёрҳо мавҷуд аст, масалан қоидаҳои ягона вобаста ба инкассо (дар таҳрири с. 1995) муқаррар мекунад, ки “ин муқарраротҳо ва мафҳумҳо ва моддаҳои минбаъда барои ҳама намуди инкассо истифода мешавад ... ва барои тамоми тарафҳои манфиатдор ҳатмӣ мебошад, агар ба таври бевосита ба мувофиқа нарасида бошанд...”.

Дуюм гуруҳ, меъёрҳои конвенсияҳои дутарафа ва бисёртарафаро ташкил медиҳад, ки дар ҳудуди давлатҳои имзокунанда амал мекунад. Миёни чунин конвенсияҳо метавон пеш аз ҳама, Конвенсияи Женева дар бораи векселҳои интиқолӣ ва оддӣ, Конвенсия дар бораи чекҳоро қайд намуд. Дар ин ҷо мумкин аст, ки конвенсияҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ, ки мумкин аст барои дастрасии иттилооти бонкӣ, руёнидани воситаҳои пулии дар суратҳисоби бонкӣ қарордошта истифода гарданд.

Сеюм гуруҳро бошад, стандартҳои байналхалқии бонкии алоҳида, ки аз ҷониби Ташкилоти байналхалқӣ оид ба стандартизатсия таҳия гардидаанд ташкил медиҳад. Ба кумита-аъзоёни он ташкилотҳои миллии бо ҳам монанд омил мегарданд. Ин стандартҳоро кумитаҳои техникӣ каҳия мекунанд ва онҳо фарогири маҷмуи талаботҳои техникӣ вобаста ба барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои бонкӣ мебошад, ки риояи онҳо аҳамияти ҳуқуқӣ дошта, дар амалияи байналхалқии бонкӣ истифода мегардад.

Дар шароити муосир, ин намуди стандартҳо вобаста ба имзои шахсони расмӣ амал мекунад, ки шахсони ваколатдор ҳуҷҷатҳои бонкӣ, супоришҳо прадохтӣ, интиқоли маблағ тавассути чеки бонкӣ, ташкили рамзгузорӣ ва намудҳои гуногуни варақаҳои ҳаммонанд имзо мегузоранд. Ин ва дигар санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ дар худ қоидаҳо ва одатҳои зиёдро ифода мекунанд, ки ҳангоми ҳалли баҳсҳо ба онҳо такя карда мешавад. Ба ин монанд, масалан дар моддаи 1-и Қоидаҳои ягона вобаста ба инкассо муайян менамояд, ки бонкҳо бовиҷдонона бояд амал намоянд. Якчанд меъёри дигари ин санад, ҳамчунин ба назари мо муқаррар мекунад, ки дар асоси одати бонкӣ бонҳо масъулиятро барои иҷрои уҳдадорӣ дар шакли натура, ки вобаста ба пардохт сурат гирифта мешавад, ба зимма намегирад (с. 4).

Ҳамин тавр, аҳамияти ҳуқуқии меъёрҳои баррасигардида дорои хусусияти духела мебошад:

а) онҳо бевосита нисбати тамоми амалиётҳои бонкӣ, ки берун аз ҳудуди як давлат қарор дорад, истифода мешаванд;

б) қоида ва одатҳои дар онҳо тавсифшударо мумкин аст, ки ҳангоми амалигардонии қонунгузории миллӣ истифода намуд, агар онҳо ба ин намуди одатҳо равона шуда бошанд.

Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ зурур аст, ки қонунҳо умумӣ ва махсусро ҷудо намуд, ки татбиқи онҳо дар бисёр ҳолатҳо мукилиҳо эҷод менамояд.

Ба сифати қонунҳои умумӣ нисбати бонкӣ инҳо баромад мекунанд: Кодекси граждании ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Кодекси гумруки ҶТ, Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор”, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ” ва ғ., ки дар ин ё он шакл тартиби баамалбарории фаъолияти бонкии ташкилотҳои қарзиро танзим мекунанд.

Ин ва як қатор дигар қонунҳо, бояд нисбати бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ татбиқ гардад, агар меъёрҳои махсуси бонкӣ ягон намуди дигари қоида ё маҳдудиятро муқаррар накарда бошад.

Нисбати ин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар он ҳолате рӯ овардан зарур аст, ки агар танзими махсус мухолиф ва ё нокифия бошад.

Қонунҳои умумӣ пеш аз ҳама муқарраркунандаи талаботҳои умумӣ нисбати шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Бо назардошти он, ки бонкҳо дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ таъсис дода мешаванд, ин талаботҳо нисбати бонкҳо низ паҳн мегардад. Аммо, дар баъзе мавридҳо, масалан тартиби ташкили сармояи оинномавии бонкӣ дар Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидааст қоидаҳои умумӣ амал намекунанд.

Ба қонунҳои махсуси бонкӣ, ҳамчун гуруҳи асосии санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ, яъне низоми санадҳои қонунгузорие ба монанди, Қонунҳои ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" аз 28.06.2011 с. №722 [1], "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" аз 19.05.2009 с. №524 [1], "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" аз 16.04.2012 с. №816 [1] мансуб аст.

Қонунгузории махсуси бонкӣ айни ҳол дар шакли ниҳоӣ мукаммал нагардидааст. Самти асосии такмили қонунгузории махсуси бонкӣ ба ғайр аз қабули қонун, бояд кодификатсияи онҳо роҳандозӣ бошад, ки ин имкон медиҳад, ки тамоми маводҳои асосии меъёрии қонунгузории бонкиро мавриди таҳлил қарор дод ва ҳуқуқи бонкиро ҳамчун соҳаи ҳуқуқ муайян намуд, ҳамчунин алоқаи васеи санадҳои меъёриро таъмин кард. Қонунгузории махсуси бонкӣ бояд ба талаботи умумии таъзими ҳуқуқии муомилоти хоҷагидорӣ ва принсипҳо ва кафолатҳои конститутсионӣ мувофиқ бошад. Ҳамзамон, қонунгузории махсус қоидаҳо ва талаботҳои оммавӣ-ҳуқуқиро ҷорӣ менамояд, ки моҳиятан аз қоидаҳо ва талаботҳои танзими ҳуқуқии хусусӣ фарқ мекунанд, масалан меъёрҳо оид ба тартиби ташкили сармояи оинномавӣ, дар бораи тағйири миқдори фоизҳо вобаста ба пасандозҳои фаврӣ бо тартиби яктарфа ва ғ.

**Рӯйхати адабиёт**

1. Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии CD - ROM. Душанбе, 2018;

2. Викулин А.Ю. Тосунян Г.А. Экмалян А.М. Банковское право Российской Федерации. Общая часть: Учебник. М.1999;

3. Малеин Н.С. Правовые принципы, нормы и судебная практика. // Государство и право. 1996. № 9.

## ТАНОСУБИ ОШКОРО ВА ИХТИЁРӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Маматкулов Азиз Абдуназарович**
омузгори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика
Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30
тел .:( 992) 918-66-35-44 почтаи электронӣ: mamatkulov83@inbox.ru

## СООТНОШЕНИЕ ПУБЛИЧНОСТИ И ДИСПОЗИТИВНОСТИ В УГОЛОВНОМ СУДОПРОИЗВОДСТВЕ

**Маматкулов Азиз Абдуназарович**
преподаватель кафедры уголовного процесса и криминалистики
Российско-Таджикский (Славянский) университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30
тел.:(992)918-66-35-44 email: mamatkulov83@inbox.ru

## CORRELATION OF PUBLICITY AND DISCRETION IN CRIMINAL PROCEEDINGS

**Mamatkulov Aziz Abdunazarovch**
lecturer of the Department of criminal process and criminalities
Russian-Tajik (Slavonic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tursunzade str., 30
tel: (992)918-66-35-44 email: mamatkulov83@inbox.ru

***Шарҳи мухтасар**. Ин мақола иртиботи байни принсипҳои ошкорбаёнӣ ва бетарафӣ дар мурофиаи ҷиноятиро баррасӣ мекунад.*

***Аннотация**. В данной статье изучается соотношение принципов публичности и диспозитивности в уголовном судопроизводстве.*

***Annotation**. this article explores the relationship between the principles of publicity and discretion in criminal proceedings*

.

***Калидвожаҳо:** принсип, ошкорбаёнӣ, бетарафӣ, мурофиаи ҷиноӣ, ҷиноят, давлат, шахс.*

***Ключевые слова:** принцип, публичность, диспозитивность, уголовное судопроизводство, преступление, государство, личность.*

***Keywords:** principle, publicity, dispositiveness, criminal proceedings, crime, state, person*

Мо моҳияти принсипи ошкорбаёниро мутобиқи моддаи 3 КМҶ муайян менамоем. Бояд қайд кард, ки моҳияти ин принсип дар он аст, ки мақомоти тафтишот, муфаттиш ва прокурор, бешубҳа ва бебаҳс бояд дар доираи салоҳияти худ парвандаи ҷиноятиро дар ҳар як ҳолати ошкор кардани аломатҳои ҷиноят оғоз намоянд ва чораҳои муқаррарнамудаи қонунро барои муайян кардани шароити воқеии ҷиноят истифода баранд ва субъект, ки новобаста аз андешаи (талаботҳои) тарафҳои манфиатдор (ҷабрдида, адвокат ва ғайра) дар содир намудани он гунаҳгор аст.

Ҳамин тавр, олимони муосир бешубҳа, ошкоро ҳамчун ошкорбаёнии мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамчун қобилияти суд шунидани овози ҳама ва на танҳо қавитарин иштирокчиёни онро баррасӣ мекунанд [5,65].

Бояд қайд кард, ки ошкорбаёнӣ як принсипи ҳуқуқист, ки мувофиқи он шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ бояд ба номи ӯ ва ба манфиати вай таъсир расонанд. Дар ҳолатҳои бархурди манфиатҳои давлат ва шахс, парвандаи аввал афзалият дорад. Диспозитсия ҳамчун принсипи қонун баръакс, ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки бо салоҳдиди худ қонунҳои амалиётӣ ва мурофиавии худро бидуни муроҷиат ба кӯмаки давлатӣ ихтиёр кунанд. Дар шароити бетарафӣ, манфиатҳои шахсии шаҳрванд назар ба манфиатҳои рақобаткунандаи давлатӣ қиматтар аст.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, метавон қайд кард, ки дар дигар соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ, принсипи ошкоро, бешубҳа ба принсипи бетарафӣ мухолифат мекунад, ки ин бетарафии ихтиёрии иштирокчиёни ин равандро аз ҳуқуқҳои худ нишон медиҳад. Албатта, пояҳои мусбат дар мурофиаи ҷиноятӣ доираи маҳдуд доранд [4].

Дар айни замон, дар ҳамоҳангии асосҳои иловагии ҷамъиятӣ ва диспозитсионии ҷиноӣ воқеан дар он се намуди айбдоркунӣ вуҷуд дорад: давлатӣ, шахсӣ ва хусусӣ - давлатӣ.

Ҳамин тавр, айбдоркунии давлатӣ ин фаъолияти мақомоти тафтишот, муфаттиш ва прокурор барои оғоз намудани мурофиа бо сабаби иҷрои вазифаҳои хизматӣ, бе дарназардошти иродаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад [5,72].

Ҳамин тариқ, айбдоркунии хусусӣ дар парвандаҳои ба ном айбдоркунандаи хусусӣ иҷозат дода мешавад, ки ба онҳо бешубҳа дохил мешаванд [2]:

а) қасдан расонидани зарари начандон вазнин ба саломатӣ (моддаи 115 Кодекси ҷиноятӣ);

б) латукӯб (моддаи 116 Кодекси ҷиноятӣ);

в) туҳмат дар ҳолати мавҷуд набудани ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми 1, моддаи 129 Кодекси ҷиноятӣ);

г) таҳқир (моддаи 130 Кодекси ҷиноятӣ).

Ҷиноятҳои хусусӣ инҳоро тавсиф мекунанд:

- оғози мурофиаҳои судӣ танҳо дар асоси шикояти ҷабрдида (прокурори хусусӣ) ё намояндаи қонунии он. Дар сурати вафоти ҷабрдида хешовандони наздики ӯ низ чунин ҳуқуқ доранд;

- бо пешниҳоди шикоят ба судяҳои ҷаҳонӣ мурофиа оғоз карда мешавад;

Имкони хотима ёфтани мурофиа барои оштӣ кардани тарафҳо, то суд ба хонаи машваратӣ барои баровардани ҳукм;

- имконияти оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор ва фиристодани ӯ барои гузаронидани тафтишоти пешакӣ, агар ҷабрдида бо ҳолати ногувор ё бо дигар сабабҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда натавонад;

- ҳатто тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки мусолиҳа кунанд, агар прокурор парвандаи ҷиноятиро оғоз кунад (моддаи 27.468 Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ).

Айбдоркунии хусусӣ-умумӣ хусусияти фаъолияти ба ҳам алоқаманди ҷабрдида, мақомоти тафтишот, муфаттиш ва прокурор дар оғоз кардан ва таҳқиқи парвандаи ҷиноятии айбдоркунии давлатӣ ва хусусист.

Парвандаҳои айбдоркунии давлатӣ ва хусусӣ таҷовузро бидуни ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми 1 моддаи 131 Кодекси ҷиноятӣ), вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми 1 моддаи 146 Кодекси ҷиноятӣ) ва вайронкунии ҳуқуқҳои ихтироъӣ ва патентиро, бидуни вазнинкунӣ дар бар мегиранд, ҳолатҳои (қисми 1 моддаи 147 Кодекси ҷиноятӣ) [2].

Айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ, ки тавсиф карда мешавад:

- Танҳо оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, бо шикояти ҷабрдида;

- Мавҷудияти маводи омодагии то судӣ;

- Имконнопазирии хотима ёфтани парванда пас аз оштӣ кардани тарафҳо;

- ҳуқуқи прокурор, ки парвандаи ҷиноятии айбдоркунии давлатӣ ва хусусӣ оғоз карда мешавад, дар сурати набудани шикояти ҷабрдида дар ҳолатҳои дар моддаи 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.

Бояд қайд кард, ки ошкорбаёнӣ бевосита дар раванди ҷиноӣ ин аз ҷониби қонун баровардани ҳокимияти давлатӣ оид ба тафтиш ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ тавассути маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шахсони фошшуда ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсон аз ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноӣ мебошад, ки аз ҷониби маҷмӯи шахсони алоҳида (ҷомеа) ҳамчун зарурати объективӣ эътироф карда мешаванд. [3].

Ноустуворӣ инчунин як ниҳоди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, маҷмӯи қоидаҳоест, ки эҳтимолияти бартарӣ ба рафтор дар доираи муайянкардаи қонун ва таъсири иштирокчиёни ин раванд ба ҷараён ва натиҷаи парвандаи ҷиноятиро таҳти назорати давлат танзим мекунанд. Диспозитсия ба таблиғот тобеъ аст. Чандинфаҳмӣ ва гуногунрангии ҳаҷми рисолаҳои ҳуқуқии таҳлилшуда, ба онҳо имкон намедиҳад, ки ба низоъ бархӯрдор шаванд.

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари антагонистӣ оид ба ошкорбаёнӣ ва бетарафӣ дар доктринаи мурофиаи ҷиноятӣ ба таври сунъӣ сохта шуданд, зеро дарки беасоси маҳдуд будани ошкорбаёнӣ ҳамчун вазифаи муфаттиш, прокурор, суд барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолати ошкор шудани аломатҳои ҷиноят ба таври сунъӣ сохта шудааст. Аз ин рӯ, диспозитсия дар аввал ба маънои "васеъ" фаҳмида шуд. Дар асл, чунин фаҳмиш бархурдҳоро ба бор овард ва баъзан ин хатогиҳои олимони алоҳида буд [4].

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, давраи мантиқии пайдоиши дигаргуниҳои демократӣ дар ҷомеа табдил додани қонунгузории Россия, эълон дар сатҳи конститутсионии хоҳиши Русия барои бунёди волоияти қонун буд, ки нияти зиёд кардани кафолатҳои давлатии манфиатҳои инсонро дорад.

Бояд қайд кард, ки мутобиқи Конститутсияи Федератсияи Русия ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон афзалият доранд ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо на танҳо аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, балки адолат низ таъмин карда мешавад, ки тағйири афзалиятҳоро дар байни манфиатҳои аз ҷониби давлат дар ҳама сатҳҳои дастгоҳи давлатӣ ҳимояшаванда тасдиқ менамояд.

Дар рафти тафтишоти пешакӣ кафолатҳои давлатии муҳими ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, яъне дар он марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар он принсипҳои ошкорбаёнӣ ва қонуни баҳсие, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандонро кафолат медиҳанд, ҳамон андоза дар суд татбиқ карда намешавад. Дар

асоси гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки давлат вазифадор аст чунин системаи кафолати ҳуқуқҳои иштирокчиёни равандро таъсис диҳад, ки қодир аст ҳифз ва самараноки барқароркунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро, ки дар ҷараёни тафтишот поймол карда шудааст, таъмин намояд.

Ҳамин тавр, дар асл масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон тавассути мурофиаи ҷиноятӣ мустақиманд, зеро он раванди ҷиноӣ мебошад, ки доираи фаъолиятест, ки дар он давлат ҳаёти шахсии шахсро ишғол мекунад, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии ӯро маҳдуд мекунад ва маҷбур месозад.

Бешубҳа, рушди ҷиноёти ҷиноятӣ бо ҳамбастагӣ ва ҳамбастагии ду мухолиф - хусусӣ ва давлатӣ вобаста аст. Воқеан, ҷиноёти ҷиноятӣ кафолати ҳифзи ҷомеа аз ҷиноят ва ҳамзамон кафолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрванд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, маҳкумият ва ҷазои беасос мебошад.

Дар навбати худ, масъалаи муносибати марбут ба манфиатҳои давлатӣ ва хусусӣ нисбат ба протсесси ҷиноятӣ метавонад ҳамчун масъалаи муносибатҳои байни принсипҳои ошкоро ва ихтиёрӣ ба таври маҳдудтар гузошта шавад.

Ҳамин тариқ, принсипи ошкорбаёнӣ, ки мувофиқи он мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор аз номи давлат ба манфиати ҷамъиятӣ амал мекунанд, принсипи асосӣ, роҳнамои раванди ҷиноӣ ҳисобида мешавад. Аз як тараф тамоми ҷараёни ин равандро танҳо ба фармони қонун тобеъ намуда, аз шахси воқеӣ талабҳои муқарраршударо иҷро мекунад. [5,120].

Аз тарафи дигар, гипертрофияи принсипи ошкорбаёнӣ танҳо аз ҷониби инсон инъикос меёбад, дар асл ин беҳурматӣ нисбати шахсият аст, ки изҳори иродааш дигар ба назар гирифта намешавад, эҳтимолан ба манфиати худи вай. Илова кардани принсипи ҷамъиятӣ ба принсипи диспозитивӣ, сохтани раванди ҷиноӣ дар заминаи омезиши оқилонаи онҳо бо мақсади ҳимояи дурусти манфиатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсии шаҳрвандоне, ки ба парвандаи ҷиноятӣ ҷалб шудаанд, дар ниҳоят ноил гардидан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ хизмат мекунад.

Мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун як намуди махсуси фаъолияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ҳалли ду вазифаи асосиро талаб мекунад:

1) ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷабрдидагони ҷиноят;

2. Ҳимояи шахсони дар мурофиаи судии ҷиноятӣ пешгирифта аз намудҳои гуногуни маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ ва беасос ба ҳуқуқу озодиҳои онҳо.

Ишорае, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ на танҳо бо таъқиби ҷиноятӣ ва ҳукм, балки инчунин рад кардани таъқиби суди одамони бегуноҳ, раҳоӣ аз ҷазо ва офиятбахшии ҳар касе, ки беасос таъқиб карда шудааст, имконоти тафсирро истисно мекунад, далели қатъи парвандаи ҷиноятӣ (новобаста аз асосҳои он) ҳамчун далели ғайриқонунӣ ё беасос будани қарори оғоз кардани парванда [5,125].

Ба зиммаи мақомоти давлатӣ гузоштани ӯҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолати конститутсионии мурофиаи ҷиноятӣ ба манфиати ашхоси иштирокчии парванда мебошад. Аммо ташкили мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар асоси ихтиёрӣ наметавонад ба ҳадди аксар манфиатҳои ҳимояи ҳар як шахси алоҳидаро, ки ба доираи фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ мансуб аст, таъмин намояд. Кафолати эҳтиром ба шахс, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо риояи қатъии қонун, балки муқаррар намудани соҳаи фаъолият ва мустақилияти шахс мебошад.

Озодии шахс барои амалӣ сохтани ҳуқуқҳои худ дар қарори мусбӣ оид ба масъалаи роҳ додани бетарафӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ муттаҳид карда мешавад. Фаъолияти пурқуввати шахсони хусусӣ барои ҳифзи манфиатҳои онҳо дар парвандаи ҷиноӣ мазмуни принсипи бетарафӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, бетарафӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ озодии шахсияти хусусие мебошад, ки аз натиҷаи парванда манфиатдор аст ва ихтиёрдории ҳуқуқҳои моддии онҳо ва мувофиқи салоҳдиди худ, ҳуқуқҳои мурофиавие, ки ба пайдоиш, ҳаракат ва қатъи мурофиаи ҷиноятӣ таъсир мерасонад, дар ҳолатҳое, ки ин бевосита дар қонун пешбинӣ шудааст.

Зарурати муқаррар кардани ҳудуди қонунии озодии шахсони манфиатдорро манфиатҳои ҷамъиятӣ, ки ба манфиати ҷамъият ва манфиати ҷамъиятӣ, аз ҷумла пешгирии вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии тамоми шахсони дар ин раванд иштироккунанда равона карда шудаанд, муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, дар категорияҳои ошкорбаёнӣ ва диспозитсия таносуби манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, муносибати давлат ба шахс ифода карда мешавад. Ошкорбаёнӣ принсипи ҳуқуқист, ки мувофиқи он шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки аз номи ӯ ва ба манфиати вай амал кунанд. Диспозитсия, чун принсипи қонун, баръакс, ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки бо ихтиёри худ ҳуқуқҳои моддӣ ё мурофиавии худро бидуни кумак ба давлат ихтиёрдорӣ кунанд [4].

Бо дарназардошти он, ки муносибат ба инсон доираи ҳуқуқу озодиҳои вай меъёри муҳимтарини волоияти қонун мебошад, ки татбиқи принсипи рақобатпазириро дар адолати судӣ таъмин мекунад, ба хулоса омада метавонем, ки рақобатпазирии афзуда, боиси васеъшавии доираи номутобиқат дар мурофиаҳои судӣ мегардад.

Омӯзиши масъалаи ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ, вобаста аз афзалиятҳои муқарраршудаи кушодани ҷиноят ё таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ду модели раванди ҷиноятиро фарқ кардан мумкин аст - "назорати ҷиноят" ва афзалияти "ҳуқуқи инсон". Тамаркузи раванди ҷиноӣ ба таъмини «ҳуқуқҳои инсон» эътирофи озодии шахсро барои ҳимояи ҳуқуқҳояш талаб мекунад.

Диспозитсия шакли ҳуқуқии татбиқи озодиҳои шахсӣ ва воситаи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахс дар ҷараёни мурофиавӣ мебошад.

Дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ унсурҳои бетарафӣ дида мешаванд, ки чунин як категорияи парвандаҳо ба монанди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ вуҷуд доранд (моддаҳои 115, 116, қисми 1 моддаи 129, моддаи 130 Кодекси ҷиноятӣ), ки бо пешниҳоди ариза ба ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ оғоз мешавад.

Моддаи 318 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Федератсияи Россия муқаррароти хеле муҳимро дар бар мегирад, ки парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби прокурор дар ҳолатҳое оғоз карда мешавад, ки ҷабрдида бинобар ҳолати ногувор ё бо сабабҳои дигар ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда натавонад. Дар ин ҳолатҳо, прокурор парвандаи ҷиноятии ӯро оғознамударо барои гузаронидани тафтишоти пешакӣ роҳнамоӣ мекунад. Бояд қайд кард, ки дар қисми 4 мод. 318 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия як навигарӣ дорад, ки мувофиқи он ворид шудани парванда ба прокурор прокурорро аз ҳуқуқи мусолиҳа маҳрум намекунад, хотимаи парвандаи ҷиноятӣ дар сурате сурат мегирад, ки агар мусолиҳа қабл аз баровардани судя ба хонаи машваратӣ гузаронида мешуд.

Парвандаҳои ҷиноятии хусусӣ ва оммавӣ (қисми 1 моддаи 131, қисми 1 моддаи 146, қисми 1 моддаи 147 Кодекси ҷиноятӣ) танҳо бо шикояти ҷабрдида оғоз карда мешаванд, вале набояд бо мурофиа хотима дода шаванд. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо, манфиати шахсии ҷабрдидагон аз ошкор кардани ҷиноят ва ҷазои гунаҳгор муҳимтар эътироф карда мешавад [2].

Бо вуҷуди ин, қонун оғози диспозитсионии ҷиноиро мустақиман ва ба таври назаррас маҳдуд мекунад, ки оғози парвандаи ҷиноятии таъқиби хусусӣ ва давлатӣ ва хусусӣ бо салоҳдиди прокурор имконпазир аст, агар вай чунин шуморад, ки парванда дорои аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ мебошад ё ҷабрдида наметавонад ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя кунад мустаҳкамии ҳолати нотавон, вобастагӣ аз айбдоршаванда ё бо сабабҳои дигар. Дар ин ҳолатҳо, парванда хусусияти ҳуқуқии ҷамъиятӣ дорад. Чунин ба назар мерасад, ки дар ин ҷо принсипи ҷомеа беасос васеъ карда шудааст, зеро аксар вақт ин ба назар гирифтани пинҳон кардани манфиатҳои қонунии қурбонии рӯҳан солим ва қобилиятнок, ҳатто дар ҳолати нотавон мебошад. Нишондод дар қонуни "дигар сабабҳо", ки прокурорро ба оғоз кардани парванда водор мекунад, салоҳияти ӯро беэътимод мегардонад, аммо розигии ҷабрдидаро барои оғози парвандаи ҷиноятӣ бояд ба даст орад.

Ҳамин тариқ, нофаҳмиҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ дар он далолат мекунанд, ки ҳангоми баррасии парвандаи шаҳрвандӣ қоидаҳои муайяни мурофиаи шаҳрвандӣ татбиқ карда мешаванд,

агар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Русия тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад. Аммо, ҳамчун як қисми мурофиаи ҷиноятӣ, инҳо мустақиман имконпазиранд:

а) даст кашидан аз эътироз ва эътирофи даъво;

б) ба суд супоридани баррасии даъво, ки дар мурофиаи гражданӣ амал мекунад;

в) созишномаи тарафҳо.

Бешубҳа, ташаккули принсипи дискриминатсия ба пуррагӣ дар мустаҳкамкунии ҳуқуқи айбдоршаванда оид ба дархост кардани ҷазо бе суд, агар айбдоршаванда бо айб розӣ бошад [4] инъикос ёфтааст.

Дар хотима, мустақиман қайд кардан мехоҳам, ки оғози мусбӣ метавонад бо истино ба парвандаҳои хусусии айбдоркуниҳои хусусӣ, масалан дуздии хурд, садамаҳои автомобилӣ бе оқибатҳои вазнин ва баъзе дигар ҳолатҳо тақвият дода шавад.

**Рӯйхати адабиёт**

1. Конститутсияи Федератсияи Россия. - М.: Бунёди Илми иҷтимоӣ дар Маскав, 1997.- 702 с.

2. Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия. - М.: Publ. «Имтиҳон», 2005. - 192 с.

3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Русия. - М.: ТС Velby, 2005. - 592 с.

4. Александров А.С. Нофаҳмиҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ. - Нижний Новгород: Институти ҳуқуқшиносии Нижний Новгород Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия, 2008. - 207 с.

5. Безлепкин Б.Т. Раванди ҷиноятӣ. - М.: ТС Velby; Publ. Дурнамо, 2004. - 480 с.

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҶИНОЯТКОРӣ ДАР НАМУДИ ЯКУМРА МАҲРУМ СОХТАН АЗ ОЗОДӣ ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**Назарзода Рамзагули Ғанӣ**
Омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистии
Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, к. М. Турсунзода 30
тел: 988-88-45-44 почтаи электронӣ: rami_1293@mail.ru

## ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ НАКАЗАНИЯ В ВИДЫ ПОЖИЗНЕННОГО ЛИШЕНИЯ СВОБОДЫ В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

**Назарзода Рамзагули Гани**
преподаватель кафедры уголовного процесса и криминалистики
Российско-Таджикский (Славянский) университет
734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30
тел.: 988-88-45-44 e-mail: rami_1293@mail.ru

## HISTORY OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF PUNISHMENT IN TYPES OF LIFE-ORDER IMPRESSION IN THE RUSSIAN FEDERATION

**Nazarzoda Ramzaguli Gani**
lecturer Department of Criminal Process and Criminalistics
Russian – Tajik (Slavonic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tursunzade str., 30
ph..: 988-88-45-44 e-mail: rami_1293@mail.ru

***Шарҳи мухтасар.*** *Ин мақола ба таърихи ташаккул ва рушди ҷазои ҳабси якумра дар Русия бахшида шудааст. Аз ин лиҳоз, ба таҷрибаи таърихии татбиқи он дар Русия муроҷиат кардан зарур аст ва инкишофи ин намуди ҷазо аз лаҳзаи пайдоиш то рӯзҳои мо бояд мушаххас*

*карда шавад, ки хусусиятҳои истифодаи он дар давраҳои гуногуни таърихӣ ошкор карда шаванд.*

***Аннотация.*** *Настоящая статья посвящена история становления и развития пожизненного лишения свободы в России. В этой связи необходимо обратиться к историческому опыту его применения в России и проследить развитие этого вида наказания с момента его возникновения до сегодняшнего дня, выявив особенности применения в различные исторические периоды.*

***Annotation***. *This article is devoted to the history of the formation and development of life imprisonment in Russia. In this regard, it is necessary to turn to the historical experience of its application in Russia and to trace the development of this type of punishment from the moment of its occurrence to the present day, revealing the peculiarities of application in various historical periods.*

***Ключевые слова:*** *история становления и развития пожизненного лишения свободы, пожизненное лишения свободы, эволюция наказания, уголовно-правовое, общественная опасность.*

***Калидвожаҳо:*** *таърихи ташаккул ва рушди маҳрумият аз озодӣ дар ҳаёт, ҳабси якумра, таҳаввулоти ҷазо, қонуни ҷиноӣ, хатари ҷамъиятӣ.*

***Keywords:*** *the history of the formation and development of life imprisonment, life imprisonment, the evolution of punishment, criminal law, public danger.*

Ҳабси абад дар системаи ҷазоҳои ҷиноятии Федератсияи Россия дар тули шонздаҳ сол мавҷуд аст, аммо он то ҳол баҳси на камтар аз ҷазои қатлро ба бор меорад. Дар робита ба ин, ба таҷрибаи таърихии татбиқи он дар Русия муроҷиат кардан ва рушди ин намуди ҷазоро аз лаҳзаи пайдоиш то рӯзҳои мо, ошкор кардани хусусиятҳои истифодаи он дар давраҳои мухталифи таърихӣ комилан зарур аст.

Таърих бисёр мисолҳои эволютсияи ҷазоҳоро медиҳад, ки дар навбати аввал аз тағйирот дар системаи иҷтимоӣ, тағйирот дар одоби иҷтимоӣ ва идеология вобаста буданд. Тавре ки профессор И.И. Карпетс қайд намудааст, "Таҳаввули худи ҷазо ва ақидаҳои он бо ҳаракати қувваи огоҳкунанда аз тарсондан аз таъсири ҷисмонӣ ба ҷинояткор ба намудҳои гуногуни маҷбуркунии ахлоқӣ тавсиф мешавад" [1, 18]. Дар таърихи қонуни ҷиноятӣ ин коҳиш додани ҷазоҳои ҷисмонӣ, дарднок ва бевиҷдон ва иваз кардани онҳо ба ҳабс ифода ёфтааст. Ин раванд на танҳо барои Русия, балки барои тамоми кишварҳо хос буд.

Таърихи ҳабси якумра дар қонунгузории ҷиноятии Русия аз Кодекси судии 1550 сарчашма мегирад.

Ба таври муқаррарӣ, дар адабиёт марҳилаҳои зерини рушди муассисаи маҳрум сохтан аз озодӣ ҷудо карда мешаванд:

1) таъсиси муассисаи ҳабси якумра (1550 - 1649);

2) рушди институти ҳабси якумра (1649 - 1845);

3) ба низом даровардани меъёрҳои татбиқи ҷазои ҳабси якумра ва муқаррароти меъёрии тартиб ва шартҳои адои ҷазо (1845 - 1920);

4) бекор кардани институти ҳабси якумра дар Русия (1920-1992);

5) барқарор кардан дар қонунгузории ҳабси якумра ва татбиқи он (1992-1996) [2, 4].

Дар Кодекси ҷиноятии 1550 ду модда ҷолиб аст, ки мустақиман ҳабси умрро нишон медиҳад (52, 56). Номуайянии мӯҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ дар ҳаждаҳ моддаи ин санади қонунгузорӣ инъикос ёфтааст, ки дар асл сухан дар бораи маҳрумияти номуайян меравад. Гузашта аз ин, "Кодекси судӣ" барои озод кардани ин гурӯҳи маҳкумшудагон аз адои минбаъдаи ҷазо замина фароҳам овард. Дар асри XVI, намудҳои нави санадҳои меъёрӣ пайдо шуданд - санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ: мактубҳо ва ҳарфҳои хаттӣ, ки дар он муассисаи боздошти номуайян инкишофи минбаъдаро ба даст овардааст. Масалан, лабораторияи Мединский, ки пас аз Кодекси судии 1550 баровардa шудааст (1555, санади ҳукумати маҳаллӣ – «Мединский уезд») танҳо 14 моддаро дар бар мегирад, ки 3-тои он (моддаҳои 5, 7, 8) мӯҳлати

номаҳдуди ҳабсро пешбинӣ мекунад "ҳабс" ба зиндон партофта шавад». Ҳабси якумра барои роҳзанӣ пешбинӣ шуда буд [3, 106-107].

Қадам ба сӯи боздошти номуайян бо номуайянӣ дар низоми ҷазо ва мушкилии татбиқи он (санадҳои дорои аҳамияти шаҳрӣ ва маҳаллӣ) алоқаманд буд. Мақсади ҷазо дар ин давра тарсондан ва ҷудо кардани шахси қонуншикан буд. Ҷазои қатл ҷазои қатл буд, ки онро бахшиши ҳукмрон бекор карда метавонист [4, 106-107]. Аз нимаи аввали асри XVII зиёд шудани фаъолнокии қонунгузории кишвар, шаҳодат аз тамоюли таъмини дастгирии қонунгузорӣ оид ба ҷабҳаҳои мухталифи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ. Натиҷа таъсиси Маҷмӯи қонунҳо аз соли 1649 буд, ки дар таърихи Русия аввалин санади ба система дароварда шуд. Аммо ӯро мушкилоти номуайян дар муқаррар кардани мӯҳлати ҳадди аксар ҳабс ҳал накард. Ин намуди ҷазо хеле паҳн шуда истодааст: чӣ гуна "ба зиндон ба сӯи ҳокимияти подшоҳӣ" партофтан, ки аксар вақт номаҳдуд буд. Аз ҷиҳати вазнинӣ, ҳабси номуайян ба чунин ҷазо ҳамчун ҳукми қатл наздик мешавад. Ин тасодуфӣ нест, зеро рушди муассисаи боздошти номуайян дар Федератсияи Россия ва дар дигар давлатҳо аз ду ҳодиса вобаста аст: аз андозаи фарогирии татбиқи хулоса ва дараҷаи паҳншавии ҷазои қатл вобаста аст [5, 26].

Маҳрум сохтан аз озодӣ дар намуди маҳрумкунӣ дар Кодекси Кафолатнома дар моддаи 41 нишон дода шудааст ва ҳамчун илова ба ҷазои ҷисмонӣ амал мекунад. Аммо ба нақша гирифта шудааст, ки ин яке аз муҳимтарин дар ҳолатҳои ҳабси тӯлонӣ мебошад. Вазъи маҳкумшудагон хеле мушкил буд. Худи маҳбусон бояд ғизои худро таъмин мекарданд, ё хешовандонашон онҳоро сер мекарданд, ё садақа мепурсиданд. Барои ин, онҳо дар атрофи шаҳр бурда шуданд ва дар занҷирҳо баста шуданд, баъд аз он ҷамъоварӣ тақсим карда шуд. Тартиб ва шароити нигоҳдории маҳбусон тавассути ин санади меъёрӣ, инчунин пештара, танзим карда намешуданд, аммо ба ихтиёри худсаронаи мақомоти маҳбасҳо дода мешуданд [6, 17]. Дар давраи рушди Москва дар асрҳои XVI - XVII. ҷазои қатл бо ҳабси якумра иваз карда шуд. Тибқи далелҳои ёдгориҳои таърихӣ, аксарияти ҳукмҳо бо сабаби одати куҳнаи андӯҳ, ки рӯҳониёни православӣ истифода мекарданд, иҷро карда нашудаанд [7, 1].

Соли 1813 лоиҳаи Кодекси ҷиноятии империяи Россия таҳия карда шуд. Дар лоиҳа 7 намуди ҷазо ва инчунин ҳабси якумра муайян карда шудааст. Соли 1825 лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба Шӯрои Давлатии Русия пешниҳод карда шуд, аммо ҳеҷ гоҳ қабул карда нашуд [8, 48]. Кодекси "Ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ" -и соли 1845 ҳамаи ҳукмҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кард: ҷиноятӣ (ҷазои қатл, пайванд ба меҳнати вазнин, барқароркунӣ) ва ислоҳӣ. Дар охири асри гузашта, меҳнати вазнин аз ҷониби судҳои умумӣ нисбати тақрибан 4-5% маҳкумшудагон татбиқ карда шуд [9, 33]. Дар ин муддат, судҳои умумӣ ба корҳои вазнин ба мӯҳлат ва ба ҳабси умр дар як сол ба ҳисоби миёна 1800 нафарро маҳкум карданд [10, 124]. Кодекси ҷиноятии империяи Россия дар соли 1903 дар системаи ҷазо меҳнати вазнинро нигоҳ дошт. Сервити ҷазо ба мӯҳлати аз 4 то 15 сол ё якумра таъин карда мешавад. Гузашта аз ин, дар сурати ба вуҷуд омадани баъзе ҳолатҳо, ҷазои номуайян метавонад ба ҷазои фаврӣ иваз карда шавад [11, 112-113]. Ғайр аз он, ашхосе, ки ба ҷазо дар намуди адои ҷазо бе мӯҳлати понздаҳ сол маҳкум шудаанд, дар сурати тасдиқ шудан, аз колонияҳои ислоҳӣ ба шаҳрак интиқол дода мешаванд. Агар дар тӯли адои ҷазо шахси маҳкумшуда ҷиноят содир карда бошад, пас мӯҳлати интиқол ба сукунат то 30 сол зиёдтар шудааст.

Дар давраи Петр I амалияи ҳабс вобаста ба ҷорӣ намудани маҳбусон дар хастагӣ, ки баъдтар аз ҷониби ширкатҳои ҳабсшуда ҷазо дода шуд, васеъ паҳн гардид. Ҳукумати Пётр ба шумораи сераҳолии коргарон ниёз дорад, ки ҷинояткоронро ҳамчун қувваи корие озод истифода кунад, ки хароҷоти коммуналиро талаб намекунад. Меҳнати маҳбусон дар киштиҳо (киштиҳо ё меҳнати вазнин), сохтани қалъаҳо, бандарҳо, минаҳо ва истихроҷи намак истифода мешуд. Ба ҷои меҳнати вазнин, ҷавон, солхӯрда, маъюбон ба амри маъруф ва занон ба хонаҳои ресандагӣ дар Петербург фиристода шуданд [12, 6]. Зери назари Петр I, «Низомномаи баҳрӣ» низ қабул карда шуд. Китоби панҷум "Дар бораи ҷарима" 146 моддаро дар бар гирифт, ки 8-тои он ҷазоро дар шакли "кори абадӣ дар галлерея" пешбинӣ кард. Ин ҷазо барои маст шудан дар вақти ҷанг,

посбонӣ, зарар ба киштӣ, барои хидмат рафтан, дуздӣ ё зарар ба киштиҳои парчам, барои таҷовуз ба номуси зан, дуздӣ, қаллобӣ тангаҳо истифода шудааст [13, 36].

Дар давраи минбаъда санадҳои меъёрӣ, ки дар системаи ҷазоҳои ҷиноӣ тағйироти назаррасро ворид мекарданд, бароварда нашуданд. Комиссияи дар соли 1754 таъсисёфта, ҳадди аққал як кодекси ҷиноиро таҳия кард, аммо ҳеҷ гоҳ ба  Элизабет имзо накардааст, зеро он бо бераҳмии шадид фарқ мекард. 8 январи соли 1765 фармон «Дар бораи бадарға кардани деҳқонон ба меҳнати вазнин" содир карда шуд. Нававарии ин санади қонунгузорӣ дар он буд, ки он ба заминдорон ҳуқуқи бадарға кардани деҳқононро ба меҳнати вазнин таъмин кард. Гуфтаҳои дар боло қайдшуда шаҳодат медиҳад, ки ба ихтиёри роҳбарияти минтақа - заминдорон гузаштани як қатор вазифаҳои мунисипалӣ, аз ҷумла судӣ, ки ба худсарии татбиқи ин намуди ҷазо таъсир нарасонад. Дар ҳузури ин аср шумораи онҳое, ки ба меҳнати вазнин маҳкум шудаанд якбора коҳиш ёфт ва ба ҳисоби миёна дар як сол, аз 70-80 нафар зиёд набуд. Аммо аллакай дар соли 1913 шумораи онҳое, ки ба намудҳои вазнинтари ҷазои маҳрумият аз озодӣ - адои ҷазо ва маҳбас маҳкум шудаанд, нисбат ба соли 1905 тақрибан 5 маротиба зиёд шудааст [14, 55]. Моҳи марти соли 1917 Вазири адлияи Ҳукумати муваққатӣ А.Ф. Керенский фармон дар бораи авфи ҳама маҳкумшудагон пеш аз инқилоби февралро имзо кард. Ин "бо мақсади барқарор намудани волоияти қонун дар низоми нав ва зарурати пешбурди самти тамоми қувваҳои эҷодкорӣ мардум барои ҳифзи тартиботи нави давлатӣ" анҷом дода шуд.

Дар натиҷаи авф муассисаҳои пенитенсиарии Русия асосан холӣ буданд, аммо ин ба маҳбусони ба мӯҳлати якумра аз озодӣ маҳкумшуда комилан таъсир нарасонд ки то соли 1920 дар маҳбаси номаҳдуд аз якумра аз озодӣ маҳрум шуда буданд.

Пас аз соли 1917 Қонуни ҷиноятии Шӯравӣ мӯҳлати номаҳдуд ва нусхаи "анъанавии" онро намедонист, на ҳукми якумра. Инҳоро омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар рушди давлати қонунгузорӣ дар таърихи давлати Русия ба давраи аз соли 1845 то Инқилоби Сотсиалистии Октябр ҷойгоҳи махсус дода шудааст. То давраи муқарраршуда сарчашмаи қонун Кодекси Шӯро боқӣ монд. Аммо илова ба Кодекс зиёда аз якуним ҳазор санадҳое мавҷуд буданд, ки қувваи қонунӣ доштанд. Ҳангоми умумикунонӣ ва тафсири меъёрҳои гетерогенӣ ва бисёрҷонибаи мутақобилан душвор, мушкилоти шадид ба миён меоянд. Мо ба гурӯҳбандии меъёрҳои қонунгузорӣ ниёз дорем. Ин давра бо осонкунии татбиқи ҷазо дар намуди ҳабси номуайян тавсиф карда мешавад. Санадҳои меъёрӣ тартиб ва шартҳои иҷрои ин ҷазоро дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ барои адои номуайян муайян мекунанд. Барои озодкунии пешакӣ асос мавҷуд аст [15, 12].

Пас аз соли 1917 қонуни ҷиноӣ ба принсипи даст кашидан аз сиёсати ҷазо, ки дар Россияи подшоҳӣ вуҷуд дошт ва иваз кардани муассисаҳои таълимӣ бо ҳабсҳо, ки дар Кодекси ҷиноятии якуми РСФСР дар соли 1922 тасдиқ шуда буд, асос ёфт. Мувофиқи ин санади қонунгузорӣ ҷазои сахттар ба мӯҳлати даҳ сол аз озодӣ маҳрум карда шуд. Мӯҳлати маҳрумият аз озодӣ ба системаи ҷазои ҷиноятӣ дохил карда нашудааст. Ҷазои қатл танҳо дар ҳолатҳое пешбинӣ шуда буд, ки дар истеҳсолоти судҳои инқилобӣ мавҷуданд. Кодекси ҷиноятӣ 1922, 1926, 1960 ҷазои қатл ба чораи фавқулоддаи ҷазо мансуб дониста шуда, ба системаи ҷазои ҷиноятии РСФСР ворид карда нашудааст. Дар давраи аз соли 1922 то соли 1992, ивазкунии иҷрои тахминшудаи ҷазо барои давраи муайяни маҳрумият аз озодӣ ҷой дошт. Масалан, бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС «Дар бораи бекор кардани ҷазои қатл» аз 26 майи соли 1947 ин ҷазо дар давраи осоишта бекор карда шуд ва нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, ҷазои қатл пешбинӣ шудааст, ҷазо ба мӯҳлати  15 сол аз озодӣ  маҳрумкунӣ, ё ин ки ба мӯҳлати 25 сол иваз карда шуд. То соли 1986 ҷазои қатл бо бахшиши ҷазо бо маҳрумият аз озодӣ ба мӯҳлати 15 сол иваз карда шуд ва танҳо 23 майи соли 1986 дар моддаи. 23 ба "Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС" тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он ҳангоми афв кардани шахси ба ҷазои қатл маҳкумшуда, маҳрумият аз озодӣ ба мӯҳлати зиёда аз 15 сол вале на бештар аз 20 сол таъин карда мешавад [15, 12].

Дар натиҷа, марҳилаи чоруми инкишофи муассисаи якумра маҳрум сохтан аз озодӣ номувофиқ бо ин намуд тавсиф карда мешавад, дар ҳоле ки муассисаи иваз кардани ҷазои олӣ бо

ҷазои маҳрумият аз озодӣ ба давраи муайян паҳн карда мешавад. Бо Қонуни Федератсияи Россия аз 17 декабри соли 1992 № 4123-1 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба моддаи. 24-и Кодекси ҷиноятии РСФСР "маҳрумияти номуайян дар озодӣ, ки дар қонунгузории ҷиноятии давлатии мо пайдо шудаанд. Аммо он метавонад танҳо бо Фармони Президенти Федератсияи Русия таъин карда шавад, то афроди ба ҷазои қатл маҳкумшуда таъин карда шаванд, ки шахсияти зинаи 5-уми рушди ин муассиса мебошад. Минбаъд, ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ, ҷазои номуайян дар Кодекси ҷиноятии соли 1996 таҳия карда шуд. Омӯзиши роҳи таърихии ташаккул ва рушди муассисаи боздошти номуайян дар Федератсияи Россия, мо метавонем хулосаҳои муайяне барорем:

- якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ("то Фармони Ҳукмронӣ") тадриҷан ба ҷазои қонунан муқарраршудаи ҳабси абадӣ мегардад (хидмати бе мухлат, бадарғаи бемуҳлат).

- Аз лаҳзаи пайдо шудани ин муассиса дар Федератсияи Россия, аксари санадҳои меъёрӣ имконияти озодкунии пеш аз мӯҳлати ҳабси номуайянро пас аз як ҳукми муайян пешбинӣ мекарданд [16, 15].

- Ҳамчунин, як хусусияти хос он буд, ки маҳкумшуда метавонад ба озод шудан аз ҳаёт танҳо пас аз марҳилаи «мобайнӣ» (ҳисоббаробаркунӣ) умед бандад.

- Аксарияти санадҳои меъёрӣ имконияти мустақилона ва бо роҳи бахшиши ҷазои маҳкумшудагонро дар намуди маҳрум сохтан аз озоди маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ кардаанд.

- Дар давраи аз соли 1920 то 1992 (барҳам додани маҳрумияти бе муҳлат) ивазкунии иҷрои пешбинишуда, тибқи тартиби бахшиши ҷазо ба мӯҳлати маҳрумият аз озодӣ иваз карда шуд.

- Дар тӯли рушди муассисаи боздошти номуайян майли истифодаи он барои намудҳои ҷиноятҳое, чун ҷазои қатл мавҷуд аст.

- иҷрои ҷазо ба принсипи фардикунонӣ асос ёфтааст (марҳила ба марҳила такмил додани шароити адои ҷазо барои муносибати софдилона ба меҳнат ва рафтори хуб);

- Шароити нигоҳ доштани ашхоси ба маҳрум сохтан аз озодӣ номуайян маҳкумшуда нисбат ба дигар категорияҳои маҳбусон пайваста сахттар буд.

- Дар тӯли рушди институти маҳрум сохтан аз озодӣ дар якҷояги ин ҷазо пайваста бо меҳнати вазнин мавҷуд аст.

**Адабиёт**

1. Кодекси қонунӣ 1520 // Қонунгузории Русия асрҳои XX-XX. М., 1985.В.2. 520 с.

2. Маҷмӯи қонунҳо 1520 // Қонунгузории Руссия XX-XX. М., 1985. В.2. 560 с.

3. Андреева В.Н., Дементиев С.И., Трахов А.И., Самовелян К.Р. Ҳукми қатл ва ҳабси якумра. - Краснодар, 2001, 222 саҳ.

4. Баранов В.И. Таъин ва иҷрои ҳукмҳои ҳабси якумра. Китоби дарсӣ / Баранов В.И. - Уфа: Донишгоҳи Шарқӣ, 2000. - 154 саҳ.

5. Багрӣ - Шахматов Л.В. Ҷавобгарии ҷиноӣ ва ҷазо. Минск 1976.

6. Гернет М.Н. Таърихи зиндони шоҳона. М., 1941.

7. Детков М.Г. Иҷрои ҷазо дар Россияи пеш аз револютсия: Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии ташаккул ва рушди системаи иҷрои ҷазо дар намуди маҳрумият аз озодӣ. Москва, Пажӯҳишгоҳи умумиҷаҳонии Вазорати корҳои дохилии ИҶШС, 1990.

8. Уткин В.А., Детков А.П. Ҳабси зиндагӣ: Дастури таълимӣ. Томск 1997.- 136 с.

9. Захарина О.В. Иҷрои ҳукмҳои ҳабси якумра дар Русия. diss. ... шамъ. ҳуқуқӣ илмҳо. - М., 2008 165 с.

10. Карпетс И.И. Ҷазо: мушкилоти иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ. - М., 1973. - 228 с.

11. Карпетс И.И. Қонуни ҷиноятӣ ва одоби - М., 1985. -254 с.

12. Мелентев М.П. Ҳабси абад ҳамчун як проблемаи ҳуқуқии байналмилалӣ // Проблемаҳои такмили тарбияи кадрҳо барои системаи ҷазои ҷиноии Русия. - Рязань. 1996.- 256 с.

13. Остроумов С.С. Ҷиноят ва сабабҳои он дар Россияи пеш аз револютсия. - М., 1960.- 204с.

## ИСЛОҲОТИ ҚОНУНГУЗОР ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**Рахимов Афдулфаттоҳ Ибрагимович**
доктори илмҳои ҷуғрофӣ, профессор проректори бахши таълими
Донишгохи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров.
735701,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд кӯчаи Ш.Раҷабова 78.
Тел.: 907-91-25-46, e-mail: safar.erkaev @mail.ru

**Мухторов Киромидин**
номзади илмҳои хукукшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқшиносӣ донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров.
735701,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд кӯчаи Ш.Раҷабова 78.
Тел.: 907-91-25-46, e-mail: safar.erkaev @mail.ru

**Эркаев Сафар Абдулхайрович**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи ватан в археологияи донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
735701,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд кӯчаи Ш.Раҷабова 78.
Тел.: 907-91-25-46, e-mail: safar.erkaev @mail.ru

## LEGISLATIVE REFORM IN PUBLIC ADMINISTRATION AND CIVIL SERVICE

**Rahimov Abdufattoh Ibragimovich**
Doctor of Geographical Sciences, Professor, Vice-Rector for Academic Affairs, Khodzhent State University named after B. Gafurov
735701, Republic of Tajikistan, Khojent, 78 Sh. Rachabova Street.
Phone: 907912546, e-mail: safar.erkaev @ mail.ru

**Mukhtorov Kiromiddin**
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor Head of the Department of Jurisprudence of the Khojent State University named after B. Gafurov
735701, Republic of Tajikistan, Khojent, 78 Sh. Rachabova Street.
Phone: 907912546, e-mail: safar.erkaev @ mail.ru

**Erkaev Safar Abdulhairovich**
Candidate of Sciences in Russian History and Archeology, Associate Professor, Department of History, Khodzhent State University named after B. Gafurov
735701, Republic of Tajikistan, Khojent, 78 Sh. Rachabova Street.
Phone: 907912546, e-mail: safar.erkaev @ mail.ru

***Аннотатсия.*** *Дар ин маколаи мазкур масъалахои музими ислохот ва такмили қонунгузорӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Точикистон дар давраи истиклолияти давлатӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст.*

***Annotation.*** *This article discusses the importance of reforming and improving the legislation in the process of public administration and civil service in the Republic of Tajikistan during of state independence period.*

***Калидвожахо:*** *давлат, ислоҳот, такмили конунгузорӣ, идоракуни давлатӣ ва хизмати давлатӣ, Иҷлосияи XV1 Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон, конститутсия, рамзҳои давлатӣ.*

***Key words:*** *state, reforming, improving legislation, governance and public service, Session 1 of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, constitution, state symbols, country.*

«Дар шароити ниҳоят печидаи ҷаҳони муосир ва таввулоти босуръати солҳои охир такмилу тақвият бахшидан ба фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, таъмин намудани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва бо таъмин роҳ фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди ҷомеа ҳадафи асосии мо мебошад».

Эмомали Раҳмон

Ислоҳот ва такмили қонунгузор дар раванди идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ босамар давом доранд. Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марӯзаи бахшида ба 25-солагии истиқлолияти Чумҳурии Точикистон таъкид намуд, ки халқи тоҷик аз санҷишҳои душвортарини таърих сарбаландона гузаштааст, вале даврони Истиқлолият барои вай бештар азиз ва мӯътабар мебошад. Зеро ин миллати азияткашида маҳз тавассути он баъди ҳазор сол соҳибдавлат гардид. Ҳамин муддаои асосӣ, ки ормони миллии моро возеҳ мегардонад [1, 3].

Барои ҳамагон таъкид бояд кард, ки солҳои аввали Истиқлолият чи гуна душвориҳо доштанд. Он вақт миёни доираҳои сиёсии беруна ва шарикони дохилии онҳо нақшаи қисмат намудани Тоҷикистон, пароканда сохтани миллат ва бо таъмин роҳ аз байн бурдани давлатдории тоҷикон тарҳрезӣ мешуд.

Бо мақсади аз фаношавӣ нигаҳдории миллат ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ моҳҳои 16 ноябр - 2 декабри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олӣ мамлакат даъват гардид, ки Иҷлосияи ХУ1 дар сарнавишти миллати мо чӣ нақши муҳиме бозид ва ба дӯши сарвари давлат, ки бо амри тақдир дар айни ҷанги хонумонсӯз зимоми давлатдориро ба даст гирифта буданд, чӣ масъулияти бузургеро гузошт [2, с.23]. Дар Иҷлосияи тақдирсоз 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва 1 изҳорат қабул кард («СМ»-21.10.2017, № 25.). Тӯли солҳои 1991-1992 тақрибан 60 000 нафар фавтида, бисёр шахсон беному нишон гумм шуд, 60 000 нафар ба Афғонистон, 195 000 нафар ба дигар давлатҳо гуреза шуданд, миқдори гурезаҳо ба 1 млн нафар расид, 35 723 хонаҳои истиқоматӣ сӯхтаю вайрон гардиданд, 25 000 занҳо бе шавҳар, 53 000 кӯдак бе парастор монданд, зарари умуми 10 млрд доллари амрикои буд, Сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» вакили Шӯрои Олии ҶТ Муродиллоҳи Шералӣ 5 майи соли 1992 дар назди бинои Шӯрои Олӣ кушта шуд, 24 августи с.1992 Прокурори генералии ҶТ Нурулло Ҳувайдуллоев, 18 октябр санъаткори боистеъдод Кароматуллоҳи Қурбонов ва 11 нафар аъзои гурӯҳаш, олимони шонохта, академик Муҳаммад Осимӣ (29 юли с.1996), академик Юсуф Исҳоқӣ ва профессор Минҳоҷ Ғуломов (6 майи с.1996), муовини Сарвазири ҶТ Моёншо Назаршоев (10 марти с.1994), рӯзноманигор Муҳиддин Олимпур(12 декабри с.1995) ва даҳҳо дигар шахсиятҳои маъруфи кишвар ба қатл расонида шуданд(«Сухани халқ», 11.10.2017).

Дар хакикат, душвории фаъолияти минбаъдаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатию ҳукумати қонунии мамлакат дар он буд, ки баъзе аз ҳамватанони мо дар дохил ва берун аз марзи кишвар ҳалал мерасонданд. Бо ташаббус ва кӯшишҳои пайвастаи ҳукумат бо сарварии роҳбари мамлакат гуфтушунид бо мухолифин барои вахдат ва истиқрори сулҳ оғоз гардид ва пас аз музокираҳои тӯлонӣ Созишномаи умумӣ дар барои истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Дар солҳои истиқлолият мо падидаву омилҳои сиёсиву таърихӣ ва иҷтимоиву фарҳангии миллиро дар марҳилаҳои гуногуни таърихи халқамон омӯхта, бо назардошти таҷрибаи давлатсозиву давлатдории кишварҳои пешрафти ҷаҳон роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунёвиро пеш гирифтем ва дар ин раванд ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ба вуҷуд омад [3.439].

Таърих гувоҳ аст, мо пеш аз истиқлолият ҳам таҷрибаи калони идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон (Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон, вазоратҳо, съездҳо, иҷлосияҳо, пленумҳо, конфронсҳо, шӯрои вакилони халқӣ-олӣ ва маҳаллӣ:

вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳотӣ, кумитаҳои иҷроия, суд, прокуратура, Артиши ягона, кумитаҳои гуногун, комиссияҳо ва ғайраҳо) дошта будем. Аммо фаъолияти тамоми соҳаҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷгардида буд.

Дар хакикат, дар шароити мураккаб ва душвортарин сарвари навинтихоб шудаи давлат зимоми давлатдориро ба даст гирифта, ба барқарор кардани фаъолияти сохтору мақомоти фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ шурӯъ намудан, бомасъулияти бузург шакли нави идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро дар Тоҷикистон ташкил намуда, низоми онро ташаккул намуд. Дар ин раванд анъанаҳои таърихии давлатдории пешинаи халқи тоҷикро ба инобат гирифта, такмили он, раванди ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро давра ба давра амалӣ гардониданд. Дар ин раванди асосӣ таҳаввулотҳо ҳам вуҷуд дошт.

Аммо. аз душвортарин падида, ки асоси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад, ин ҳамзистии намояндагони халқу миллатҳои гуногун дар як сарзамин аст. Хушбахтона мо, тоҷикистониён, ки тамоми халқу миллатҳои мутамаддин барои эъмори он талош меварзанд, шурӯъ намудем.

Ба мо маълум аст. ки дар идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дастовардҳо бешуморанд. Вале муҳимтаринашон ба шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ гардидани халқи мо мебошад. Дар ин давр асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои навъи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муқаррар гардида, асъори миллӣ ба муомилот бароварда шуд. Муҳимтарин аз ҳама артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадӣ таъсис ёфта, ҳифзи сарҳадоти давлат таҳти назорати онҳо қарор гирифт. Ислоҳот ва такмили қонунгузорӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ босамар давом доранд ва оиди ин зиёда аз 3000 қонун ва санадҳои ҳуқуқӣ қабул карда шуд.

Дар ин давра нахуст аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи нави давлат қабул гардида, дар асоси он парламенти касбии иборат аз ду палата ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин замина фаъолияти мақомати олии қонунгузор ва иҷроияи мамлакат таҳким ёфта, аввалин хиштҳои пойдевории истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллӣ гузошта шуданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди устувори давлату давлатдорӣ, идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар замина хушку холӣ ва фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз имкон берун буда, барои амалӣ намудани он вақт ва шароити муносиби иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарур аст. Аз ин рӯ, давлат ислоҳоти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва ташаккули муносибатҳои нави иқтисодиро вазифаи асосии ин давра эълон намуданд. Дар ин раванд ҳам дар масъалаи идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ тағйиротҳои гуногун ба вуҷуд омадааст(гузоштан ба шароити қонуниятҳои бозоргонӣ, хусусигардонии моликият, ташкили хоҷагиҳои хусусӣ-иҷоравӣ, коорпаративӣ, деҳқонӣ, корхонаҳои саноати муштарак-СП ва ғайра).

Дар замони истиқлолият дар идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ шаклҳои нави он - Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси Миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Сарвазир, Вазоратҳо, Раиси Маҷлиси Миллӣ, Раиси Маҷлиси намояндагон, иҷлосия, маҷлисҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, шаҳрак, ҷамоатӣ, шӯроҳо ва комиссияҳои гуногун, вазирҳо, Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳрак, ҷамоат, Суд ва Прокуратура ва ғайра ба вуҷуд омадааст. Ин ҳам бошад, такмили низом ва ташаккули идоракуни давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва ислоҳоти системаи он мебошад.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати татбиқи минъбадаи ин ҳадафҳо ҳукумати кишвар азми қатъӣ дорад, ки масъалаҳои таъмини рушди устувори иқдисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ҳамчунин тақвияти иқтидори содиротии кишвар, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳсозии вазъи бозори меҳнат ва рушди инсониро пайгирона ҳаллу фасл намояд.

Дар асоси ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ низоми он ташаккул дода шуда, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ислоҳоти худидоракунии маҳаллӣ ба вуҷуд омада, он ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ таъсири калон расонид. Дар натиҷаи амалӣ гардидани ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фазои мусоид ба вуҷуд омад, ки раванди ислоҳот ва рушди бонизоми иқтисодии миллӣ мунтазам идома ёфта, тадбирҳои андешидаи ҳукумат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум бемайлон татбиқ карда шаванд. Мазмун ва моҳияти ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҳам аз ин иборат мебошад. Масалан, дар натиҷаи он дар ин замина ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти доҳилӣ бо нархҳои амалкунанда аз соли 1997 то 2012 58 баробар зиёд шуда, соли 2011 тақрибан 30 миллиард сомониро ташкил кард, ки қариб ба 4000 сомонӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар баробар мебошад ва афзоиши миёнаи солонаи он беш аз 7 фоизро ташкил медиҳад. Агар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ ба сари ҳар нафар аҳолии кишвар дар соли 1997 ҳамагӣ 19,8 сомониро ташкил карда бошад, пас он дар соли 2011 – 1060 сомониро ташкил кард. Яъне маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳарсари аҳолӣ нисбат ба соли 1997 – ум 43 баробар ва дигар нишондиҳандаи муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар – даромади буҷети давлатӣ ба сари ҳар нафар аҳолии мамлакат аз соли 1998 инҷониб тадриҷан афзоиш ёфта, соли 2011 қариб 54 баробар зиёд гардид, ҳоло бошад бо зиёдтар шуд [4, 2].

Дар асоси дуруст идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ соли 2017 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ(ММД) ба ҳар нафар аҳолӣ нисбат ба соли гузашта 12% ва дар муқоиса бо нишондиҳандаи пешбинишудаи барномавӣ 8% зиёд гардида, даромади пули аҳолӣ 10% афзоиш ёфт. Рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ (саноат 21,5%,кишоварзӣ 7,2%, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ беш аз 6, савдои чакана 6,6 ва хизматрасонии пулакӣ 1,8% таъмин гардида, таварум дар сатҳи 6,3% нигоҳ дошта шуд. Қисми даромати буҷети давлатӣ, дар маҷмӯъ, иҷро шуда, ҳаҷми буҷети с.2018 ба маблағи 21, 3 млрд сомонӣ ва назар ба соли 2017-ум 7,3% зиёд муайян гардидаст.Дар 11 моҳ содирот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35,4% афзоиш ёфта, воридот 10% кам шудааст.

Дар 5 соли охир маблағгузории соҳаҳои маориф аз буҷети давлатӣ 2,3 баробар ва тандурустӣ 2,1 баробар зиёд шуда, с.2017 нисбат ба с.2016 мутаносибан 16% ва 25% афзоиш ёфтааст [5, 12].

Яке аз мақсадҳои асосии идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар асосии сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ, пеш аз ҳама, дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, инчунин тадриҷан зиёд кардани андозаи маошу нафақаи аҳолии кишвар ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми мамлакат мебошад. Музди миёнаи як коргар дар кишвар соли 2011 нисбат ба соли 1997-ум 89 баробар зиёд гардида, солҳои 2006-2012 6 баробар зиёд гардид, ҳоло беш аз 440 сомониро ташкил медиҳад ва андозаи миёнаи нафақа 118 баробар афзудааст, сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат 30 фоиз паст шуда, вазъи иқтисодиву иҷтимоии зиёда аз ду миллион нафар сокини мамлакат беҳтар гардид. Аз 1.09.2018 музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендияҳо 15 %, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10% зиёд карра мешавад. Дар 13 соли охир даромади буҷети давлатӣ аз 109 млн. сомонӣ соли 1997, соли 2011 ба 8,3 млрд. сомонӣ расид, ки ин рақам нисбат ба зикршуда 76 баробар зиёд аст. Ҳаҷми буҷети с.2018 ба маблағи 21, 3 млрд сомонӣ ва назар ба соли 2017-ум 7,3% зиёд муайян гардидаст. Ҳаҷми буҷетҳои маҳаллӣ дар с.2017 ба 5,3 млрд сомонӣ расида, дар он ҳиссаи дастгирӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ 16,7 %ро ташкил намуд. Дар ин давра ҳукумат як силсила барномаҳои сармоягузории давлатиро таҳия ва қабул кард онҳо ба соҳаҳои энергетика, нақлиёт, коммуникатсия, маориф, тандурустӣ ва кишоварзӣ афзалият дода шудааст.

Яке аз самтҳои асосии идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ таъмини рушди соҳаи саноат буда, ҳоло истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли 1997 беш аз 2,5 баробар афзоиш ёфта, пешрафти назарраси бахшҳои саноати сабук, металлургия, хӯрокворӣ, истеҳсоли таҷҳизот, саноати химия ва масолеҳи сохтмон ба даст омадааст. Агар дар соли 1991 миқдори корхонаҳои хусусиву ғайридавлатӣ ҳамагӣ 2400

адад бошад, пас дар натиҷаи(ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ) амалишавии сиёсати дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ шумораи корхонаҳои хусусиву муштарак дар соли 2011 ба 18 680 адад расидааст, яъне қариб 8 баробар зиёд гардидааст. Танҳо дар 10 соли охир шумораи онҳо аз 10 600 то ба 18 680 зиёд гардидааст, беш аз 90 ҳазор ҷои корӣ таъсис гардида, имрӯз зиёда аз 40 фоизи маҳсулот дар бахши хусусӣ истеҳсол карда мешавад. Дар давоми 7 соли охир(2006-2013) 1600 корхонаҳои истиҳсоли (50 ҳазор ҷойи корӣ) сохта шудааст. Дар соли 2017 150 корхонаҳои саноатӣ бо таъсиси 3 ҳазор ҷойи кор бунё два ба истифода супорида шуд.

Дар натиҷаи ислоҳоти системи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ барои бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқи обӣ таваҷҷӯҳи бештар додем. Солҳои охир дар мамлакат зиёда аз 260 нерӯгоҳи хурду миёнаи барқи обӣ, инчунин хатҳои баландшиддати интиқоли барқ бунёд гардида, шабакаи ягонаи энергетики мамлакат ба вуҷуд оварда шуд. Ҳоло корҳои сохтмону таҷдид дар иншооти азиму стратегии кишвар – нерӯгоҳҳои обии «Роғун», «Сангтӯда-2», инчунин нерӯгоҳҳои хурду миёна дар ҳавзаи дарёҳои Вахшу Зарафшон ва Варзоб, аз ҷумла нерӯгоҳи «Норак» босуръат идома доранд. Бо мақсади таъмини рафтуомади доимии маруми қисматҳои гуногуни кишварамон мо дар даврони истиқлолият як қатор шоҳроҳҳо(2200 км), 5 нақбҳо(31 км), роҳҳои оҳан ва пулҳоро(200), 270 нерӯгоҳҳои барқии хурду миёна ва шабакаи ягонаи энергетикӣ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ сохта, мавриди истифодаи умум қарор додем. Рушди инфраструктураи нақлиёт ташкил карда шуд. Барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ мунтазам саъю талош варзида 75 ҳазор гектар заминро ба мардум тақсим карда додем ва зиёда аз 2 млн оилаҳо замини назди ҳовлигӣ ҷудо карда шуд [6, 2].

Дар асоси ислохот ва ташаккули низоми идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар замони истиқлолият илму маориф ва фарҳанг ба як рукни муҳими иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат эътироф гардиданд. Зеро ин падидаҳои бузурги башарӣ дар ташаккули маънавии ҷомеа хизмат намуда, дар тарбияи насли наврас, шинохти рисолати таърихӣ, густариши эҳсоси ватандорӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири амиқ мегузоранд. Дар ин самт ҳукумат оид ба ҷорӣ намудани низоми нави таҳсили миёнаи умумӣ, ворид сохтани технологияҳои нав дар ҷараёни таълим ва истифодаи усулҳои замонавӣ барномаҳои махсус қабул намуд, ки онҳо барои мутобиқ гардидани сатҳу сифати дониши хонандагон ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки ҳамчун дастоварди шоистаи ислоҳоти системаи идоракунии давдлатӣ дар соҳаи маориф ба имзо расид, Созишнома дар барои эътирофи маълумоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Авропо ба шумор меравад. Ҳуҷҷати мазкур ба хатмкунандагони мактабҳои олии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар давлатҳои Аврупо низ кору фаъолият карда, донишу таҷрибаи худро таҳким бахшад.

Дар хакикат, дар асоси такмили идоракунии давлатӣ Эҳёгари Тоҷикистони соҳибистиқлол, Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӧ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – тавонист, ки дар дохил ба ҳама гуна низоъ ва душманӣ хотима бахшаду дар берун давлатеро ба номи Тоҷикистон сазовор муаррифӣ намояд. Эмомалӣ Раҳмон – миллатро наҷот доду давлатдории миллиро таҳким бахшид. Шинохти кишвар бо сарсупурдагиҳову ҷоннисориҳояш муяссар шудааст. Президенти кишварамон дар яке аз суханрониҳои худ қайд намуда буданд, ки «Дар шароити ниҳоят печидаи ҷаҳони муосир ва таҳаввулоти босуръати солҳои охир такмилу тақвият бахшидан ба фаъолияти тамоми сохтору мақомати давлатӣ, таъмин намудани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва бо ҳамин роҳ фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди ҷомеа ҳадафи асосии мо мебошад. Вазифаи муҳимтарини мо ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф, тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ, соҳиби донишу ҷаҳонбинии муосир ва ниҳоят шахсияте мебошад, ки қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯзаро дошта бошад. Бинобар ин, мо раванди таълиму тарбияро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат қарор дода, ҳамаи тадбирҳои заруриро дар ин самт амалӣ гардонида истодаем».

Хулоса аз ин иборат, ки ташкил ва ташаккули низоми идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ислоҳоти он, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин раванд, ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар ин масъалаҳои муҳим дар асоси анъанаҳои таърихӣ дар даврони муосир амалӣ гардида, натиҷаҳои он барои рушди иқтисодиёт, барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ёрии калон мерасонад.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Ваҳдат – ормони олии миллат. - Хучанд, 2016.
2. Эмомали Рахмон. Точикон дар оинаи таърих. - Душанбе,1996.
3. Хайдаров Г.Х. История таджикского народа XX век. - Худжанд, 2001.
4. Согдийская правда. - 10.09.2011. Народная газета. - 29.08.2018.
5. Паёми Президенти Чумхурии Точикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомали Рахмон ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон. - Душанбе, 2016. - 40 с.
6. Эмомали Рахмон. Истиқлолият ифтихору номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад. Суханронии Президенти Чумхурии Точикистон Эмомали Рахмон ба муносибати 20-солагии Истиқлолият. 8 сентябри с. 2011.- Хақиқати Суғд., 10.09.2011. Паёми Президенти Чумхурии Точикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомали Рахмон ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон. - Душанбе, 2016. - 40 с; Народная газета. - 29.08.2018.


## КАФОЛАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ГУРЕЗАҲО ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Саиданваров Қурбоншох Чонакович**
муаллими кафедраи ҳуқуқи конститутсиони факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
тел.: 918-89-02-07, e-mail: kurbonhosh84@mail.ru


## ГАРАНТИИ ПРАВ БЕЖЕНЦЕВ ПО ЗАКОНОДАТЕЛСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**Саиданваров Курбоншох Джонакович**
преподаватель кафедры конституционного права юридического факультета Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
тел.: 985-11-66-99, e-mail: kurbonhosh84@mail.ru


## WARRANTIES OF REFUGEE RIGHTS UNDER LEGISLATION REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**Saidanvarov Kyrbonshoh Jonakovish**
lecturer department of Constitutional Law Faculty of Law
Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.
tel.: 985-11-66-99, e-mail: kurbonhosh84@mail.ru



***Аннотатсия.*** *Мақолаи мазкур ба таҳлили кафолатҳои гуногуни ҳуқуқҳои гурезаҳо тибқи қонунҳои миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст. Мафҳум, моҳият ва унсурҳои асосии кафолати ҳуқуқҳои гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал баррасӣ карда шуда, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ дар бораи гурезаҳо ва ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба кафолати ҳуқуқҳои гурезаҳо пешниҳод карда шудааст.*

***Аннотация.*** *В данной статье на основе анализа международных документов и национального законодательства автором определяются различные способы гарантирования*

*прав беженцев. Автор определяет понятие, сущность и основные элементы гарантий прав беженцев в РТ на основе изучения законодательства РТ и зарубежных стран о беженцах, а также норм международного права по вопросам обеспечения прав беженцев.*

***Annotation**. In this article, based on an analysis of international documents and national legislation, the author defines various ways to guarantee the rights of refugees. The author defines the concept, essence and basic elements of guarantees of the rights of refugees in the Republic of Tajikistan on the basis of the study of the legislation of the Republic of Tajikistan and foreign countries on refugees, as well as international law on ensuring the rights of refugees.*

***Калидвожахо:** мафҳум, моҳият ва кафолатҳои ҳуқуқи инсон, вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, иҷрои санадҳои меъёрӣ, вазъи ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ.*

***Ключевые слова:** понятие, сущность и гарантии права человека, правовой статус беженцев, реализация нормативных актов, правовое положение; законодательство.*

***Key words**: concept, essence and guarantees of human rights, legal status of refugees, implementation of normative acts, legal status, legislation.*

Дар илми ҳуқуқ мафҳум ва таснифоти «кафолат» гуногун пешкаш мешавад. Маъмултарин таснифоти кафолат - умумӣ ва махсус аст, ки чунин тарзи масъалагузориро Д.А. Липинский, А.Б. Лисюткин, Н.В. Витрук, В.А. Патюлин, Р.Ш. Сотиволдиев, А.Ф. Вишневский, Н.А. Горбаток, В.А. Кучинский дуруст мешуморанд [1, 200; 2, 427; 7, 231; 10, 457; 12, 313; 13, 556]. Профессорон Ш.М. Менглиев ва В.Н. Хропанюк на ҷонибдори табақабандии кафолат ба ду гуруҳ (умумӣ ва махсус), балки дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор додани кафолати иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ғоявӣ (идеологӣ) ва ҳуқуқи мебошанд [5, 16-17; 14, 254-255].

Профессорон А.И. Денисов ва Ф.М. Рудинский таснифоти кафолатро ба умумӣ ва махсус ҷонибдор бошанд, вале мазмуни онро тағир додаанд. Масалан, А.И. Денисов дар он андеша аст, ки кафолати умумӣ ба ҳама ҳуқуқу ӯҳдадорӣ ва махсус ба ҳар як ҳуқуқу ӯҳдадорӣ пешкаш мешавад [3, 332]. Ф.М. Рудинский кафолати умумиро ба ҳамаи ҳуқуқу ӯҳдадорӣ ва дар алоҳидагӣ ба ҳар яке аз онҳо, кафолати махсусро танҳо ба ҳуқуқу ӯҳдадории мушаххас мансуб медонад [9, 51].

Маъмултарин таснифоти кафолат – умумӣ ва махсус мазмунашон дар он аст, ки якум кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ғоявӣ (идеологӣ) ва дуюм кафолати ҳуқуқро дарбар мегиранд.

Профессор Р.Ш.Сотволдиев дар асараш «Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат» истиллоҳи «кафолат»-ро бо «шароит» иваз намудааст [10, 457]. Донишманди маъруф В.С.Нерсесянц ба кафолати умумӣ ва махсус номҳои ғайриҳуқуқӣ ва ҳуқуқиро мансуб донистааст [6, 34].

Чӣ тавре дидем таваҷҷӯҳ ба категорияи «кафолат» аз мураккабии гуногунҷабҳа ва арзишмандии он дар ҷомеа барои инсон дар амали кардани ҳуқуқу озодӣ ва ҳифзи он ифода мегардад. Бо чунин назардошт талошҳо дар таърихи инсоният ду ҳадаф, яке эътирофи ҳуқуқу озодӣ, дигаре кафолати татбиқу ҳифзи онҳо мебошад.

Қонуни асосии тамоми кишварҳо эътирофу ҳифз ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла дар Конститутсияи ҶТ омадааст: «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд» (м.5);…«ҳуқуқу озодиҳои инсон ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие,ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд ҳифз мегарданд… ва бевосита амалӣ мешаванд (м.14) »… «давлат кафолати баробариро дар назди қонун ва суд» (м.17), «дахлнопазирии шахсу манзил» (м.18, 22), «ҳифзи судӣ» (м.19), «ҷуброни зарар» (м.21), «таъмини иҷтимоӣ» (м.38) ва ғайраро медиҳад.

Ҳамин тариқ кафолати ҳуқуқу озодӣ дар ҳама давру замон дар таваҷҷӯҳи асосии ҷомеа қарор дошту дорад ва татбиқи он вобастаи шароитҳои гуногун мебошад. Мисол, кафолати таъмини иҷтимоиро моддаи 39 Конститутсияи ҶТ ба ҳар як шахс пешбинӣ менамояд. Воқеан чунин кафолат ба шахсоне, ки шаҳрвандони ҶТ мебошанд ягон муқаррароти иловагиро талаб

намесозад. Вале нисбати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ кафолати таъмини иҷтимоӣ баробар ба шаҳрвандони ҶТ аз истиқомати доимӣ дар Тоҷикистон вобастагӣ дорад.

Хулоса таъмину ҳифзу ҳуқуқу озодиҳои инсон вобаста ба мақоми ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ дар як сатҳ қарор надоранд.

Дар ин ҷода қонун ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд воситаи асосии ҳифзу таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон баромад мекунанд. Чунончӣ дар сарсухани Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 омадааст, ки: «қонуни мазкур... дар Ҷумҳурии Тоҷикистон… кафолатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳукӯкӣ ва манфиатҳои гурезаҳоро муқаррар мекунад».

Аз мазмуни моддаи 14 қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» (м.14) бармеояд, ки кафолатҳои ҳуқуқи гурезаҳо фарогири чунин масоилҳо мебошанд:

1. Хилофи иродаи гурезаҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида намешавад;

2. бе розигии хатии гурезаҳо маълумот дар бораи онҳо ба мақомоти ҳокимият ва ташкилотҳои ҷамъиятии давлати мансубияти шаҳрвандии (маҳали истиқомати пештараи) онҳо пешниҳод карда намешавад;

3. Ҳуқуқи шикоят намуданро нисбати қарор ва амалҳои (беамалии) мақомоти идораи давлатӣ ва шахсони мансабдор вобаста ба иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ба мақомоти болоӣ ё суд доранд.

Муқаррароти моддаи 14 Қонуни ҶТ, «Дар бораи гурезаҳо» ҷавобгe ба талаботи моддаҳои 32 ва 33 Конвенсия оид ба мақоми гурезаҳо аз 28 июни соли 1951 мебошад. Вале дар қонунгузории кишварҳо кафолати ҳуқуқи гурезаҳо ба таври гуногун мариди таваҷҷеҳ қарор гирифтааст. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Гурҷистон «Дар бораи гурезаҳо» яке аз паҳлуҳои кафолат ин «таҳти ҳимояи давлат қарор додани ҳуқуқи гуреза мебошад» (м.8). Дар Ҷумҳурии Арманистон кафолати ҳуқуқи гуреза тибқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 3 марти соли 1999 дар чор маврид пешбинӣ шудааст:

- таҳти ҳимояи давлат қарор доштани гуреза;

- манъи рондани гуреза аз қаламрави Ҷумҳурии Арманистон, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ месозад;

- манъи бозгардонидани иҷборӣ;

- дар ҳолати дастгир ё ҳабс намудан ва ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба мақомоти солиҳиятдор ё намояндаи Раёсати комиссариати Олии СММ оид ба гурезаҳо дар Ҷумҳурии Арманистон дар меҳлати 24 соат хабар доданд, ҳатмӣ аст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Туркманистон «Дар бораи гурезаҳо» аз 12 июни соли 1997 (моддаи 3) кафолати ҳуқуқи гурезаҳо бо се тарз - манъ бозгардонидани иҷборӣ, таъмини ҳуқуқ ба шикоят кардан ва озод будан аз ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Туркманистон омадан дар ҳолати сабабҳои комилан асосноки дар давлати мансубияти шаҳрвандии худ бо аломатҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гуреҳи муайяни иҷтимоӣ ё эътиқоди сиёсӣ дучори тиъқибот гаштааст.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» (моддаи 6) ду ҳолат пешбинӣ шудааст, ки агар шахс дар сурати убури иҷбории ғайриқонунии сарҳади давлатии ҶТ дар давоми як шабонарез ва дар ҳолати ба таври конунӣ омадан ба ҶТ дар меҳлати як моҳ ба мақомоти салоҳиятдор мурочиат кунад ва аз ҷавобгарӣ озод мебошад, ба шарте, ки нисбати вай сабабҳои асосноки таҳдидкунанда дар кишвар ва ҷои истиқомати доимӣ мавҷуд бошад.

Чаро «озод будан аз ҷавобгарӣ» чун кафолати ҳуқуқи гуреза дар қонунгузории ҶТ пазируфта намешавад, зеро дар ҳолати убури ғайриқонунӣ ё омадани қонунӣ ба ҶТ то се моҳ ба касс мақоми шахси паноҳҷеянда дода мешавад ва баъд тибқи муқарраротимоддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» мақоми гурезаро ба даст меорад.

Қонун «Дар бораи гурезаҳо» - и кишвари Озорбойҷон, Украина, Латвия, Чехия ва Эстония перомуни «кафолат» моддаи алоҳида пешбинӣ накардаанд, вале манъи бозгардондани иҷборӣ ва ронданро асоси мақоми гуреза медонанд.

Таваҷҷеҳи якранг дар бахши кафолати ҳуқуқии гурезаҳо дар қонунгузории Руссия, Белоруссия ва Тоҷикистон аст.

Муқаррароти банди 1 моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» дар бахши таъмину ҳифзи ҳуқуқи гуреза фарогири манъи бозгардондани иҷборӣ аст ва доираи татбиқаш ба се гуреҳ ашхос мансуб мебошад:

- шахсони паноҳҷоянда;
- гурезаҳо;
- шахсоне, ки мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум карда шудаанд.

Дар тафовут аз банди 1 моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» муқаррароти моддаи 32 Конвенсия оид ба мақоми гурезаҳо доираи татбиқаш маҳдуд аст ва он танҳо ба гурезаҳо ва шахсони паноҳҷоянда паҳн мешавад.

Дар баробари ин ҳарду санади меъёрӣ- ҳуқуқӣ (Қонун ва Конвенсия) мавридҳои истисноиро пешбинӣ кардаанд, рондани гурезаро тақозо мекунад.

Ин ҳолатҳо дар таҳдид ба амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ ё маҳкумшудан барои содир кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин ифода меёбад.

Дар банди 1 ва 2-юми моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» перомуни кафолати ҳуқуқи гурезаҳо мухолифот дида мешавад. Чунончи бар банди 1 моддаи 14 гуфта шудааст: «Кафолат ба шахсе, ки аз мақоми гуреза маҳрум шудааст дода мешавад»… дар банди 2 моддаи 14 омадааст, ки « банди якуми ҳамин модда ба шахсоне, ки ба амнияти давлат таҳдид мекунанд татбиқ намешавад». Ҳоло он, ки тибқи моддаи 13 Қонун яке аз ҳолатҳои маҳрум шудан аз мақоми гуреза ин таҳдид ба амнияти миллӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломати ва ахлоқи аҳолии ҶТ мебошад. Ҳамин тариқ банди 1-ум ва 2-юми моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» бинобар мухолифот доштан тақозои ислоҳ мебошад.

Принсипи манъи бозгардондани иҷборӣ мазмунаш дар он аст, ки гуреза, шахси паноҳҷоянда ва ё шахсеро, ки мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум карда шудаанд, хилофи иродааш ба қаламравӣ давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида намешаванд.

Дар амалияи байналхалқӣ принсипи мазкур аз соли 1933 истифода мешавад ва бо таъсиси СММ нақши он дар таъмини мақоми гуреза устувор гашт.

Қонунгузор ҳолати дигари таъмини ҳуқуқи гуреза дар бе розигии хатии вай ба мақомоти ҳокимият ва ташкилотҳои ҷамъиятии давлати мансубияти шаҳрвандии (маҳали истиқомати пештара) вай пешниҳод накардани маълумотро оид ба онҳо медонад. Муқаррароти банди 3-юми моддаи 14 Қонун мақомоти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқиро еҳдадор намудааст, пешниҳоди ҳама гуна маълумотро нисбати гуреза бе розигии хатии вай ба давлат ва шахсони воқеию ҳуқуқии кишвари онҳо ирсол нанамоянд.

Кафолати чунин ҳолат мумкин аст аз дучори ҳама гуна таъқиб гурезаро истисно гардонад. Дар навбати хеш ин кафолат ба гуреза ҳуқуқ медиҳад дар ҳолати розигии хатиаш ба мақомоти давлат ва шахсони воқеию ҳуқуқии давлатии мансубияти шаҳрвандии вай хадамоти давлатии муҳоҷирот пешниҳоди маълумотро таъмин кунад. Вале дар ҳама гуна маврид пешниҳоди маълумот набояд сабабгори дучори таъқиб гаштани гуреза гардад. Ҳуқуқи шикоят намуданро ҳамчун асоси таъмину мусоидати амалигардонидани ҳуқуқу озодиҳо барои гуреза дар ҷомеа банди 4 моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» пешбинӣ кардааст. Аз муқаррароти ин меъёр бармеояд, ки гуреза нисбати қарор ва амалҳои (беамалии) мақомоти идораи давлатӣ ва шахсони мансабдор вобаста ба иҷрои Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ба мақомоти болоӣ ё суд пешниҳод намудани шикоятро доранд. Аз гирифтани огоҳнома дар хусуси аз даст додани мақоми гуреза, дар бораи маҳрум гардидан аз мақоми гуреза меҳлати пешниҳоди шикоят ба мақомоти болоӣ ё ба суд

оғоз мегардад ва он набояд аз як моҳ зиёд бошад. Ҳуқуқи шикоят кардани гуреза ба мақомоти болоӣ ё суд ба ҳеҷ ваҷҳ якдигарро истисно намесозанд. Ва дар сурате, ки шикоят ба мақомоти болоӣ баъди гузаштани мӯҳлати на дертар аз як моҳ агар вай ҷавоб нагирифта бошад ё ҷавоби рад гирифта бошад, онгоҳ ҳуқуқи муроҷиат карданро ба судро дорад. То қабули қарор тибқи шикоят шахси шикоят пешниҳоднамударо ва аъзои оилаи е аз ҳуқуқу еҳдадориҳои пешбиннамудаи қонунгузории ҶТ оид ба гурезаҳо истифода менамоянд. Мақоми болоӣ ё суд ҳуқуқ доранд вобаста ба мӯҳлати қабули қарор шаҳодатномаи гурезаро тамдид намоянд.

Шахсе, ки дар бораи рад гардидан аз мақоми гуреза мувофиқи қонунгузорӣ огоҳинома гирифтааст ва ҳуқуқи пешниҳод намудани шикоятро нисбати қарор мутобиқи моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» истифода намудааст, еҳдадор аст Ҷумҳурии Тоҷикистонро якҷоя бо аъзои оилаи худ дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ пас аз гирифтани огоҳнома дар бораи рад гардидани шикоят, дар сурати набудани дигар асосҳои қонунӣ барои истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарк намояд.

Манъи рондани гурезаҳо аз қаламравӣ давлат, таъмини озодии ҳаракати гурезаҳо аз сарҳади давлатӣ ва фароҳам овардани тамоми шароити зарури ҷиҳати дарёфти ҳуқуқи даромадан ба кишвари дигарро Конвенсия оид ба мақоми гуреза аз 28 июли соли 1951 (моддаҳои 31-33) ба ҳайати кафолати ҳуқуқи онҳо пешбини месозад. Вале чунин вазъ дар моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» пешбини нагаштааст. Ва ба талаботи Конвенсия ҷавобгӯ намудани моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» ифодакунандаи тамоми паҳлеҳои кафолати ҳуқуқии гурезаҳо мебошад.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе. - М.: «Наука», 1979. - 359 с.
2. Вишневский А.Ф., Горбаток Н.А., Кучинский В.А. Общая теория государства и права: Учебник. - М., 2006. - 456 с.
3. Денисов А.И. Советское государственное право. - М.: «Юриздат», 1947. - 467 с.
4. Диноршоев А.М. Понятие, содержание и классификация международных стандартов в области прав человека // Вестник ТНУ. - Душанбе, 2015. - № 3/1 (128). -С. 159-167.
5. Менглиев Ш.М. Защита имущественных прав граждан. - Душанбе: «Ирфон», 1989.-329 с.
6. Нерсесянц В.С. Общая теория государство и право. - М, 2004. - 485 с.
7. Патюлин В.А. Государство и личность в СССР (правовые аспекты взаимоотношений). – М.: «Наука», 1974. - 431 с.
8. Право беженцев. Учебное пособие / Под ред. Менглиева Ш.М. - Душанбе, 1997. - 258 с.
9. Рудинский Ф.М. Личность и социалистическая законность. - Волгоград, 1976. – 365 с.
10. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуғуғ ва давлат: Китоби дарсӣ. - Душанбе: Эход, 2005. - 459 с.
11. Теория государства и права: Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.И. Малько. - М.: «Юристь», 2001. - 596 с.
12. Теория государства и права: Учебник / Под ред. А.В. Малько. - М.: «КНОРУС», 2006. - 489 с.
13. Теория государство и право: Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.И. Малько. - М.: «Юристь», 2001. - 597 с.
14. Хропанюк В.Н. Теория государство и права. Учебное пособие. - М.: «Проспект», 1993. - 452 с.


## ОИД БА МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ НАЗОРАТИ КОНСТИТУТСИОНӢ


**Сафарзода Шерафган Изатулло**

муаллими кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17

тел.: 918-46-65-65, e-mail: sherafgan_safarov94@mail.ru

# О ПОНЯТИИ И СУЩНОСТИ КОНСТИТУЦИОННОГО НАДЗОРА

**Сафарзода Шерафган Изатулло**
преподаватель кафедры конституционного права юридического факультета
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
тел.: 918-46-65-65, e-mail: e-mail: sherafgan_safarov94@mail.ru

# ON THE CONCEPT AND SUMMARY OF CONSTITUTIONAL SUPERVISION

**Safarzoda Sherafgan Izatullo**
lecturer department of Constitutional Law of the Faculty of Law of the
Tajik National University
731025, Tajikistan, Dushanbe, str. Buni Hisorak
tel.: 918-46-65-65, e-mail: e-mail: sherafgan_safarov94@mail.ru

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти назорати конститутсионӣ баррасӣ гардидааст. Дар он андешаҳои муаллиф нисбати масъалаи мазкур баён гардида, аз нигоҳи илмӣ онро баррасӣ кардааст.*

***Аннотация.*** *В данной статье автором рассматривается вопрос о понятии и сущности конституционного надзора. Наряду с этим автор на основе изучения различных точек зрения сформулировал свою позицию.*

***Annotation.*** *In the article, the author considers the issue of the concept and essence of constitutional supervision. The author, based on the study of various points of view, formulated his position.*

***Калидвожаҳо:*** *Назорати конститутсионӣ, Конститутсия, мақомоти назорати конститутосионӣ, қонун, санади меъёрии ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова:*** *Конституционный надзор, Конституция, органы конституционного контроля, закон, нормативно-правовой акт.*

***Key words:*** *Constitutional oversight, the Constitution, constitutional review bodies, law, regulatory act.*

Дар таъмини амали конститутсия ва ҳимояи ҳуқуқии он мавқеи махсусро назорати конститутсионӣ ишғол мекунад. Пеш аз оне, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта шавад, зарур шумурда мешавад, ки мафҳуми «назорат»-ро баррасӣ намуд.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ «назорат» чун «нигоҳ кардан ба сӯи чизе, дар таҳти назар доштан, зери назорат гирифтан» фаҳмида мешавад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мафҳуми назорати конститутсионӣ пешниҳод гардидааст, ки аз лиҳози ҷанбаҳои гуногун равшан шудааст. Яке аз олимон бар он назар аст, ки асоси назорати конститутсионро тафтиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳри мувофиқати онҳо ба конститутсия ташкил медиҳад. Масалан, И.А. Кравец пешниҳод менамояд, ки зери мафҳуми «назорати конститутсионӣ» дилхоҳ шакли тафтиш баҳри мувофиқат ба санадҳои конститутсионӣ ва амали мақомоти ҳокимияти оммавӣ, ҳамчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад [6, 111]. Нудел М.А. бар он назар аст, ки «назорати конститутсионӣ – ин пеш аз ҳама тафтиши қонунҳо аз лиҳози мувофиқати онҳо ба конститутсия мебошад» [7, 7].

Дигар муҳаққиқон назорати конститутсиониро бо фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки мувофиқатӣ ва бартарафсозии номувофиқии қонунҳо ва ҳамчунин, санадҳои меъёриро ба конститутсия дида мебароянд, алоқаманд мекунанд [4, 20]. Ба назари А.Б. Венгеров назорати конститутсионӣ – ин фаъолияти мақомоти давлатии махсус таъсисшудаест (аз он ҷумла судҳо), ки

тафтиши мувофиқатии қонунҳои ҷорӣ, дигар санадҳои меъёрӣ ба меъёрҳои конститутсиониро бо мақсади бекор кардани амали он санадҳое, ки ба Конститутсия мухолифат мекунанд [2, 78]. Ҳамчунин, Еременко Ю.П. зери мафҳуми назорати конститутсионӣ фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ мефаҳмад, ки дар раванди он мувофиқатии ин ё он санади меъёрӣ ба конститутсия муайян карда мешавад, ки дар натиҷа қарор оиди бартарафсозии вайронгардии ошкоршудаи конститутсионӣ будани қонунҳо қабул карда мешавад [5, 131]. Боботов С.В. ба он андеша аст, ки назорати конститутсионӣ (дар муқоиса бо ИМА) ин маҷмуи ваколати ҳокимиятии Суди олӣ мебошад, ки имкони мустақилона баҳодиҳии фаъолияти дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро дорад ва вобаста ба ин масъала қарори ниҳоӣ қабул мекунад [1, 36].

Баъзе муаллифон мафҳуми васеи назорати конститутсиониро додаанд. Ба ақидаи онҳо, зери мафҳуми назорати конститутсионӣ тафтиши ба конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ мувофиқатии дигар санадҳои мақомоти олии давлатӣ фаҳмида мешавад [3, 68].

Аз ақидаи ин муҳаққиқон бар меояд, ки назорат мувофиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба конститутсияи давлат ва бекор кардани санадҳои номувофиқ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ин метавонад мақомоти ҳокимияти иҷроия, судӣ ва дигар мақомоти ваколатдор боашд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки нуқтаи назари онҳо дар муносибат бо ваколати судҳо дар ин самт мувофиқ нест, чунки онҳо ваколатҳои судҳои низоми ҳуқуқии гуногунро, аз он ҷумла англо-америкоӣ ва романно-олмониро баррасӣ намуданд. Масалан, В.С. Боботов назорати конститутсиониро бо назорати судӣ алоқаманд менамояд, ки ба таҷрибаи судии ИМА такя намуда, қайд мекунад, ки дар он падидаи адлияи конститутсионӣ мавҷуд нест. Венгеров А.Б. махсусияти назорати конститутсиониро чун мақомоти баамалбарорандаи адлияи конститутсионӣ баррасӣ намудааст. Ба ғайр аз ин, ҳар як мафҳуми назорати конститутсионии овардашуда аломатҳои пурраи назорати конститутсиониро дар бар намегирад.

Дар робита бо ин муаллиф мафҳуми назорати конститутсиониро чунин муайян намудааст: назорати конститутсионӣ – ин фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар шакли мурофиавӣ муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба муайян намудани мувофиқати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ, амали мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба конститутсия ва бартарафсозии қонуншиканиҳои содиргардида мебошад.

Дар ин мафҳум, ба назари мо, дар маҷмуъ чунин аломатҳои асосии назорати конститутсионӣ ифода гардидаанд: субъектони амаликунандаи назорат (мақомоти ваколатдори давлатӣ); объекти назорати конститутсионӣ (амали мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ); таъиноти функсионалии назорат (муайян намудани мувофиқати санадҳои меъёрӣ ба конститутсия); тартиби баамалбарорӣ (дар шакли мурофиавии муқаррарнамудаи қонун).

Дар мамлакатҳои низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин низоми ҳуқуқӣ шомил мебошад судҳои гуногун, аз он ҷумла мақомоти назорати конститутсионӣ амал макунад. Назорат дар ин маврид дар ду самт ифода мегардад: якум, назорат аз ҷониби судҳои салоҳияти умумӣ; дуюм, назорат аз ҷониби Суди конститутсионӣ.

Дар иртибот бо ин, масъалаи таносуби мафҳуми назорати судӣ ва назорати конститутсионӣ ба миён меояд. Назорати судӣ пеш аз ҳама, тавассути тафтиши санадҳои меъёрӣ (назорати меъёрӣ) амалӣ карда мешавад. Зери мафҳуми назорати меъёрӣ - ин дар шакли мурофиавии муайян баамалбарории фаъолияти мақомоти ваколатдори судӣ оид ба тафтиши мувофиқатии санадҳои меъёрӣ ба дигар санадҳои меъёрии дорои қувваи баланди ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Назорати конститутсионӣ бошад, дар доираи назорати меъёрӣ мувофиқатии санадҳои меъёриро танҳо ба конститутсия месанҷад [8, 22].

Аз ақидаҳои дар боло овардаи олимон бар меояд, ки зери назорати конститутсионӣ тафтиши санадҳои мақомоти олии давлатӣ ҷиҳати мувофиқати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ фаҳмида мешавад [3, 68].

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир мақом ва аҳамияти назорати конститутсионӣ чун фаъолияти мақомоти назорати конститутсионӣ ва падидаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии

Тоҷикистон меафзояд. Чунки, Конститутсия ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии дорои қувваи олии ҳуқуқӣ махсули ирода халқ буда, зарурати ҳифзи меъёрҳои он аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор мебошад. Бо ҳамин хотир, назорати конститутсионӣ чун қисми тарқибии назорати судӣ асосан аз ҷониби Суди конститутсионӣ баамал бароварда мешавад, ки фаъолияти он тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва муқаррар гардидааст.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Боботов С.В. Конституционная юстиция. - М.: «Норма», 1994. - 356 с.
2. Венгеров А.Б. Проблемы непосредственного действия советских конституционных норм // Проблемы конституционного права. - Саратов, 1969. - С. 75-79.
3. Воеводин А.Д., Златопольский Д.Л. Государственное право зарубежных социалистических стран. - М.: «Проспект», 1984. - 468 с.
4. Домогала М.В. Конституционные суды: модели работы в соответствии с федеральными государственными системами // Сборник материалов междунар. научно-практ. конф. конституционных судов России, Германии и Словении. - Петрозаводск, 1998. - С. 19-24.
5. Еременко Ю.Л. Советская Конституция и законность. - Саратов, 1982. - 236 с.
6. Кравец И.А. Система конституционализма в России: проблемы развития. – Томск, 1998. - 395 с.
7. Нудель М.А. Конституционный контроль в капиталистических государствах. - М., 1968. - 354 с.
8. Яценко В.Н. Судебный контроль нормативных актов // Государство и право. - 2005. - № 11. - С. 21-26.


## ҲИФЗ ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ПАДАРУ МОДАР ТИБҚИ ҚОНУНГӮЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Собирзода И.С.
Ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ


## ЗАЩИТА И ОХРАНА ПРАВ РОДИТЕЛЕЙ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**Собирзода И.С.**
Ректор Института повышении квалификации Министерства юстиции Республики Таджикистан,
Соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ


## PROTECTION AND DEFENSE OF PARENTS 'RIGHTS UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**Sobirzoda I.S.**
Rector of the Institute for Advanced Studies of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan,
Applicant of the A. Bakhovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law, AS RT



***Анотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур масъалаҳо вобаста ба мафҳуми ҳимояи ҳуқуқҳои падару модар, шаклҳои ҳимояи ҳуқуқи зикршудагон, инчунин мавқеи олимони ватанӣ доир ба масаъалаи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои падару модар низ баррасӣ шудааст.*

***Аннотация:*** *В данной статье рассмотрены вопросы, связанные с понятием зашиты прав родителей, формы защиты прав отмеченных лиц, а также позиции отечественных ученых о защиты и охраны прав родителей.*

***Abstract:*** *This article discusses issues related to the concept of protection of the rights of parents, forms of protection of the rights of noted persons, as well as the position of domestic scientists on the protection and protection of the rights of parents.*



***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқҳои падару модар, ҳуқуқи оилавӣ, мафҳум, сарчашмҳои ҳуқуқ, Чумҳурии Тоҷикистон.*

***Ключивые слова:*** *родительские права, семейное право, понятие, источники права, Респубдика Таджикистан.*

***Keywords:*** *parental rights, family law, concept, sources of law, Republic of Tajikistan.*

Оила ҷузъи таркибии ҳаёти хусусии шаҳрвандон буда, бо назардошти анъанаҳои шарқиёна то ба ҳадди ниҳоӣ дахлнопазир будани худро талаб менамояд. Дахолат ба оила метавонад рахнашавии ҳаёти хусусиро ба вуҷуд оварда, аз таҳти «идоракунӣ» баромадани онро боис гардад. Масалан, аз ҷониби истиқоматкунандаи Ҷамоати деҳоти Ҳ. Усмони ноҳияи Б. Ғафуров ба қатл расонида шудани келин бинобар сабаби маскун шудани ӯ ба манзили истиқоматии вай [19]. Аз ин ҷо, ба доираи иштирокчиёни формулаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои оилавӣ дохил кардани ҷамъият ва давлат, чӣ хеле ки инро Д. Мутагиров анҷом додааст, дуруст шуморида намешавад. Давлат ва ҷамъият падидаи «роҳбарикунанда» буда, аз болои сатҳи оила қарор доранд ва бояд дар атрофи он хатти ҳимоявиро ташаккул диҳад.

Мавриди зикр аст, ки сифати амалишавии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падар ва модар аз як қатор омилҳо, аз ҷумла омилҳои кафолатӣ вобастагии зич доранд. Дуруст аст, ки дар муносибатҳои оилавӣ ҳуқуқҳои шахсӣ дар муқоиса ба муносибатҳои молумулкӣ табиати муайянкунандаро доранд, яъне сараввал муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва баъд муносибатҳои молумулкӣ пайдо мешаванд [13, 55]. Бо ин тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудани муносибатҳои оилавӣ инкор намегардад. Дар баробари меъёрҳои ахлоқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим гардидани муносибатҳои оилавӣ мувофиқи мақсад мебошад, ки низоми механизми кафолатии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падар ва модарро ташаккул медиҳанд. Барои ин дар навбати аввал худи давлат ҳавасманд буда, устувории оила ва муносибатҳои оилавӣ замина гузошта мешаванд [21, 35-39]. Дар ин робита ҳимояи муносибатҳои оилавӣ предмети истисноии ҳуқуқи оилавӣ набуда, инчунин бо соҳаҳои дигари ҳуқуқ - конститутсионӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, граждани, меҳнатӣ ва м.и. ба амал бароварда мешавад [25, 165].

Мафҳуми ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар ва шаклҳои чунин ҳимоя ба ҷумлаи масъалаи ҳалнашудаи назария ва амалияи ҳуқуқи оилавӣ дохил буда, нисбатан ба таври маҳдуд омӯхта шудааст. Вобаста ба ин, амалияи ҳуқуқи оилавӣ дар қонунгузории Тоҷикистон оид ба оила мафҳуми расмии ҳимоя ва шаклҳои онро пешбинӣ намекунад, чигунае, ки ин дар амалияи соҳаҳои дигари ҳуқуқ, масалан, ҳуқуқи гражданӣ ба назар мерасад (моддаи 12 КГ Тоҷикистон).

Нисбати мафҳуми ҳимоя нуқтаи назар ва андешаҳои комилан гуногун ҷой дошта, ба таври мухталиф шарҳ дода мешавад. Мафҳумҳои пешниҳодшавандаи ҳимоя новобаста аз тавзеҳоти гуногун, соҳиби умумият буда, дар заминаи унсурҳои ягона - таъмини амалишавии ҳуқуқҳои субъективӣ, кафолати амният, низоми чораҳои ҳимоя ва м.и. муттаҳид мегарданд.

Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ мафҳуми ҳимояро ба ду маъно - моддӣ ва мурофиавӣ тавзеҳ медиҳад. Ба маънои моддӣ зери мафҳуми ҳимоя низоми чораҳои маҷмӯии бо қонунгузории миллӣ пешбинӣ шуда фаҳмида мешавад, ки барои таъмини амалишавии озоду дахлдори ҳуқуқҳои субъективӣ нигаронида шуда, ҳимояи судӣ, қонунгузорӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-техникӣ ва дигар воситаҳо ва чорабиниҳо, инчунин худмуҳофизаткунии ҳуқуқҳои гражданиро дар бар мегирад. Ба ин маъно ҳар кас имкон дорад ҳуқуқ ва манфиатҳои худро бо тамоми воситаҳои бо қонун манъ нашуда ҳимоя намояд.

Ба маънои мурофиавӣ зери мафҳуми ҳимоя маҷмӯи амалҳои мурофиавие фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо ҳуқуқи гумонбаршуда ва (ё) айбдоршаванда аз айбдоркунӣ тавассути ариза, дархост, бо истифода аз ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонун ва дигар воситаҳои иҷозатдодашуда ҳимоя карда мешавад. Ҳимоя ба ин маъно мумкин аст чӣ аз ҷониби гумонбаршуда ва (ё) айбдоршаванда ва чӣ аз ҷониби адвокат, ки ба зиммаи ӯ назорат аз болои риояи қатъии расмиятчигӣ дар раванди мурофиа вогузор карда шудааст, ба амал бароварда шавад [26].

Ба мафҳуми ҳимоя ба маънои моддӣ ва мурофиавӣ аз нигоҳи Б. Худоёров назар карда шавад, дурустии «таснифоти» мазкур инкор намегардад. Ҳуқуқҳои субъективӣ ва вазифаҳои ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ тавассути меъёрҳои моддӣ танзим гардида, мукаммалӣ ва рушди ин меъёрҳо ба таври ногузир зарурияти мутобиқгардии меъёрҳои мурофиавиро ба миён меоранд [25, 164]. Лекин, дар маънои мурофиавӣ маҳдуд карда шудани мафҳуми ҳимоя бо ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва (ё) айбдоршаванда дуруст набуда, наметавонад мазмуни асосии онро ифода намояд. Ҳимоя ба ин маъно, чӣ хеле ки Б. Худоёров қайд менамояд, мафҳуми нисбатан васеъ буда, тартиби амалишавии меъёрҳои моддиро муқаррар менамояд. Масалан, тибқи моддаи 126, қисми 1 КО Тоҷикистон фарзандхондӣ дар асоси аризаи шахсоне (шахсе), ки кӯдакро ба фарзандӣ қабул кардан мехоҳанд, аз тарафи суд расмӣ карда мешавад. Тартиби баррасии ариза оид ба фарзандхондиро боби 6 КМГ Тоҷикистон ба танзим медарорад.

Сарчашмаҳои иттилоотии озод мафҳуми дигари ҳимояро пешниҳод намуда, онро ба сифати кафолати амният аз касе ва ё чизе муайян менамоянд. Баробари ин, муайян гардидани ҳимоя ҳамчун амал ва ё чорабиниҳо бобати амалигардонии ин кафолатҳо истисно намешавад.

Бо назардошти он ки моддаи 6 КМҶ Тоҷикистон мурофиаи судии ҷиноятиро ҳамчун пешбурди тосудӣ ва мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ муайян менамояд, хулоса намудан мумкин аст, ки зери мафҳуми мурофиа раванд ё фаъолияти бо меъёрҳои ҳуқуқ танзимгардида фаҳмида мешавад, ки барои қабули қарор ё иҷрои амалҳои муайян равона шудааст. Дар ин робита, ҳимоя ба мафҳуми мурофиавӣ наметавонад кафолати амният аз касе ё чизе бошад. Ба ин маъно метавонад танҳо раванди мурофиавии амалишавии ин кафолатҳоро муқаррар намояд.

Тибқи таҳлилҳои боло, ҳуқуқ ба ҳимоя вобаста ба мазмун ва моҳият бештар хислати субъективӣ дошта, маҷмӯи ҳуқуқҳои субъективиеро дар назар дорад, ки аз ҷониби барандагони ҳуқуқ дар мавриди поймол ва (ё) ба миён омадани чунин таҳдид истифода шуда, мақсади барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои поймолшударо дорад. Масалан, тибқи моддаи 142 КО Тоҷикистон падар ва модари ҳақиқии кӯдаке, ки фарзандхонд шудааст, ҳуқуқ доранд ҳангоми ҷой доштани асосҳои дар моддаи 141 КО Тоҷикистон пешбинӣ шуда барои бекор кардани фарзандхондӣ бо ариза ба суд муроҷиат намоянд. Бо ин назардошт, ҳимоя, чӣ хеле ки С. Тағоева қайд мекунад, «... барои барқарор кардани ҳолати мӯътадили муносибатҳои ҳуқуқӣ ва бартараф кардани монеъаҳо нигаронида шудааст, ки амалишавии ҳуқуқҳои субъективиро мушкил мегардонанд ё барои ин монеъа эҷод мекунанд» [20, 39].

Андешаи С. Тағоева вобаста ба мафҳуми ҳимоя мавриди баҳс набуда, мӯҳтавои асосии ин падидаро ифода менамояд. Ҳимоя дар ҳамагуна ҳолат барои барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои поймолшуда равона гардида, дар атрофи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ қабати ҳимоявиро ба вуҷуд меорад. Ба ин мазмун нуқтаи назари Е. Суханов ҷолиби диққат ба назар мерасад. Аз нигоҳи ӯ барои барандагони ҳуқуқ ҳамагуна ҳуқуқҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ дар мавриде аҳмият пайдо карда метавонанд, ки агар онҳо имконияти ҳимоя намудани ин ҳуқуқҳоро чӣ бо амалҳои худ ва чӣ бо роҳи муроҷиат ба мақомоти давлатии ваколатдор дошта бошанд. Аз ин ҷо, вай зери мафҳуми ҳуқуқ ба ҳимоя фаҳмида шудани имконияти бо қонун мустаҳкамгардидаи шахсони ваколатдорро пешниҳод менамояд, ки дар доираи он ин шахсон метавонанд бо мақсади барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ё пешгирӣ намудани амалҳои поймолкунандаи ҳуқуқҳо чораҳои хислати ҳимоякунандаро истифода намоянд [5, 159].

КО Тоҷикистон гарчанде дар моддаи 8 масъалаҳои алоқаманд ба ҳимояи ҳуқуқҳои оилавиро мавриди танзим қарор дода, мақомоти давлатии ваколатдоро дар ин хусус муқаррар мекунад, лекин мафҳуми расмии ҳуқуқ ба ҳимояро пешбинӣ наменамояд. Ба таври расмӣ пешбинӣ гардидани мафҳуми ҳуқуқ ба ҳимоя, фаҳмиши умумиқабулшудаи ин ҳуқуқро ба вуҷуд оварда, амалияи ягонаи татбиқи онро кафолат медиҳад. Аз ин ҷо, барои бартараф кардани фаҳмиши гуногуни мафҳуми ҳуқуқ ба ҳимоя ва ба низоми муайяну ягона ворид намудани механизми ҳимояи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падар ва модар, пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 8 КО Тоҷикистон мафҳуми расмии ҳуқуқ ба ҳимоя кушода дода шуда, матни қисми 1 ин модда дар таҳрири зерин баён карда шавад:

«Моддаи 8. Ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ

1. Ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ маҷмӯи ҳуқуқҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила пешбинишуда мебошанд, ки барои ҳимоя ва барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда, инчунин ҷиҳати бартараф кардани монеъаҳо равона карда шудаанд.

Шахсони ваколатдор ҳуқуқ доранд барои ҳимояи ҳуқуқҳои оилавии худ аз тарз ва воситаҳое истифода намоянд, ки ба қонунгузории Тоҷикистон оид ба оила ва дигар қонунгузории Тоҷикистон мухолиф набуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳимояшавандаро поймол намекунанд».

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба ҳимоя маҷмӯи ҳуқуқҳои бо қонунгузорӣ оид ба оила ва дигар қонунгузории Тоҷикистон пешбинӣ гардида мебошад, ки барои ҳимоя ва барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ваколатдор нигаронида шуда, ба таври худмуҳофизатӣ ё дар асоси муроҷиат ба мақомоти давлатии ваколатдор ба амал бароварда мешавад.

Л. Назархудоева дуруст қайд менамояд, ки «.. рушди инсон дар ҳамбастагӣ бо муносибатҳои ҷамъиятӣ идома меёбад, ки онҳо дар раванди ташаккули инсон нақши махсусро мебозанд. Оила асоси ҷамъият эътироф шуда, бештар дар иҷтимоишавии инсон иштирок менамояд ва тавассути инсон дар ҳамбастагӣ бо падидаҳои дигари ҷомеа арзишҳои ҷамъиятиро ба миён меорад, истифода мебарад ва шаклгирӣ (трансформатсия) мекунад» [14, 30]. Мутобиқ ба ин, предмети ҳуқуқи ҳимояро на танҳо ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ

(аъзоёни оила), инчунин манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи онҳо ташкил медиҳанд. Аз ин ҷо, қонунгузорӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда барои аз ҷониби барандагони ҳуқуқҳои субъективӣ ҳимоя шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон ваколатҳои дахлдорро муқаррар мекунад.

С. Тағоева таносуби чораҳои ҳимоя ва чораҳои ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи оилавиро мавриди таҳлил қарор дода, дар ин пасманзар зиёд будани чунин меъёрҳоро дар ҳуқуқи оилавӣ қайд менамояд [20, 39]. Ӯ ҳангоми хулосабарорӣ такяро ба андешаҳои И.Н. Гливинская додааст [4], ки чунин иброз дошта буд: «дар доираи соҳаи ҳуқуқи алоҳида ҷой доштани меъёрҳои ҳимоявии гуногун нишондиҳандаи пешрафта будани ин соҳаи ҳуқуқ мебошад».

Соли 1998 дар таҳрири нав қабул ва мавриди амал қарор гирифтани қонунгузории Тоҷикистон оид ба оила, ба миён омадани меъёрҳои гуногунро оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои падар ва модар асос гузошт. Дар шароити муосир меъёрҳои мазкур тағйири моҳият карда, зарурияти таҷдиди назари онҳоро ба миён овардааст. Мухолифат ва фазои холигии (пробелҳо) дар байни ин меъёрҳо ҷой дошта наметавонанд татбиқи комили онҳоро замина гузошта, дар сатҳи дахлдор ҳимоя гардидани ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонуниро таъмин созанд.

Боиси инкор нест, ки «дар шароити муосир мазмуни ваколатҳои дар доираи ҳуқуқҳои субъективӣ додашаванда васеъ шуда истодаанд. Ҳамаи ин бешубҳа ҳадди озодии аз ҷониби ҳуқуқ эътироф гардида ва аз тарафи давлат кафолат додашудаи шаҳрвандонро пешбарӣ менамояд. Аммо, ин раванд барои ояндабинӣ намудани болоравии шумораи сӯиистифода аз ҳуқуқҳои субъективӣ имконият медиҳад» [2, 273]. Чунончи, бо ҳалномаи Суди ноҳияи Вахш ба манфиати Раҳматуллоева М. ва се фарзанди ноболиғи ӯ таъин гардидани таъминоти моддӣ (алимент) ва аз ҷониби ӯ ба манфиати шахсӣ истифода шудани ин таъминот, барои бо ариза ба Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти ҳокимияти давлатии ноҳияи Вахш мурочиат кардани собиқ шавҳари Раҳматуллоева М. боис гардид [27].

Шахсони манфиатдор (субъектони муносибатҳои оилавӣ) ҳангоми сӯиистифода шудан аз ҳуқуқҳои субъективӣ, метавонанд барои пешгирӣ кардани халалдоршавӣ ва ё поймолшавии манфиатҳои қонунии худ, мутобиқи салоҳдид яке аз ин амалҳоро содир намоянд:

а) мустақилона анҷом додани амалҳои мусбӣ, ки хилофи қонунгузории Тоҷикистон набуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳимояшавандаро поймол ва ё маҳдуд намекунанд. Масалан, бастани созишнома дар бораи тартиби иштирок дар таълим ва тарбияи фарзанд ва мушаххас кардани доираи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падар ва модар;

б) аз шахсони дорои ӯҳдадорӣ талаб кардани анҷом додани амалҳои мусбӣ, ки барқарор гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои поймол ва ё маҳдуд шударо мусоидат менамояд ё эҳтимолияти поймолшавӣ ва ё маҳдудшавии онҳоро пешгирӣ мекунанд. Масалан, ба таври ҳатмӣ талаб кардани бастани аҳдномаи никоҳ, агар яке аз никоҳшавандагон шаҳрванди хориҷӣ бошад (моддаи 12 КО Тоҷикистон).

Дар сарчашмаи ҳуқуқии алоҳида ин «ваколат»-ҳои шахсони манфиатдор ба сифати мазмуни ҳуқуқ ба ҳимоя муқаррар шуда, бо «ваколат»-и сеюм - худмуҳофизаткунӣ ғанӣ гардонида шудааст. Ба ин мазмун шахсони манфиатдор метавонанд барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ инчунин аз худмуҳофизаткунӣ - чораҳои воқеие, ки шахсони манфиатдор барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ татбиқ менамоянд, истифода кунанд [24, 64].

Агар худмуҳофизаткунӣ бо сарчашмаҳои ҳуқуқии алоҳида илова ба ду ваколати шахсони манфиатдор муқаррар шуда бошад, амалия нисбати ин масъала назари дигаре дорад. Вай ду ваколати шахсони манфиатдорро бо чораҳои худмуҳофизаткунӣ алоқаманд менамояд. Масалан, истифода гардидани мудофиаи зарурӣ, муҷозоти фаврӣ ва м.и. дар доираи «ваколат»-и якум ва такя кардан ба чораҳои таъсиррасонандаи аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор нисбати шахсони ҳуқуқвайронкунанда истифодашаванда дар доираи «ваколат»-и дуюм, ки «ҷабрдида» бо ин мақсад ба мақомоти давлатии дахлдор мурочиат менамояд [6].

Бо назардошти он ки шахсони манфиатдор дар доираи «ваколат»-и якуми худ имконияти содир кардани амалҳои ҳимоявиро тибқи салоҳдид доранд ва худмуҳофизаткунӣ мантиқан амалҳоеро ифода менамояд, ки аз ҷониби шахсони салоҳиятдор ҷиҳати ҳимояи манфиатҳо мустақилона интихоб мегарданд, ба сифати «ваколат»-и алоҳидаи шахсони манфиатдор тасниф гардидани худмуҳофизаткунӣ мантиқӣ ба назар намерасад.

М. Геворгян баъзе ҷанбаҳои назариявии худмуҳофизатиро ҳамчун тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ таҳлил намуда, андешаи ҷолиби диққатро баён менамояд. Ӯ аз ҷониби шаҳрвандон дар

раванди ба амал баровардани ҳуқуқҳо истифода шудани чунин тарзи ҳимоя - худмуҳофизаткуниро дар маҷмӯъ ба сатҳи рушди давлат алоқаманд мекунад [3, 102].

Аз сатҳи рушди давлат вобаста будани кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд инкор карда намешавад. Давлат дар шароити низоми сиёсии тоталитарӣ наметавонад кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ба чунин мазмун таъмин намояд. Дахолати давлат ба ҳаёти хусусӣ ба назар расида, кӯшиши ба танзим даровардани ҳаёти оилавӣ ба манфиати ҷомеа анҷом дода мешавад. Масалан, мутобиқи фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 21 ноябри соли 1941 ҷорӣ шудани андоз барои тарзи ҳаёти муҷаррадона ва доштани камтар аз ду фарзанд [22]. Бо вуҷуди ин, дар давлат бо низоми сиёсии тоталитарӣ ҳуқуқи шаҳрвандон ба худмуҳофизатӣ инкор намегардад. Механизми мушаххаси ба амал баровардани онро муқаррар карда, кафолати худмуҳофизатиро дар доираи қонунгузорӣ таъмин менамояд. Масалан, мутобиқи Кодекси қонунҳо дар бораи ақди никоҳ, оила ва васоят аз 19 ноябри соли 1926 модар ҳуқуқ дошт то таваллуди кӯдак, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои ӯ, ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳаллӣ бо ариза дар бораи падари кӯдак муроҷиат намояд (банди 28). Аз ин ҷо, алоқаманд кардани худмуҳофизатӣ ба сатҳи рушди давлат дуруст шуморида намешавад. Бо рушди давлат механизми худмуҳофизатӣ такмил ёфта, мухторияти шаҳрванд дар ин самт кафолат дода мешавад.

Новобаста аз оне, ки «ваколат»-ҳои зикршудаи шахсони манфиатдор дар назария ва амалия бо кадом тартиб шарҳ ва тавзеҳ дода мешаванд, дар маҷмӯъ қисми таркибии ҳуқуқ ба ҳимоя эътироф гардида, кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ташаккул медиҳанд. Онҳо бо ҳам дар пайвастагии мустақим қарор дошта, якдигарро зина ба зина иваз менамоянд. Масалан, ҳангоми ба мувофиқа наомадани падар ва модар оид ба ном ва (ё) насаби кӯдак дар мавриди гуногун будани насаби падар ва модар, бо қарори мақомоти васоят ва парасторӣ сабт гардидани ном ва (ё) насаби кӯдак дар китоби асноди ҳолати шаҳрвандӣ (моддаи 20, қисми 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»).

Зина ба зина ивазшавии «ваколат»-ҳои шахсони манфиатдор, мутобиқатии дохилии онҳо ба шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳо ишора менамоянд, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ба амал бароварда мешаванд. Вобаста ба ин, зери мафҳуми шаклҳои ҳифзи ҳуқуқҳои падар ва модар маҷмӯи чораҳои ба ҳам мувофиқ фаҳмида мешаванд, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии онҳо нигаронида шудаанд. Дар ҳамин асос пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми расмии шаклҳои ҳифзи ҳуқуқҳои падар ва модар дар моддаи 8 КО Тоҷикистон бо дар таҳрири зерин баён намудани қисми 2 муайян карда шавад:

«2. Шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ маҷмӯи чораҳои бо ҳам мутобиқатии сохтори дохилӣ дошта мебошанд, ки ҳамдигарро ба таври низомнок иваз карда, ҳимояи ҳуқуқҳоро пайгирӣ менамоянд.

Шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ аз ҷониби аъзоёни оила вобаста ба моҳияти ҳуқуқҳои поймолшуда ва ё маҳдуд гардида тибқи салоҳдид интихоб карда мешаванд».

Дар назарияи ҳуқуқи оилавӣ ба таври умумӣ ду шакли асосии ҳифзи ҳуқуқҳои падар ва модар фарқ карда мешаванд, ки онҳо дар навбати худ ба намудҳои дигар тасниф мегарданд:

а) шакли ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар;

б) шакли ғайриҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар.

Тибқи шакли ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар, онҳо ҳуқуқи мустақилона ҳимоя намудани манфиатҳои худро надошта, бо ин мақсад ба мақомоти давлатии салоҳиятдор муроҷиат менамоянд. Дар ин доира, гуфтан мумкин аст, ки имконияти ҳуқуқҳои субъективии падар ва модар оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ то андозае маҳдуд буда, онҳо имконияти озод амал карданро надоранд. Падар ва модар ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ, ки поймол ва ё маҳдуд карда шудааст, ҳамон тарз ва воситаеро интихоб менамоянд, ки онҳоро қонунгузории Тоҷикистон оид ба оила ва дигар қонунгузории амалкунанда муқаррар кардаанд. Масалан, бинобар сабаби ҷой доштани хусумати шахсӣ аз ҳуқуқи муошират бо падар ва ё модар маҳрум кардани кӯдак. Дар ин ҳолат ва ҳолатҳои дигари ба ин монанд, шахсони манфиатдор наметавонанд аз чораҳои худмуҳофизатӣ ва тарзҳои дигари монанд ба ин истифода намоянд. Истифода гардидан аз тарзҳои дигар мумкин аст барои фаро расидани ҳамон оқибатҳои манфӣ боис шаванд, ки бо қонунгузории Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Чунончи, бинобар сабаби сард шудани муносибатҳои оилавӣ ва ба хонаи падар рафтан аз ҷониби модар эҷод карда шудани монеъа ба муошират Одинаев Юсуф бо падараш ва бо ҳалномаи Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз 8 июли соли 2015 бартараф карда шудани ин монеъа бо муқаррар намудани вақт ва маҳалли муошират бо падар [28].

Дар доираи шакли ҳуқуқӣ аз фаъолияти мақомоти давлатии ваколатдор вобаста будани ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модарро ҳамчунин К. Сарина қайд менамояд. Ӯ шакли ҳуқуқии ҳимояро ба сифати фаъолияти намояндагони ваколатдори мақомоти ҳокимият оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои оилавии поймолшуда ё мавриди баҳс қарор гирифта муайян менамояд [17].

Бо назардошти он ки ҳуқуқҳои оилавии поймолшуда ё мавриди баҳс қарор гирифта аз ҷониби кадом мақомоти давлатии ваколатдор, чигуна ҳимоя карда мешаванд, тасниф гардидани шакли ҳуқуқии ҳимоя ба судӣ ва маъмурӣ қобили қабул гардидааст.

Агарчи аксар намояндагони назарияи ҳуқуқи оилавӣ, аз ҷумла Л.М. Пчелинсева шакли судии ҳимояи ҳуқуқҳои оилавиро ба сифати ҳимояи рақами як муайян менамоянд [15, 33], бо ин андеша на ҳамаи назариячиён ҳамфикр гардиданд. М. Староселсева бо ба назар гирифтани махсусияти муносибатҳои оилавӣ, на ҳама вақт воситаи самараноки ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ будани шакли судиро қайд мекунад [18, 25].

Мавриди қайд аст, ки на ҳамаи муносибатҳои оилавӣ предмети шакли судии ҳимояро ташкил медиҳанд. Аксар муносибатҳои оилавӣ тариқи маъмурӣ ҳимоя гардида, доираи васеи масъалаҳои оилавиро фаро мегиранд. Масалан, кӯдак ҳуқуқ дорад дар мавриди поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои худ, аз ҷумла дар ҳолати иҷро ва ё ба таври дахлдор иҷро нашудани ӯҳдадориҳои падар ва модар оид ба таълиму тарбия, сӯиистифода шудан аз мақоми ҳуқуқӣ, ба мақомоти васоят ва парасторӣ шикоят намояд (моддаи 57 КО Тоҷикистон). Масъалаҳои муҳим ва мураккаб, ки наметавонанд ҳалли худро ба таври маъмурӣ пайдо намоянд, предмети ҳимояи судиро ташкил медиҳанд. Ба ин сифат инчунин муносибатҳое баромад мекунанд, ки ба таври маъмурӣ баррасӣ гардиданд, лекин тарафҳо ё яке аз онҳо натавонистанд бо қарорҳои қабулшуда розӣ шаванд. Масалан, мутобиқи моддаи 158 КО Тоҷикистон шахсони манфиатдор метавонанд ҳангомӣ розӣ нашудан ба қарорҳои мақомоти васоят ва парасторӣ оид ба таъин ва ё озод кардани васӣ ва парастор, инчунин доир ба ҳамаи масъалаҳои алоқаманд ба васоят ва парасторӣ ба суд шикоят намоянд.

Дар асоси таҳлилҳои боло, ба шакли судии ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ додани аҳмияти дуюмдараҷа ва ҳамчун шакли ғайрисамаранок баҳодод кардани он дуруст шуморида намешавад. Шакли судии ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ, ки дар як вақт ҳуқуқу ӯҳдадориҳои падар ва модарро фаро мегиранд, замоне вориди майдон мешавад, ки роҳи дигари ҳалли масъала ҷой надошта, муаммои сарбаста рӯи кор омадааст.

Дар шароити муосири кишвар, ҳимояи судии муносибатҳои оилавӣ бо як қатор санадҳои судӣ мавриди танзим қарор дода мешаванд, ки ба ин ҷумла номбар кардан мумкин аст:

а) қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2003, №10 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани никоҳ» [12];

б) қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2003, №16 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳо вобаста ба тарбияи фарзандон» [10];

в) қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2003, №17 «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳо оид ба фарзандхондӣ» [11];

г) қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2004, №12 «Дар бораи татбиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба рӯёнидани алимент барои нигоҳубини кӯдак» [9].

Ин санадҳои судӣ таҷрибаи ягонаи татбиқи қонунгузориро вобаста ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзоёни оила, аз ҷумла падару модар ба вуҷуд оварда, мушкилоти дар ин самт мавҷударо муқаррар ва бартараф менамоянд. Чунончи, бо қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2003, №16 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста ба тарбияи фарзандон» мушаххас муайян карда шудани баҳсҳое, ки ба тарбияи фарзандон дохил мешаванд. Бо ин назардошт, қарори мазкур дар банди 2 судҳоро вазифадор менамояд, ки ҳангоми ба мурофиаи судӣ омода сохтани парвандаҳо оид ба тарбияи фарзандон, диққати махсусро ба ҳолатҳои исботшаванда, сифатҳои шахсии падару модар ва шахсоне, ки эҳтимолияти истиқомати онҳо бо кӯдакон ҷой дорад, зоҳир намоянд. Дар ин доира инчунин ба гирифта шудани санади санҷишии мақомоти васоят ва парасторӣ аз ҷониби судҳо хислати ҳатмӣ дода шудааст.

Мавриди зикр аст, ки бо Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, № 30 тасдиқ карда шудааст, ба амал баровардани

вазифа ва функсияҳо оид ба васоят ва парасторӣ нисбат ба кӯдакон ба зиммаи комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор карда шудааст (банди 8).

Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак тибқи банди 2 Низомномаи комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, №29 тасдиқ карда шудааст, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони бе парастории падару модар монда, ҳалли масъалаҳои марбут ба риоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак, расонидани ёрии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва ёрии дигар таъсис дода шудааст, ки ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва дигар ташкилотро дар ин соҳа таъмин менамояд.

Вобаста ба таҳлилҳои боло, аз ҷониби судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар ва фарзандон ба сифати мақомоти васоят ва парасторӣ ҷалб шудани Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мақсад мувофиқ набуда, наметавонад ҳимояи манфиатҳои падар ва модарро дар пасманзари ҳуқуқҳои кӯдак таъмин намояд. Бо назардошти он ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 августи соли 2016, №348 ба сифати мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак муайян шудааст, пешниҳод мегардад, ки ин сохтор бо ворид намудани тағйирот ба банди 8 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ ҳамчун мақоми амалисозандаи вазифа ва функсияи мақомоти васоят ва парасторӣ муқаррар карда шавад.

Аз хусуси ба манфиати Вазорати маориф ва илм ҳал шудани масъала инчунин моддаҳои 203, 430 КМҶ Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд, ки иштироки омӯзгор ва ё равоншиносро ҳангоми пурсиши гумонбаршуда ва ё айбдоршаванда, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд, инчунин ба ин синну сол расидаанду ноқисулақл мебошанд, ба таври ҳатмӣ талаб менамоянд. Онҳо (омӯзгор, равоншинос) ба чунин сифат аз ҳуқуқҳои мурофиавие истифода мебаранд, ки дар қисми 2 моддаи 430 КМҶ Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Қобили қайд аст, ки дар ҳимояи судии ҳуқуқҳои падар ва модар ҳолати муҳим иштироки равоншинос ба шумор меравад. Қонунгузорӣ оид ба оила ҳангоми баррасии парвандаҳои оилавӣ, дар мавриди алоҳида ба инобат гирифтани фикру андешаи кӯдаки ба синни даҳ солагӣ расидаро талаб менамояд. Масалан, суд мутобиқи моддаи 24 КО Тоҷикистон ҳангоми баррасии аризаи даъвогӣ дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, дар як вақт масъалаи маҳалли истиқомати фарзанди умумии ноболиғро ҳаллу фасл менамояд. Тартиби дар асоси моддаи 24 КО Тоҷикистон муайян кардани маҳалли истиқомати фарзанди умумии ноболиғро қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2003 №16 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳо вобаста ба тарбияи фарзандон» тавзеҳ медиҳад, ки мутобиқи он масъалаи ҷойи истиқомати кӯдаки ноболиғро дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани волидайн (новобаста аз он, ки дар қайди никоҳ ҳастанд ё не) ҳаллу фасл намуда, бояд дар назар дошт, ки ҷойи истиқомати кӯдак дар асоси манфиатҳои ӯ, ҳамчунин бо назардошти фикру хоҳиши ҳатмии кӯдаки ба синни даҳсолагӣ расида муқаррар карда шавад, ба шарте, ки ин бархилофи манфиатҳои ӯ набошад (қисми 4 моддаи 65, моддаи 57 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Кӯдаке, ки ба синни даҳсолагӣ расидааст, аз рӯи инкишофи ҷисмонӣ ва физиологӣ наметавонад мавқеи худро дуруст муайян намояд. Пешниҳоди ширинӣ ё бозичаҳои кӯдакона метавонанд ба андешаи кӯдак таъсир расонанд. Ҳолати мазкур бахусус дар мавриде возеҳ равшан мегардад, ки агар сухан дар бораи анъанаҳои суннатии оиладории миллати тоҷик равад. Лекин, қонунгузорӣ оид ба оила ҳолати мазкурро сарфи назар карда, дар фарқият аз қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ иштироки равоншиносро ҳатмӣ намешуморад.

Мутобиқи қонунгузории мурофиавии граждании, ҷалби равоншинос ба баррасии парвандаҳои оилавӣ салоҳдиди суд буда, тибқи он ҳал карда мешавад. Дар амалияи судӣ ба баррасии парвандаҳои оилавӣ, ки манфиати кӯдакро дахл менамоянд, асосан намояндаи Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷалб карда мешаванд. Онҳо на ҳама вақт таҳсилоти олии соҳавӣ дошта, аз рӯи моҳият хулосаи дахлдор медиҳанд. Иштироки равоншинос зимни баррасии парвандаҳои оилавӣ инчунин аз ҷониби назарияи ҳуқуқи оилавӣ зарур шуморида мешавад [18, 25-27].

Ҳамин тавр, пешниҳод мегардад, ки бо қонунгузорӣ оид ба оила ба иштироки равоншинос дар ҳамагуна баҳсҳои судӣ, ки манфиати кӯдакро дахл мекунанд (муайян кардани маҳалли истиқомати кӯдак, маҳрум кардани падар ва (ё) модар аз ҳуқуқи падарӣ ва модарӣ, муқаррар намудани муоширати кӯдак бо падар ва (ё) модар ва м.и.), хислати ҳатмӣ дода шавад. Чунин

тартиб имконият медиҳад, ки манфиатҳои падар ва (ё) модари бовиҷдон дар доираи ҳимояи судӣ ба таври дахлдор ҳифз гардида, ба он ворид шудани халал пешгирӣ карда шавад.

Он чиз истисно намегардад, ки падар ва (ё) модар кӯдакро зери фишор қарор медиҳанд ва ӯро ба тарафи худ «майл» мекунонанд. Кӯдак бинобар сабаби осебпазирӣ ва қарор доштан дар ҳолати оҷизӣ, амали худро мутобиқ ба ин ташаккул дода, аз рӯи он амал менамояд. Танҳо хизматрасонии касбии равонӣ имконият дорад вазъро ба таври воқеӣ баҳодод карда, ҳам манфиати кӯдак ва ҳам манфиати падар ва (ё) модарро, ки ба суд барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ муроҷиат кардааст, ҳифз намояд.

Агар эҳтимолияти ҳимояи судии ҳуқуқҳои падар ва модар дар ҳамагуна ҳолат ҷой дошта бошад, ҳимояи маъмурии ин ҳуқуқҳо дар мавриде имконпазир буда метавонад, ки агар бо ин тарз ҳимоя шудани ҳуқуқҳои падар ва модар бевосита дар қонунгузорӣ оид ба оила ва дигар қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ пешбинӣ шуда бошад.

А. Феоктистов низ андешаи ба ин монандро баён карда, эҳтимолияти ба таври судӣ мавриди шикоят қарор додани санадҳои маъмурии ҳимояи ҳуқуқҳои оилавиро инкор намекунад [24, 66].

Шакли маъмурии ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар назар ба ҳимояи судии ин ҳуқуқҳо мафҳуми нисбатан васеъ буда, доираи назарраси субъектонро дар бар мегирад. Аз ин он чиз шаҳодат медиҳад, ки моддаи 123, қисми 1 КО Тоҷикистон шахсони мансабдори муассисаҳо, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва дигар муассисаҳо, инчунин шаҳрвандонро вазифадор менамояд, ки ҳангоми пайдо кардани маълумот дар бораи кӯдакони бе саробонии падар ва модар монда ба мақомоти васоят ва парастории маҳалли истиқомати кӯдакон хабар диҳанд. Мақомоти васоят ва парасторӣ ҳангоми гирифтани чунин хабар ӯҳдадоранд барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони бе саробони падар ва модар монда чораҳои зарурӣ андешанд.

Мақомоти маъмурӣ баробари дар доираи салоҳияти худ андешидани чораҳо бобати ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар, метавонанд бо ариза ба суд муроҷиат намоянд ва тарафи ҳимояи судии ҳуқуқҳои падар ва модарро ташкил диҳанд. Барандаи чунин мақом ҳамчунин прокуратура ба шумор рафта, дар ҳимояи маъмурии ҳуқуқҳои падар ва модар нақши калидӣ мебозад. Прокуратура дар баррасии парвандаҳои оилавии вобаста ба фарзандхондӣ ва бекор кардани он, маҳрум кардани падар ва (ё) модар аз ҳуқуқҳои падарӣ ва модарӣ ва м.и. ба таври ҳатмӣ иштирок карда, кафолати ҳуқуқҳои субъективии падар ва модарро таъмин менамояд. Аз ин ҷо, андешаи А. Феоктистов halнаметавонад мавриди баҳс бошад. Аз нигоҳи ӯ фаъолияти ҳуқуқҳимоявии прокуратура модели мавҷудаи таъмини ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро бомувафаққона пурра мегардонад [23, 7-8].

Мақомоти маъмурии дигар, аз ҷумла мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.и. ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модарро бо ҳамон тартибе ба амал мебароранд, ки онро қонунгузорӣ оид ба оила пешбинӣ кардааст.

Шахсони манфиатдор дар доираи шакли ғайриҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои падар ва модар нисбатан озод буда, метавонанд ба доираи васеи механизми ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳо умед банданд. Асоси амалишавии ин шакли ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модарро усули он чизе ки бо қонун манъ карда нашудааст, равост, ташкил медиҳад. Ҳангоми ба амал баровардани шакли ғайриҳуқуқии ҳимоя, чораи ҳимояи интихобшаванда бояд ба талаботи сархати дуюми қисми 1, моддаи 7 КО Тоҷикистон мутобиқ бошад. Вобаста ба ин, шахсони манфиатдор метавонанд ба истиснои қонунгузории Тоҷикистон оид ба оила, инчунин қонунгузории граждаииро низ ба роҳбарӣ гиранд. Масалан, падар ва ё модар метавонанд дар мавриди хилофи манфиатҳои кӯдак бегона карда шудани моликияти вай аз ҷониби тарафи дигар, метавонанд барои беэътибор донистани ингуна аҳдҳо тибқи қонунгузории граждаӣ, бо ариза ба суд муроҷиат намоянд.

Мазмун ва моҳияти шакли ғайриҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модарро А. Кони мушаххас баён менамояд. Аз нигоҳи ӯ инсон барои дар канор будан аз хатар ҳуқуқи табиӣ дорад, чигунае, ки ин аз ҳиссиёти табиии худмуҳофизатӣ бармеояд [1, 20].

Дар амалия он чиз қобили қабул гардидааст ки шакли ғайриҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар бештар дар намуди худмуҳофизаткунӣ ба амал бароварда мешавад. Намояндагони назарияи ҳуқуқи оилавӣ низ чунин тартибро инкор намекунанд [16, 269].

КО Тоҷикистон гарчанде падидаи худмуҳофизаткуниро пешбинӣ наменамояд, лекин зимни ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳо истифода гардидани унсурҳои алоҳидаи ин падидаро истисно

наменамояд. Масалан, аз ҷониби ҳамсарон ба расмият даровардани созишнома дар бораи муайян кардани маҳалли истиқомати кӯдак.

Мушкилӣ дар он нест, ки қонунгузории Тоҷикистон оид ба оила падидаи худмуҳофизаткуниро пешбинӣ менамояд ё не. Гап дар сари он аст, ки ин падида дар ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар то чӣ андоза метавонад самаранок бошад. Таҷрибаи судӣ далолат медиҳад, ки падидаи худмуҳофизаткунӣ на ҳама вақт фаро расидани ҳамон оқибатҳоеро боис мегардад, ки онҳоро тарафҳо интизор буданд. Масалан, ҳамсарон Миҷгонаи М. ва Назиров Ф. бинобар сабаби сард гардидани муносибатҳои оилавӣ ва истиқомати алоҳида, бобати дар назди онҳо бо навбат истиқомат кардани фарзандони умумии ноболиғ ба мувофиқа мерасанд. Новобаста аз ин, Миҷгонаи М. бо ҳар баҳона нисбати Назиров Б. монеъа эҷод карда, муошират ӯро бо фарзандони умумӣ маҳдуд менамояд. Қазия танҳо бо дахолати Суди шаҳри Ҳисор ва қабул гардидани ҳалнома аз 21 июли соли 2014 ҳалли худро пайдо мекунад [29].

Ба шаклҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ тасниф гардидани ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар таснифи ягона набуда, ҳамчунин ҷудо карда шудани онҳо ба шаклҳои ҳимояи худмуҳофизатӣ, судӣ ва ғайрисудӣ қабул гарди-даанд. Аз нигоҳи муаллифони шаклҳои ҳимояи худмуҳофизаткунӣ, судӣ ва ғайрисудии ҳуқуқҳои падар ва модар, шахсони манфиатдор (падар ва модар) наметавонанд ҳамаи ҳуқуқ ва манфиатҳои поймолгардида ва ё маҳдудшудаи худро ба таври судӣ ҳимоя намоянд. Барои ин қонунгузорӣ расмиёти маъмуриро муқаррар кардааст. Ҳимояи маъмурии ҳуқуқҳои падар ва модар аз ҷониби мақомоти маъмурии дар қонунгузорӣ нишон додашуда амалӣ мегардад. Онҳо бо ин назардошт доираи ҳуқуқҳоеро номбар менамоянд, ки ҳимояи онҳо ба таври судӣ эҳтимолият дорад. Дар ҳолате, ки агар ҳуқуқҳои поймолгардида ва ё маҳдудшуда бо ин номгӯй номбар нагардида бошанд, ҳимояи онҳо ба таври маъмурӣ ба роҳ монда мешаванд. Масалан, ҳуқуқ ба падарӣ, ҳуқуқ ба истиқомати якҷоя бо кӯдак ҳангоми истиқомати алоҳидаи падар ва модар, ҳуқуқ ба барқарор кардани ҳуқуқи падарӣ ва ё модарӣ ва м.и [7].

Муаллифони таснифоти мазкури шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар гарчанде барои асоснок кардани ин таснифот тариқи судӣ ҳимоя шудани на ҳамаи ҳуқуқҳоро ваҷҳ меоранд, розӣ шудан бо ин мавқеъ дуруст ба назар намерасад. Ҳимояи судии ҳуқуқҳо ва манфиатҳо, чигунае, ки қайд карда шуд, заминаи конститутсионӣ дошта, дар сатҳи Конститутсия (моддаи 19) кафолат дода шудааст. Падар ва модар ҳуқуқ доранд ҳангоми халалдор гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳояшон бевосита ба суд тариқи истеҳсолоти даъвогӣ муроҷиат намоянд ва онро ҳимоя кунанд. Масалан, тибқи моддаи 73 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» мавриди баҳс қарор додани факти падарӣ ва ворид намудани ислоҳот ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ.

Дар амалия ҳамчунин тасниф гардидани ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар ба ҳимояи тосудӣ ва судӣ ба назар мерасанд. Ба ҳимояи тосудии ҳуқуқҳои падар ва модар ҳамаи он тарз ва воситаҳое шомил карда шудаанд, ки мумкин аст аз ҷониби падар ва модар ва мақомоти васоят ва парасторӣ бо мақсади бартараф кардани ҳуқуқпоймолкунӣ мустақилона истифода бурда шаванд. Ба ҳимояи судии ҳуқуқҳои падар ва модар масъалаҳое тобеъият доранд, ки онҳо наметавонанд дар ҳимояи тосудӣ бинобар сабаби мураккаб будан ҳалли худро пайдо намоянд. Ҳимояи судии ҳуқуқҳои падар ва модар дар мавриде низ татбиқ гардида метавонад, ки агар падар ва (ё) модар аз иҷрои вазифаҳои ҳуқуқии худ саркашӣ кунанд, ё чораҳои таъсиррасонии мақомоти васоят ва парасторӣ натиҷаи дилхоҳ надиҳанд[1].

Ҳамин тавр, таснифи шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модар, чӣ хеле ки ин хоси назария мебошад, доираи маҳдуд надошта, комилан ба таври гуногун ба амал бароварда мешавад. Ҳар як таснифи гузаронидашуда ваҷҳои асосноки худро дошта, дурустии он исбот карда мешавад. То чӣ андоза самаранок будани ин шаклҳои ҳимояи ҳуқуқҳои падар ва модарро метавонад танҳо амалия собит намояд.

**Литература**

1. Воронов А.А. Роль А.Ф. Кони в формировании принципов деятельности и философии справедливого российского правосудия и судебной адвокатуры / А.А. Воронов // Адвокатская практика. - 2014. - № 1. - С. 20.

2. Гаюров Ш.К. Пределы осуществления и защита личного информационного права граждан / Ш.К. Гаюров // Проблемы развития гражданского законодательства Республики

[1] Как защитить родительские права [электронный ресурс]. URL: https://zakonguru.com/semejnoje/roditelskije-prava/zashita.html (дата обращения: 02.09.2019 г.)

Таджикистан: материалы научно-практической конференции (Ходжа-Обигарм, 1-4 апреля 2009 г.). - Душанбе: Ирфон, 2009. - С. 273.
3. Геворгян М.А. Некоторые теоретические аспекты самозащиты как способа защиты семейных прав / М.А. Геворгян // Вестник Пермского университета. Юридические науки. - 2014. - №4 (26). - С. 102.
4. Гливинская И.Н. Сущность ответственности по семейному праву [электронный ресурс]. URL: http://center-bereg.ru/d1039.html (дата доступа: 01.09.2019 г.)
5. Гражданское право. В 2-х томах. Том 1. Учебник / под ред. Е.А. Суханова. - Москва: БЕК, 1994. - С. 159.
6. Защита гражданских прав: понятие, способы, порядок [электронный ресурс]. URL: https://jurkom74.ru/ ucheba/zaschita-grazhdanskich-prav-ponyatie-sposobi-poryadok (дата обращения: 02.09.2019 г.)
7. Защита родительских прав [электронный ресурс]. URL: https://studwork.org/spravochnik/pravo/zashchita-roditelskih-prav (дата обращения: 02.09.2019 г.)
8. Как защитить родительские права [электронный ресурс]. URL: https://zakonguru.com/semejnoje/roditelskije-prava/zashita.html (дата обращения: 02.09.2019 г.)
9. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2004, №12 «Дар бораи татбиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба рӯёнидани алимент барои нигоҳубини кӯдак» [манбаи электронӣ]. URL: http://sud.tj/upload/iblock/dd2/dd2c063762bc24f43c82641797bffa 7a.pdf (санаи дастрасӣ: 15.09.2019).
10. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2003, №16 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳо вобаста ба тарбияи фарзандон» [манбаи электронӣ]. URL: http://sud.tj/upload/iblock/dc6/dc6e28e12f471f25924c3ea500f5e183.pdf (санаи дастрасӣ: 15.09.2019).
11. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2003, №17 «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳо оид ба фарзандхондӣ» [манбаи электронӣ]. URL: http://sud.tj/upload/iblock/595/5959 66c94e346ba6fe06b025f21e419c.pdf (санаи дастрасӣ: 15.09.2019).
12. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2003, №10 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани никоҳ» [манбаи электронӣ]. URL: http://sud.tj/upload/iblock/dd2/dd2c063762bc24f43c82641797bffa7a.pdf (санаи дастрасӣ: 15.09.2019).
13. Маҳмудов М. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсарон дар оила / М. Маҳмудов. - Душанбе: Эр-граф, 2003. - С. 55.
14. Назархудоева Л.Т. Семья как агент социализации / Л.Т. Назархудоева // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. - 2015. - №1. - С. 30.
15. Пчелинцева Л.М. Комментарий к Семейному Кодексу Российскӣ Федерации / Л.М. Пчелинцева. - Москва: Норма, 2002. - С. 33
16. Пчелинцева Л.П. Семейное право / Л.П. Пчелинцева. - Москва, 2004. - С. 269; Геворгян М.А. Некоторые теоретические аспекты самозащиты как способа защиты семейных прав / М.А. Геворгян // Вестник Пермского университета. Юридические науки. - 2014. - №4 (26). - С. 102-110; Григоров А.А. Способы самозащиты в семейном праве / А.А. Григоров // Вестник КГУ. - 2016. - №3. - С. 237-240; \
17. Сарина К.С. Юрисдикционная форма защиты прав и интересов членов семьи / К.С. Сарина // Baikal Research Journal. Электронный научный журнал. - 2015. - №6 [электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru /article/n/yurisdiktsionnaya-forma-zaschity-prav-i-interesov-chlenov-semi (дата обращения: 30.08.2019
18. Старосельцева М.М. К вопросу о судебной защите родительских прав / М.М. Старосельцева // Вестник БелЮИ МВД России. - 2011. - №2. - С. 25.
19. Суғд: Омӯзгори 67-сола келинашро назди набераҳояш ба қатл расонид [манбаи электронӣ]. URL: http://news.tajweek.tj/view/sughd-omuzgori-67_sola-kelinashro-nazdi-naberahoyash-ba-qatl-rasonid/ (санаи муроҷиат: 12.09.2019).
20. Тагаева С.Н. Правовая сущность семейно-правовой ответственности (по материалам Республики Таджикистан) / С.Н. Тагаева. - Душанбе: Ирфон, 2012. - С. 39.
21. Тагайназаров Ш.Т. Юридическая природа и виды личных неимущественных прав семейно-правового характера / Ш.Т. Тагайназаров // Известия Академии наук Таджикской ССР. Серия философия, экономика, правоведение. - 1989. - №1. - 35-39.

22. Указ Президиума Верховного Совета СССР «О налоге на холостяков, одиноких и бездетных граждан ССР». Указ отменено. Дата принятия: 21.11.1941 г. [электронный ресурс]. URL: http://www.libussr.ru/doc_ ussr/ussr_4334.htm (дата обращения: 12.08.2019 г.)
23. Феоктистов А.В. Защита семейных прав в Российской Федерации / А.В. Феоктистов // Наука. Общество. Государство. - 2013. - №4 (4). - С. 7-8.
24. Феоктистов А.В. Основные вопросы судебной защиты семейных прав / А.В. Феоктистов // Вестник ПензГУ. - 2013. - №4. - С. 64; Понятие содержание права на защиту [электронный ресурс]. URL: https:// students-library.com/library/ read/23268-ponatie-soderzanie-prava-na-zasitu (дата обращения: 02.09.2019 г.)
25. Феоктистов А.В. Основные вопросы судебной защиты семейных прав / А.В. Феоктистов // Вестник ПензГУ. - 2013. - №4. - С. 66.
26. Худояров Б.Т. О некоторых вопросах применения норм материального и процессуального права в семейно-правовых отношениях / Б.Т. Худояров // Вестник Пермского университета. - 2014. - №1 (23). - С. 165.
27. Энциклопедия права [электронный ресурс]. URL: https://encyclopediya_prava.academic.ru/2122/%D0%97% D0%B0%D1%89%D0%B8%D1%82%D0%B0 (дата доступа: 01.09.2019 г.)
28. Бойгонии Суди ноҳияи Вахш аз соли 2017
29. Бойгонии Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз соли 2015
30. Бойгонии Суди шаҳри Ҳисор аз соли 2014.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ГУМРУК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
тел.: 985-11-66-99, e-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ТАМОЖЕННОЙ СФЕРЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАНА

**Соибов Зайниддин Махмадшарифович**
кандидат юридических наук, ассистент кафедры конституционного права
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17
тел.: 985-11-66-99, e-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

## SOME ISSUES OF THE STATE GOVERNANCE OF THE CUSTOMS SPHERE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Soibov Zainiddin Makhmadsharifovich**
Candidate of Law, Assistant of the Department of Constitutional Law
Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.
tel.: 985-11-66-99, e-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

***Аннотатсия.*** *Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи маъмурӣ идоракунии давлатии соҳаи гумрук бахшида шудааст. Муаллиф диққати асосӣ ба масъалаҳои рушди соҳаи гумрук дар давраи Истиқлолияти давлатӣ, табиати идоракунии давлатии соҳаи гумрук ва шакл ва усулҳои идоракунии давлатии соҳаи мазкур додаст.*

***Аннотация.*** *Данная статья посвящена одному из важных вопросов науки административного права - государственному управлению таможенной сфере. Автор уделяет особое внимание вопросам развития таможенной сферы в период государственной независимости, правовой природы государственного управления таможенной сферы, а также формам и методам государственного управления данной сферой.*

***Annotation.*** *The article is devoted to one of the important issues of the science of administrative law - the state administration of the customs sphere. The author pays special attention to the development of the customs sphere during the period of state independence, the legal nature of state administration of the customs sphere, as well as the forms and methods of state management of this sphere.*

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии давлатӣ, соҳаи гумрук, Истиқлолияти давлатӣ, шаклҳои идоракунии давлатӣ, усулҳои идоракунии давлатӣ, субъекти идоракунии давлатӣ, объекти идоракунии давлатӣ.*

***Ключевые слова:*** *государственное управление, таможенная сфера, Государственная независимость, формы государственного управления, методы государственного управления, субъект государственного управления, объект государственного управления.*

***Key words:*** *state administration, customs sphere, state independence, forms of state administration, methods of state administration, subject of state administration, object of state administration.*

Яке аз дастовардҳои бузург барои халқи тоҷик ин ноил гардидан ба истиқлолияти давлатӣ мебошад. Расидан ба Истиқлолияти давлатӣ ба пайдо шудани муносибатҳо ва соҳаҳои нав ба нав замина гузошт. Яке аз соҳаҳои муҳиме, ки дар иртибот бо бадастоварии Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфт ин соҳаи гумрук мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тули зиёда аз ним аср дар ҳайати ИҶШС (Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ) буд ва дар ин давра ба ташкили гумруки миллӣ ҳоҷат набуд. Зеро, Тоҷикистон ҷузъи таркибии ИҶШС буд ва сарҳадҳои гумрукӣ дар доираи ин давлат таъсис дода шуда буданд. Баъди пошхӯрии ИҶШС давлатҳои аъзои он мустақилияти сиёсии худро ба даст оварданд ва роҳи нави тараққиёт ва рушди ҷомеаро пеша намуданд. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентяби соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро соҳиб гашт ва ба марҳилаи нави инкишофи давлатдорӣ ва ҷамъият қадам гузошт. Ташаккул ва инкишофи соҳаи гумрук ҳамчун ҷузъи таркибии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ маҳз ба даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки гумруки миллиро рушд ва устувор гардонад.

Чуноне маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ноил гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ иқтисоди бозориро пеша намуд ва дар ин замина тадбирҳои зиёди ҳуқуқӣ ва ташкилиро фароҳам овард. Тибқи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти озоди иқтисодӣ кафолат дода шудааст ва дар асоси он фаъолияти иқтисоди хориҷӣ чун воситаи афзалиятноки рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд соҳаи гумрук аҳамияти хосаро касб мекунад ва чун воситаи асосии танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ баромад мекунад. Соҳаи гумрук танҳо дар шароити кафолати давлатии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ метавонад инкишоф меёбад ва созгор гардад. Бевосита Истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам овард, ки иқтисоди хориҷӣ ривоҷ ёбад ва соҳаи гумрук амалӣ воқеӣ намояд.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ ташаккул ва инкишофи гумруки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб аз сифр оғоз гардид. Зеро, то давраи истиқлолияти давлатӣ зербинои (инфраструктураи) соҳаи гумрук чи аз лиҳози ташкилӣ ва чи аз лиҳози ҳуқуқӣ устувор набуд. Ҳамчунин, аз сабаби оне, ки мақомоти гумруки миллӣ набуд таҷрибаи амалии ташкили кор дар ин мақомот низ ба чашм намерасид. Соҳаи гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айёми соҳибистиқлолии давлатӣ давра ба давра инкишоф ёфт [4, 287 ].

Дар шароити имрӯза аз яке самтҳои асосии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии давлатӣ дар соҳаи гумрук ба ҳисоб меравад. Соҳаи гумрук чун соҳаи барои давлат ва ҷомеа манфиатнок дар заминаи идоракунии давлатӣ ба низом даровarда мешавад. Хусусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ гардонидани идоракунии давлатӣ дар соҳаи гумрук макомоти гумрук таъсис дода шудааст, ки дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи худ фаъолият мекунад. Таъсиси мақомоти гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи таҳкимёбии идоракунии давлатӣ дар ин самт аст.

Чумҳурии Тоҷикистон идоракунии давлатии соҳаи гумрукро аз лиҳози ҳуқуқӣ мустаҳкам намудааст. Қабули Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷумаи дарстоварди муҳим дар фазои ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравад, ки заминаи меъёрии ҳуқуқиро ҷиҳати роҳандозӣ намудани идоракунии давлатии соҳаи гумрук фароҳам меоварад.

Баҳри рушди соҳаи гумрук Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ густариш намуд. Махсусан, аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии гумрукӣ ва Созмони умумиҷаҳонии савдо гӯвоҳи воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои байналмилалии гумрукӣ мебошад, ки ба инкишофи соҳаи номбурда мусоидат менамояд.

Соҳаи гумрук чун дигар соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ дар доираи идоракунии давлатӣ инкишоф ва мустаҳкам мегардад. Ба таври дигар, ин соҳа ба сифати объекти идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Идоракунии давлатӣ аз руи табиати худ фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия оиди таъмини иҷроиши қонунҳо дар раванди роҳбаринамоӣ ба соҳаҳои хоҷагӣ, иктисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маъмурӣ-сиёсӣ мебошад. Ба мазмуни ташкилӣ бошад, идоракунии давлатӣ – ин тартиби таъсиррасони ҳокимиятии субъекти идоракунӣ (давлат ва мақомоти махмуми он ё шахсони мансабдор) ба объекти идоракунӣ (ҷамъият, шаҳрванд ва ғ.) мебошад [1, 30].

Идоракунии давлатӣ барои тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз он ҷумла соҳаи гумрук чун механизми асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи идоракунии давлатӣ соҳаи гумрук танзим, устувор ва рушд дода мешавад. Идоракунии давлатии соҳаи гумрук чун намуди алоҳидаи идоракунии давлатӣ моҳиятан фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар самти роҳбаринамоии соҳаи мазкур мебошад. Идоракунии давлатии соҳаи гумрук ҷараёни мураккаб буда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ сурат мегирад. Ин ҷараён мазмунан мақсаднок буда, баҳри расидан ба натиҷаи муайян равона мегардад. Ба таври дигар идоракунии давлатии соҳаи гумрук ҷараёни мақсадноки таъсиррасонии субъект ба объекти идоракунии соҳаи мазкур мебошад. Таъсиррасонӣ дар идоракунии давлатии соҳаи гумрук маҳаки асосӣ буда, моҳияти идоракунии номбурдаро ташкил медиҳад. Зеро, маҳз таъсиррасонӣ метавонад, ки идоракунии давлатиро созанда ва устувор гардонад.

Чун анъана идоракунии давлатии соҳаи гумрук аз чунин унсури асосӣ иборат аст: субъекти идоракунӣ ва объекти идоракунӣ. Ба сифати субъекти идоракунии давлатии соҳаи гумрук мақомоти ҳокимияти иҷроияи салоҳияти умумидошта ва салоҳияти махсусдошта баромад мекунад. Объекти идоракунии давлатии соҳаи гумрук шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки интиқоли мол ва воситаҳои нақлиётро тавассути сарҳади гумрукӣ ба амал мебароранд. Субъект бо объект дар иртибот қарор дошта, асоси онро таъсиррасонии субъект ба объекти идоракунии давлатии соҳаи гумрукро ташкил медиҳад.

Идоракунии давлатии соҳаи гумрук дар шаклҳои муайян амалӣ мешавад. Шаклҳои идоракунии давлатии соҳаи гумрук аз шаклҳои идоракунии давлатӣ меояд. Зери мафҳуми шаклҳои идоракунии давлатӣ (маъмурӣ-ҳуқуқӣ) – ифодаи берунии зоҳиршавии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳоро дар идоракунии давлатӣ меноманд, ки барои амалисозии вазифа, салоҳият, ваколат ва функсияҳои ҳокимияти иҷроия равона карда шудааст. Дар асоси ин шаклҳои идоракунии давлатии соҳаи гумрук – ифодаи зоҳирии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии соҳаи мазкур мебошад, ки баҳри ба амал баровардани салоҳияти ин мақомот дар соҳаи гумрук мебошад.

Шаклҳои идоракунии давлатии соҳаи гумрук метавонанд ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ бошанд. Шаклҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии соҳаи гумрук – ин шакли зиҳирии ифодаёбӣ ва барасмиятдарории ҳуқуқии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии соҳаи гумрук ва шахсони мансабдори онро меноманд, ки дар доираи салоҳияти онҳо баҳри ба миён овардани оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад [3, 26]. Ба шаклҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии соҳаи гумрук дохил мешавад: қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қабули санадҳои ғайримеъёрӣ, ба монанди санадҳои инфиродӣ, татбиқсозӣ, бастани созишномаҳо бо дигар давлатҳо дар соҳаи гумрук ва ғ.

Дар муносибат ба шаклҳои ҳуқуқӣ шаклҳои ғайриҳуқуқии идоракунии давлатии соҳаи гумрук ба амалисозии салоҳияти ҳокимиятии мақомоти ҳокимияти иҷроия алоқаманд нест. Шаклҳои ғайриҳуқуқии идоракунии давлатии соҳаи гумрук асосан хусусияти ташкилӣ (гузаронидани чорабиниҳо, коркарди тавсияҳои методӣ ва ғ.) ва моддӣ – техникӣ (коркарди иттилоот, пешбурди ҳуҷҷатнигорӣ, таъминот бо воситаҳои техникӣ ва ҳоказо) доранд. Ин ду шакли идоракунии давлатии соҳаи гумрук бо ҳамдигар дар иртибот буда, ба амалисозии созандаи идоракунии давлатии соҳаи номбурда мусоидат мекунад.

Дар қатори шаклҳо идоракунии давлатии соҳаи гумрук дорои усулҳои ба худ хос аст, ки бо мақсади таъмини рафтори қонунии субъектони муносибатҳои гумрукӣ равона мегардад. Вақте сухан дар бораи усулҳои идоракунии давлатии соҳаи гумрук меравад роҳу воситаҳоеро дар назар дорад, ки ба воситаи онҳо идоракунии давлатии соҳаи мазкур амалӣ карда мешаванд. Усулҳои идоракунии давлатии соҳаи гумрук чун шаклҳои он идоракунии давлатии соҳаи гумрук аз усулҳои идоракунии давлатӣ бар меояд ва таҳти он воситаҳои таъсиррасонии субъект ба объекти идоракунии давлатӣ фаҳмида мешавад, ки барои расидан ба мақсад ва вазифаҳои идоракунии давлатӣ ва амалисозии функцияҳои идоракунии давлатӣ истифода мешавад.

Дар идоракунии давлатӣ асосан ду усул, ба мисли усули боваркунонӣ ва усули маҷбурсозӣ истифода мешавад, ки барои идоракунии давлатии соҳаии гумрук низ хос аст. Усулҳои мазкур чун усулҳои универсалии идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад ва дар фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти иҷроия истифода мегардад. Ба ғайр аз ин дар идоракунии давлатии соҳаи гумрук усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ низ истифода мешавад.

Дар низоми идоракунии давлатии соҳаи гумрук усули боваркунонӣ чун воситаи асосии амалисозии мақсад ва вазифаҳои мақомоти идоракунии давлатии соҳаи гумрук ба ҳисоб меравад. Дар соҳаи гумрук усули мазкур васеъ истифода мешавад. Чуноне маълум аст, соҳаи гумрук бо фаъолияти иқтисоди хориҷӣ алоқаманд ва ба иштирокчиёни фаъолияти номбурда дар ҳолати риояи бучунучарои қонунгузорӣ ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ чораҳои боваркунонӣ татбиқ карда мешавад. Аз он ҷумла, сабукиҳо ҳангоми ба амал баровардани расмиётҳои гумрук, квотакунонӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва ғ. Ҳамчунин, дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ нисбати иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ сабукиҳои тарифӣ, ба монанди қисман ё пурра озод намудани аз пардохтҳои гумрукӣ ҷорӣ карда мешавад, ки мазмунан ифодагари усули боваркунонӣ ба низоми идоракунии давлатии соҳаи гумрук аст.

Усули дигар ин усули маҷбурсозӣ ба ҳисоб меравад, ки идоракунии давлатии соҳаи гумрук васеъ истифода бурда мешавад. Усули маҷбурсозӣ дар идоракунии давлатии соҳаи гумрук моҳиятан усули маҷбурсозии маъмурӣ мебошад. Маҷбурсозии маъмурӣ намуди махсуси маҷбурсозии давлатӣ мебошад, ки хусусияти ҳуқуқӣ дошта, аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдор татбиқ карда мешавад.

Усули маҷбурсозӣ дар низоми идоракунии давлатии соҳаи гумрук нисбати вайронкунандагони қонунгузорӣ татбиқ карда мешавад. Ба таври дигар, нисбати иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ки талаботи қонунгузории гумрукии кишварро риоя намекунанд, татбиқ карда мешавад. Истифодаи усули маҷбурсозӣ дар фаъолияти барои инҳо зарур аст: ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ; ҳифзи моликияти хусусӣ ва давлатӣ; ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ки иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ; ташкили шароити муътадил барои мақомоти

идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ [3, 34]. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро дар соҳаи гумрук муқаррар намудааст ва ҳангоми содири онҳо ҷазоҳои муайянро пешбинӣ кардааст, ки мазмунан татбиқи усули маҷбурсозиро мфода менамояд.

Ҳамчунин, усули маҷбурсозӣ нисбати шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи идоракунии давлатии соҳаи гумрук ҳангоми вайрон намудани вазифаҳои хизматӣ ва интизом ба кор бурда мешавад. Чунинчӣ, дар асоси Оинномаи интизомии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] ва Кодекси одоби касбӣ ва рафтори хизматии шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] чораҳои ҷавобгарии интизомиро барои кормандони мақомоти гумрук муқаррар мекунад, ки баҳри ислоҳнамоӣ ва тарбияи онҳо дар руҳияи риояи конунгузорӣ равона мегардад.

Дар маҷмуъ бояд гуфт, ки соҳаи гумрук ба сифати объекти идоракунии давлатӣ баромад намуда, дар доираи он танзиму рушд мегардад. Асоси идоракунии давлатии соҳаи гумрукро таъсиррасонӣ ташкил дода, тибқи шакл ва усулҳои дахлдор сурат мегиранд. Давра ба давра мумкин аст, ки шаклу усулҳои нав ба нави идоракунии давлатӣ ба миён ояд ва онҳоро мумкин аст, ки дар соҳаи гумрук чун чораҳои идоракунии давлатӣ истифода намуд, ки ба танзими муносиб ва мукаммали соҳаи мазкур мусиодат менамонд.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Бахрах Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право: Учебник для вузов. - 2-е изд., изм. и доп. - М.: «Норма», 2005. - 356 с.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014 № 692 // Китоби рӯймизии гумрукчиён. - Душанбе: КВД КТН «Шарқи озод», 2015.
3. Мильшина И.В. Организационно-правовые основы государственного управления таможенным делом: Дисс. … канд. юрид. наук. - Саратов, 2006. - 219 с.
4. Соибов З.М. Истиқлолияти давлатӣ ва рушди соҳаи гумрук // Истиқлолияти давлатӣ – таҳкимбахши низоми давлатдории миллӣ: Маҷмӯаи мақолаҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ, 10 -12 августи с. 2016, ВМКБ, Авҷ / Муҳаррирони масъул: д.и.с., проф. Муҳаммад А.Н., д.и.ҳ. Буриев И.Б., н.и.ҳ. Одиназода Р.С. Душанбе: Ирфон, 2016.
5. Фармоиши Сардори Хадамоти гумрук аз 4 ноябри соли 2008 № 175 // Китоби рӯймизии гумрукчиён. - Душанбе: КВД КТН «Шарқи озод», 2015.


## ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БАҲОДИҲӢ ҲАНГОМИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ АЗ ТАРАФИ СУДИ МАРҲИЛАИ ЯКУМ


**Табаров Неъмон Амонович**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Деҳотӣ 1/2
тел.: 907-97-65-12, e-mail: nem.tabarov@ mail.ru


## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОЦЕНОЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРИ РАССМОТРЕНИИ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ СУДОМ ПЕРВОЙ ИНСТАНЦИИ


**Табаров Неъмон Амонович**
старший преподаватель кафедры экономического права
Таджикский государственный университет коммерции
734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Деҳотӣ 1/2
тел.: 907-97-65-12, e-mail: nem.tabarov@ mail.ru

# SOME QUESTIONS OF EVALUATING ACTIVITIES DURING CONSIDERATION OF CRIMINAL CASES BY THE FIRST INSTANCE COURT

**Tabarov Nemon Amonovich**
Senior Lecturer, Department of Economic Law
Tajik State University of Commerce
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Day 1/2
tel .: 907-97-65-12, e-mail: nem.tabarov @ mail.ru

***Аннотатсия***. *Дар мақолаи мазкур масъалаҳои фаъолияти баҳодиҳӣ ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи суди марҳилаи якум баррасӣ карда мешаванд.*

***Аннотация***. *В данной статье рассматриваются вопросы оценочной деятельности при рассмотрении уголовного дела судом первой инстанции.*

***Annotation***. *This article discusses the issues of assessment activities in a criminal case by a court of first instance.*

***Калидвожаҳо***: *фаъолияти баҳодиҳӣ, баррасии парвандаи ҷиноятӣ, суди марҳилаи якум, эътиқоди ботинӣ, шуурнокии ҳуқуқии судя.*

***Ключевые слова:*** *оценочная деятельность, рассмотрении уголовного дела, внутренное убеждение, правосознание судьи.*

***Key words:*** *appraisal activities, criminal cases, internal conviction, justice of the judge.*

Баҳодиҳии далелҳо ҳамчун фаъолияти тафаккурии суд дар шаклҳои мантиқӣ амалӣ карда мешавад ва мақсади муайян намудани дахлдорӣ, ҷоизӣ, саҳеҳии ҳар як далел ва кифоягии маҷмӯии онҳоро барои муқаррар кардани ҳолатҳое, ки ба предмети исботкунӣ ва моҳиятан ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ дохиланд, доранд. Аҳамияти амалии баҳодиҳиидалелҳо аз он иборат аст, ки ба монанди ҳама гуна дигар раванди маърифат, баҳодиҳии далелҳо ба он мебарад, ки аз надонистан донистан пайдо мешавад, дониши нопурра, носаҳеҳ бошад дониши хеле пурра ва хеле саҳеҳ мегардад.

Аҳамияти махсусро баҳодиҳии далелҳо дар давраи муҳокимаи судӣ, ки дар он ҳамаи принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣзоҳир гашта, чӣ тавре ки М.С. Строгович дуруст қайд кардааст, баҳодиҳии нодурусти далели алоҳида, махсусан маҷмӯи онҳо, ногузирона боиси муқарраркунии нодурусти фактҳо ва ҳолатҳои парванда, аз тарафи суд нодуруст ҳал кардани парванда, баровардани ҳукми беасос, ноодилона мегардад [3, 109].

Ба муҳокимаи васеи кифояи масъалаҳои баҳодиҳии далелҳо аз тарафи суди марҳилаи якум ҳангоми моҳиятан баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ накарда, бисёре аз онҳо на танҳо мубрамияти худро гумм накардаанд, балки баръакс, дар шароити ҳозира садодиҳии сифатан навро соҳиб гаштаанд ва ҳалли худро талаб менамоянд. Зарурияти равшан кардани мазмуни ҳақиқии қоидаҳои меъёрии баҳодиҳии далелҳо, омилҳое, ки ба он таъсири бевосита ё бавоситаи худро мерасонад, ошкор намудани хусусияти баҳодиҳии далелҳо дар муҳокимаи судӣ, фаъолнокии суд дар ин раванд тадқиқи проблемаҳои ишорашударо бо дарназардошти комёбиҳои нави илми мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин таҷрибаи судии дар давоми солҳои татбиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 [1] андӯхта шуда талаб менамояд.

Ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки дар бисёр мамлакатҳои хориҷӣ консепсияи адолати судии ҷиноятии мубоҳисавӣ қабул карда шудааст, ки ҳангоми он суд ҳуқуқи тарафҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳоро таъмин менамояд, иштироки суд дар исботкунӣ бошад маҳдудияти меъёрии худро дорад, ки дар муқаррар кардани қоидаҳои мурофиавии аз ҷониби тарафҳо пешниҳод кардани далелҳо, таҳқиқи бевосита ва шифоҳии онҳо дар муҳокимаи судӣ ифода меёбад. Зимнан қоидаи баҳодиҳии далелҳо аз ҷониби суди марҳилаи якум дар мамлакатҳои навъҳои англосаксонӣ ва романӣ-германии мурофиаи судии ҷиноятӣ фарқ мекунанд. Дар мамлакатҳои ИДМ тарафдорӣ аз қоидаи баҳодии далелҳо оиди аз ҷониби суд аз рӯи эътиқоди

ботинии худ, ки ба ҳаматарафа, пурра ва объективона таҳқиқ намудани далелҳо асос шудааст, давом дорад. Дар адабиёт одилона қайд карда мешавад, ки дар мурофиаи судии ҷиноятии баъзе аз мамлакатҳои ИДМ (аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон – қайди муаллиф) намуди мубоҳисавии навъи англосаксонии ҳуқуқ, ки дар он суд пурра пассив буда, танҳо чунин рафти муҳокимаи судиро таъмин менамояд, ки ба тарафҳо имконият медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро татбиқ намоянд, қабул нашудааст [2, 7].

Ҳисоб мекунем, ки ҷудо намудани баҳодиҳии далелҳо ба сифати унсури хотимадиҳандаи исботкунӣ на ба андозаи пурра мақоми ҳақиқии онро дар сохтори раванди исботкунӣ инъикос мекунад, зеро баҳодиҳӣ дар тамоми давоми раванди исботкунӣ ҷой дорад. Дар мурофиаи судии ҷиноятӣ фаъолияти баҳодиҳӣ аллакай аз қадамҳои аввали исботкунӣ оғоз меёбад ва то пурра ташаккул ёфтани таҳкурсии исботкунӣ давом мекунад. Баҳодиҳӣ ҳангоми ҷамъоварии далелҳо дар муқаррар намудани дахлдории маълумотҳои ошкоршуда нисбати ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ, хусусиятии онҳо аз нуқтаи назари пурмазмунӣ ва мурофиавӣ, қонунияти тарз ва тартиби ба даст овардани онҳо ифода меёбад. Дар рафти санҷиш мухолифат надоштани маълумотҳо, мувофиқатии онҳо бо далелҳои аллакай мавҷуда ва нав бадастовардашуда баҳо дода мешавад. Зимнан баҳодиҳии далелҳо дар як вақт ба сифати унсури хотимадиҳандаи раванди исботкунӣ низ баромад менамояд, ки имконият медиҳад хулосаҳои ниҳоӣ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ дар доираи айбдоркунии пешниҳодшуда ташкил карда шавад.

Суд ҳуқуқ дорад ва уҳдадор аст, ки фаъолона дар тадқиқи далелҳо ҳангоми моҳиятан баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ иштирок намояд, ки барои ин ба вай ваколати анҷом додани амалҳои мурофиавӣ дода шудаанд, ки барои ба даст овардани далелҳои нав ва санҷидани далелҳои аллакай мавҷуда равона карда шудаанд. Баҳодиҳии далелҳо, ки дар қабули қарор аз рӯи моҳияти парвандаи ҷиноятӣ нақши ҳалкунанда мебозад, бевосита ба омили кифоягии ҳаҷми маълумотҳо дар бораи ҳолатҳои содир намудани ҷиноятҳо боис шудааст. Мавҷуд набудани кифоягии маълумотҳо ба хатогиҳои воқеӣ ва аз тарафи мурофиаи судии ҷиноятӣ иҷро накардани таъиноти худ оварда мерасонад.

Фаъолнокӣ ва мустақилияти суд дар тадқиқи далелҳо дар шароити муҳокимаи судии мубоҳисавӣ имконият медиҳад, ки шароитҳои аз ҳама бештар мусоид ва зарурӣ барои баҳодиҳии объективона ва ҳаматарафаи далелҳои бадастовардашуда ва қабули қарори судии қонунӣ, асоснок ва одилона фароҳам оварда шаванд.

Эътиқоди ботинии суд ҳамчун натиҷаи баҳодиҳии далелҳо бояд ба чунин далелҳо асос ёбад: 1) бо тартиби муқарраркардаи қонун ҷамъкардашуда ва санҷидашуда; 2) ҳар кадомаш дар алоҳидагӣ ва ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ; 3) имконият диҳанд, ки оид ба ҳолатҳои исботшаванда хулосаҳои қатъӣ баровард. Баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ маънои чунин тартибро дорад, ки ҳангоми он:

а) касе, ки дар истеҳсолоти вай парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд аст, дорои мустақилияти мурофиавӣ, салоҳияти истисноӣ дар ин соҳа мебошад ва ҳуқуқ надорад баҳодиҳии пешниҳодкардаи ягон каси дигарро ба роҳбарӣ гирад, инчунин уҳдадории чунин баҳодиҳӣ ва ҷавобгарӣ барои онро ба дигар шахс пешниҳод намояд;

б) ҳеҷ гуна далелҳо аз рӯи аломатҳои расмӣ дар назди дигар далелҳо афзалияти ошкоро надоранд;

в) баҳодиҳии далелҳо бо хулосаҳои ҳақиқӣ, ки аз шубҳаҳо маҳруманд, анҷом меёбад.

Барои эътиқоди ботинӣ нақши муҳимро виҷдон ва шуурнокии ҳуқукии судя мебозанд, ки дар қатори донишҳои гирифташуда дар бораи ҳолатҳои ҷиноят, ҳангоми ташаккули хулосаҳо аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ асосӣ мегарданд.

Баҳо додани далелҳо тибқи виҷдони худ – маънои на танҳо тобеъ кардани баҳодиҳии онҳо ба шуурнокии ҳуқуқии касбӣ, балки гузоштани он таҳти худназораткунии маънавӣ, ки ба арзишҳои умумибашарии азалӣ ва ҳақиқат, тасаввурот дар бораи некӣ ва бадӣ, адолат ва поквиҷдонӣ асос шудааст, низ дорад. Дигар хел карда гӯем, бояд чунон амал кард, ки ҳар як қадам дар ин роҳ

боахлоқона гузошта шуда, натиҷа бошад ба ҳузуру ҳаловати рӯҳӣ ва эҳтироми худ оварда расонад.

Виҷдон на танҳо судяро водор менамояд, ки қарорҳои худро бо нишондодҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ муайян намояд, балки амр менамояд, ки тибқи ақидаи ташаккулёфта амал карда, муқобили таъсиррасонии манфии беруна истодагарӣ намояд. Виҷдон ҳамчун маҳаки маънавию ахлоқии баҳодиҳии далелҳо андозакунандаи ахлоқи судя ҳангоми аз ҷониби вай таъин намудани ҷазо мебошад, ки баъди муқаррар кардани гуноҳи судшаванда дар содир намудани кирдори ӯ айбдоркардашуда меояд.

Шуурнокии ҳуқукии судя донистани қонунгузорӣ, дарк кардани мазмуни он тибқи мақсад ва матлаби воқеии қонунгузор, муносибати судя ба масъалаҳои риояи қонун ва малакаи касбӣ, инчунин маҳорати (таҷрибаи) татбиқи онро дарбар мегирад.

Тадқиқи масъаларо дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи суди марҳилаи якум ҷамъбаст карда истода ҳолатҳои зеринро махсусан қайд карданӣ ҳастем.

Баҳодиҳии далелҳо ба сифати унсури хотимадиҳандаи исботкунӣ на ба андозаи пурра мақоми ҳақиқии онро дар сохтори раванди исботкунӣ инъикос мекунад, зеро баҳодиҳӣ дар тамоми давоми раванди исботкунӣ ҷой дорад.

Фаъолнокӣ ва мустақилияти суд дар тадқиқи далелҳо дар шароити муҳокимаи судии мубоҳисавӣ имконият медиҳад шароити аз ҳама бештар мусоид ва заруриро барои баҳодиҳии объективона ва ҳаматарафаи далелҳои бадастоварда ва қабули ҳалномаи судии қонунӣ, асоснок ва одилона дар асоси эътиқоди ботинӣ фароҳам овард.

**Рӯйхати адабиётҳо**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 № 564 (бо тағйиру иловаҳо) – Реҷаи дастрасӣ: htth://www.mmk.tj (санаи муроҷиат – 24.09.2019).

2. Лупинская П.А. Доказательства и доказывание в новом уголовном процессе // Рос. юстиция. - 2002. - № 7. - С. 65-68

3. Строгович М.С. Материальная истина и судебные доказательства в советском уголовном процессе. - М., 1955. - 384 с.

## МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМИ СИЁСАТИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

**Ҳамроев Щӯҳрат Садирович**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
734027, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, к. Н. Карабаев 125
Тел.: (+992 37) 223 04 20

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ДЕФИНИЦИИ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ

**Хамроев Шухрат Садирович**
кандидат юридических наук, доцент,
заведующий кафедрой уголовного процесса и криминалистики
Российско-Таджикский (Славянский) университет
125, 734027, Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Н. Карабаева 125
Тел.: (+992 37) 223-04-20

## THEORETICAL PROBLEMS OF DEFINITION OF CRIMINAL PROCEDURAL POLICY

**Khamroev Shukhrat Sadirovich**
Candidate of Law, Associate Professor,
Head of the Department of Criminal Procedure and Criminalistics
Russian-Tajik (Slavonic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Karabaev str. 125
Tel: (+992 37) 223-04-20

***Шарҳи мухтасар***. *Дар мақола мафҳуми сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ тахти назарияи мурофиаи ҷионятӣ баррасӣ гаштааст. Муаллиф сиёсати мурофиавии ҷиноятиро ҳамчун низоми нисбатан мустақил ва ягона мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар робита ба ин, омилҳои асосии эътирофи он на дар сохтори сиёсати ҷиноятӣ балки мустақиман ҳамчун сиёсати ҳуқуқии давлат дар бахши мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян гардидааст.*

***Аннотация***. *В статье рассматривается дефиниция феномена уголовно-процессуальной политики в теории уголовного процесса. Автором анализируется уголовно-процессуальная политика как относительно единое и самостоятельное системное образования. В этой связи определены основные факторы его признания не в структуре уголовной политики, а как самостоятельной правовой политики государства в сфере уголовного судопроизводства.*

***Annotation.*** *The article deals with the definition of the phenomenon of criminal procedure policy in the theory of criminal process. The author analyzes the criminal procedural policy as a relatively unified and independent systemic education. In this regard, the main factors of its recognition are identified not in the structure of the criminal policy, but as an independent legal policy of the state in the field of criminal proceedings.*

***Вожаҳои калиди:*** *сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ, сиёсати ҷиноятӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, мустақилияти низоми сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ.*

***Ключевые слова:*** *уголовно-процессуальная политика, правовая мышления, уголовная политика, самостоятельность системы уголовно – процессуальной политики*

***Keywords:*** *criminal procedure policy, legal thinking, criminal policy, independence of the system of criminal procedure policy*

Замони муосир сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ дар адабиётҳои ҳуқуқи ҳамчун институт ном бурда мешавад. Вале агар мо ба адабиётҳои ҳуқуқии давраи шӯрави назар намоем «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ» ҳамчун «таҷрибаи судӣ», «истеҳсолоти судӣ», «таҳқиқ ва фаъолияти тафтишотӣ», «ислоҳи ҷазо» ё худ ба ин моманд дигар сатҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маънидод шудааст. Ба маҳрумият аз истофода дар асл ба мафҳуми «сиёсати мурофиавии судӣ» нигоҳ накарда давраи шӯравӣ яке аз марҳилаҳои мушахас ва ба худ маъруф арзёбӣ гашштааст.

Вале сиёсати мурофиавии ҷиноятии ин давраро ба дарк ва фаҳмиҳиши имрӯзаи мафҳуми «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ» шабеҳ додан пурра нодуруст аст. Зеро сиёсати мурофиаи ҳуқуқии замони муосир аз бартараф намудани масоил ва ноқисиҳои ҷой доштаи давраи шӯравӣ оғоз ёфта, дар асл бо фарқият мазмуни мурофиаи ҷиноятиро ғанитар гардонидааст. Аммо, мо ба илми муосири мурофиаи ҷиноятӣ назар намоем пас мафҳуми «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ» ба истисноии ифодаи он аз ҷониби баъзе муалифон аз истифода дур мондааст.

Сабаби ин ҳамаро муаллифон бештар ба ҷараёни инкишофи тафаккури ҳуқуқи вогузор менамоянд. Зеро тафаккури касбии ҳуқуқшиносӣ дар коркарди мафҳумҳои ҳуқуқӣ аз ҷумла сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ дар канор монда ва бар ивази он мафҳуми «сиёсати ҷинояти»-ро ҳамчун низоми ягона пиндоштааст. Яъне, дар адабиётҳои илми ва ҳуҷҷатҳои расми бештар «сиёсати ҷиноятӣ» мавриди истифода қарор дода шудааст. Мафҳуми «сиёсати мурофиавии

ҷиноятӣ» бошад, аз назар дур ё ба тобеияти пурраи маҷмӯагии «сиёсати ҷиноятӣ» табдил дода шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки чунин назарҳои характеран илми - назари хусусияти нисби доранд ва на ҳамеша устуворанд. Зеро дар давраи шӯравӣ мақоми ягонпи мафҳуми «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ» комилан илман асоснок гаштааст. Аз ҷумла бори нахуст ибораи «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ» дар асари илми-назариявии Н.С. Алексеева ва В.Г.Даева бо номи «Сиёсати мурофиавии ҷиноятии давлати шӯравӣ дар замони муосир», ки дар маҷаллаи «Ҳуқуқшиносӣ» соли 1977 рӯи чоп омадааст, ёдрас гаштааст. Такя ба қонуниятҳои фалсафаи маркисисти-ленини Н.С. Алексеева ва В.Г.Даева зери мафҳуми сиёсати мурофиаи давлати Шӯравӣ самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат, мақомотҳои салоҳиятноки ҳифзи ҳуқуқро дар мубориза алайҳи ҷиноятkори тариқи татбиқи конунгузории ҷиноятӣ ва риояи қатъии қонунияти сотсиатистӣ ошкор ва дар бартараф намудани сабабҳои сарзадани ҳуқуқвaронкуниҳо, баррасӣ намудаанд [1, с. 98].

Муҳим он аст, ки иншои ин асар илми тағйироти куллиро дар мавкураи ҳуқуқи олимон ба миён наомад. Зеро дар адабиётҳои ҳуқуқи ё худ ҳуҷҷатҳои расми мафҳуми «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ» - «сиёсати ҷиноятӣ» маънидод гардидааст. Аниқтараш, «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ» ҳамчун қисми таркибии сиёсати ҷиноятии давлат баррасӣ ва хонда шудааст. Ба ин маъно сисёсати ҷиноятӣ чи дар илм ва амалия, ё арзёбии он дар ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ дар маҷмӯъ ифодагари тамоми самтҳои сиёсати ҷиноятии давлатро тақозо менамояд, ки яке шохаҳои онро сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ дар бар мегирад.

Яъне сиёсати ҷиноятӣ ҳамчун низоми ягонаи танзимсози - иҷтимоӣ ба чунин зернизомҳо: ҳуқуқи-ҷиноятӣ, ислоҳӣ, сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ, ки хоси ин ё он соҳаи ҳуқу аст, таҷрибаи мубориза бо ҷиноятkориро роҳнамои месозад [3, с. 46]. Ба ақидаи муалллиф мурофиаи ҷинояти ҳамчун яке самтҳои сиёсати ҷинояти ном буда шуда дар якҷояги бо дигар самтҳо ягонаги низоми сиёсати ҷиноятиро муарифи менамояд. Хулоса, криминология, ҳуқуқи ҷинояти ва дигар самтҳои ба он хос ва наздик гуё дар як сатҳи муайян қарор дошта ҳамеша дар инкишофанд.

Вале таълимои сиёси-ҳукуқӣ ҳастии сиёсати мурофиавии ҷиноятиро ҳамчун самти алоҳидаи сиёсати ҳуқуқии давлат махсусан аз оғози давраи шӯравӣ то пошхурии он инкор ва мадди назар намудааст. Аммо, бо ақидаи мо сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ бояд ҳамчун низоми мустақил пиндошта шавад. Гарчанде дар замони муосир чунин мустақилият на ҳамеша эътироф ва ё дақикан дарк мегардад.

Зеро то ҳануз дар ҳуҷҷатҳои расмии характеран роҳнамо ва танзимсози раванди сиёсати ҳуқуқии давлат, сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун сиёсати ҷиноятӣ ном бурда мешавад. Вале чи тавре дар боло қайд намудем чунин тарзи истифодаи ибораи «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ» нодуруст буда бо пурраги дарки ягона ва мустақилияти онро дар тафовут аз «сиёсати ҷиноятӣ» инкор менамояд. Аз ин лиҳоз, агар мо ба пирузиҳои имрузаи назарияҳои илмии мурофиаи ҷиноятӣ нараз намоем, пас дар он мустакилияти сиёсати мурофиавии ҷиноятиро комилан дарёфт менамоем.

Зеро, алакай аз оғози солҳои 90 дар назарияи илми мурофиаи ҷиноятӣ кушишҳои арзёбии ягонаги на тобеият ва баракс мустақилияти сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби Ю.А.Ляхова ошкор ва баррасӣ шудааст. Аз ҷумла ин муаллиф зери мафҳуми сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ самтҳои зерини мушахасро: фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлати ва мутобиқати он ба фаъолияти мақомоти татбиқи ҳуқуқ ва шахсони мансабдорм он дар самти таҳқиқу тафтиш, баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва тайини ҷазо маънидод намудааст [4, с. 6]. Ба ақидаи В.С. Шадрин бошад «сиёсати мурофиаи ҷиноятӣ даврони шӯрави мӯҳри ногузири иделогияи роҳнаморо ба зимма дошт, ки дар замони муосир бар гузашта рафтааст [7, с. 20]. Вале нуқтаҳои умуми ва мушахаси назари Н.С. Алексеев ва В.Г.Даева бо пурраги моҳияти хешро дар замони муосир нигах доштааст» [1, с. 21]. Дар заминаи гуфтаҳои боло А.И. Александров, мафҳуми сиёсати мурофиавиро чунин маънидод намудааст: «чун муносибати хокимият ба тафтиши ҷиноят ва баррасии судии парвандаи ҷинояти. Аз рӯи кадом принцип мурофиаи ҷинояти роҳандози мегардад, бо кадом тарз

бояд ҳолати ҷиноят муқаррар гардад, имкомпазири чорахои мабуркунии мурофиавӣ, тартиби таъйини ҷазо нисбати гунаҳгор, ё бегуноҳи – сефедкуни иқдоми ҳокимият аст» [2, с. 14].

Ё худ бо мурури замон баъд аз бо пурраги дарки моҳият ва ягонагии сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ, муаллифон бо назардошти сохтори, онро ҳамчун намунаи нисомсозӣ ҳамин самт маънидод намудаанд. Масалан, ба ақидаи О.З. Челохсаев сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ «ҳамчун низоми қонунан таъсисёфтаи асосҳои (идея, принцип) мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар меъёрҳом ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва таҷрибаи мурофиавӣ татбиқ мегарданд» маънидод намудааст [6, с. 18]. И.А. Майдан бошад, зери сиёсати мурофиаи ҷиноятӣ « ҳамчун низоми мунтазам ва фаъолияти илман асосноки мақомоти давлати ва ғайридавлати, ҳамчунин дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи оид ба беҳсозии мурофиаи судии ҷиноятӣ ифода намудааст. [5, с. 14, 28].

Аз ин лиҳоз, баррасӣ ва ё ифодаи «сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун низоми алоҳида ва ё ягона дуруст аст. Зеро таҳти низом ва ё низомсози самтҳои мурофиаи судии ҷинояти қарор додани сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ ягонагии онро ҳамчун институти мурофиаи ҷиноятӣ на инкор балки ошкор менамояд.

Бо чунин тарз манидод намудани сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ сабабу омилҳои худро дорад. Аммо, ба ин нигоҳ накарда сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ дар адабиётҳои ҳуқуқи ба як маъно ифода нашудааст, ки худ ин аз коркарди нопурраи мавҳуми номбурда гувоҳи медиҳад. Аввалан, сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун яке аз самтҳои сиёсати ҷиноятӣ номбурда мешавад. Ё худ ба маънои қисмати таркибии ва ҷудонашавндаи сиёсати ҷиноятӣ ифода шудааст, ки чунин муносибат ягонагии сиёсати мурофиавии ҷиноятиро бо пурраги харардор менамояд.

Аммо, аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ баррасӣ гаштани мафҳуми сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ ин худ як иқдомест, дар таъмини ягонагии масоили номбурда нақши муҳим мебозад. Зеро сиёсати мурофивии ҷиноятӣ низоми мустақил ва фарққунада аз дигар самтҳои сиёсати ҳуқуқии давлат маҳсуб аст. Таркиби сохтории он низ мантиқан дурустии ифодаи суханҳои моро тасдиқ месозад. Аз ин лиҳоз, ба сохтори низомсозӣ сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ назар намоем, пас он самтҳои зерини сиёсати давлатро дар бар мегирад:

1)Истеҳсолоти то судӣ. Истеҳсолоти то судӣ фаъолият ва амалҳои тафтишотӣ пешаки ва ё то судиро дар бар мегирад. Ин фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва шахсони мансабдори ин бахш буда, ба тартиб ва таъмини сари вақтии дида баромадан ва баррасии панвандаҳои ҷинояти нигаронида шудааст.

2)Истеҳсолоти судӣ. Истеҳсолоти судӣ қисми муҳим ва марказии сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ маҳсуб аст. Мақсади асосии ин самт таъмини адолати судӣ дар тамоми марҳилаҳои истелсолоти судӣ мебошад. Ба ҳар ҳол ин маҷмӯи муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки вобаста ба омодагӣ, баррасӣ ва дида баромадани парвандаҳои ҷиноятӣ, тайини ҷазо аз ҷониби мақомоти судӣ ва баррасии минбаъдаи чунин парвандаҳо дар суди марҳилаи кассатсионӣ ва ғ. ба миён меояд.

Дар ҳар сурат ҳамчун низоми мураккаб бо муқаррароти устуворгардидаи худ аз дигар низомҳои сиёсати ҳуқуқии давлат фарқ мекунад.

3) Адои ҷазои ҷиноятӣ. Самти мустақили сиёсати мурофиавии ҷиноятиро вобаста ба адои ҷазои ҷиноятӣ дар муассисаҳои низомаш гуногун фаро мегирад. Вазифаи асосии низоми номбурда аз огоҳонидан, фош кардан, пешгири ҷиноятҳои нав, риояи тартиботи муқарраршудаи макони адои ҷазои ҷиноятӣ ва оқибат тарбияи инсони солим ва ғ. мебошад.

Ин самти мазкур мавзӯъ ва предмети сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ ба он хотир гардидааст, ки адои ҷозои ҷиноятӣ яке аз воситаҳои барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, маҳсуб аст.

Дар охир гуфтанием, ки сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ дар банди 14. **Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои амалигардонии ин сиёсат баррасӣ гардидааст: «**Амалигардонии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлат ин сиёсати пешгирии ҷиноятксорӣ мебошад, ки дар якҷоягӣ бо ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад».

Аммо, мо бар он ақидаем, ки сиёсати мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун низоми мустақил аз сиёсати ҷиноятӣ бо қулли фарқ дорад. Имрӯз ин самт ба қабули Консепсияи мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз дорад. Дар қабули ин ҳуҷҷати расмии давлатӣ амалигардонии сиёсати мурофиаи ҷиноятӣ аз рӯи се самти муайян муайян бояд роҳандози гардад: истеҳсолоти то судӣ; истеҳсолоти судӣ ва ҷараёни иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**Рӯйхати адабиётҳо**


1. Алексеев Н.С., Даев В.Т. Уголовно-процессуальная политика Советского государства на современном этапе // Правоведение. - 1977. - № 5.- С. 97-104.
2. Александров А.И. Уголовно-правовая политика и уголовно-процессуальная политика современной России: понятие и актуальные проблемы // Научная школа уголовного процесса и криминалистики Санкт-Петербургского государственного университета и современная юридическая наука: сборник статей по материалам Международной научно-практической конференции (Санкт-Петербургский государственный университет, 10-11 июня 2015 г.) / под ред. Н.П. Кирилловой, Н.Г. Стойко. - СПб., 2016. - С. 2-19.
3. Коробеев А.И. Советская уголовно-правовая политика. - Владивосток, 1987. - 267 с.
4. Ляхов Ю.А.Сущность и тенденции развития уголовно-процессуальной политики Российской Федерации: дис… докт. юрид.наук .- Ростов н/Д., 1994. - 314 с.
5. Майдан И.А. Процессуально-правовая политика современной России: проблемы теории и практики: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. - Краснодар, 2009. - 29 с.
6. Челохсаев О.З. О понятии уголовно-процессуальной политики // Российский следователь. - 2006. - № 10. - С. 16-18.
7. Шадрин В.С. Уголовно-процессуальная политика: понятие, содержание, современное значение // Научная школа уголовного процесса и криминалистики Санкт-Петербургского государственного университета и современная юридическая наука: сборник статей по материалам Международной научно-практической конференции (Санкт-Петербургский государственный университет, 10-11 июня 2015 г.) / под ред. Н.П. Кирилловой, Н.Г. Стойко. - СПб., 2016. - С.20-29.


## РУШДИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Ҳошимзода Даврон Додоҷон**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи
Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 48,
тел.: (+992 372) 221-23-16, e-mail: davron.d@mail.ru.


## КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЕ РАЗВИТИЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**Хошимзода Даврон Доходжон**
кандидат юридических наук, судья
Конституционный суд Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Бохтар 48,
тел.: (+992 372) 221-23-16, e-mail: davron.d@mail.ru.


## CONSTITTIONAL AND LEGAL DEVELOPMENT REPUBLIC OF TAJIKISTAN


**Hoshimzoda Davron Dodojon**
candidate of legal sciences, Judge
Constitutional Court of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe, Bohtar str. 48
tel.: (+992 372) 221-23-16, e-mail: davron.d@mail.ru.

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои рушди конститутсионӣ-ҳуқуқии давлат дар зарфи бисту панҷ соли амали Конститутсия ва хусусиятҳои ҳуқуқии ин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқӣ аз нуқтаи назария ва амалияи ҳуқуқи конститутсионӣ мавриди таҳил қарор дода шудааст. Ҳамчунин дар доираи мақола, аз ҷониби муаллиф ба ислоҳоти ҳуқуқӣ ва судие, ки баъд аз қабули Конститутсия роҳандозӣ карда шуданд ва натиҷаҳои муфидро ба бор овარданд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст.*

***Аннотация.*** *В настоящей статье анализированы некоторые аспекты конституционно-правового развития государства в двадцатипятилетний период действия Конституции и юридические свойства этого политико-правового акта с точки зрения теории и практики конституционного права. Также в рамках статьи автором уделяется особое внимание правовой и судебной реформам, которые были проведены после принятия Конституции и принесли положительные результаты.*

***Annotation****. This article analyzes some aspects of the constitutional and legal development of the state during the twenty five year period of the Constitution and the legal properties of this political and legal act from the point of view of the theory and practice of constitutional law. Also, as part of the article, the author pays special attention to the legal and judicial reforms that were carried out after the adoption of the Constitution and brought positive results.*

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия, ислоҳоти ҳуқуқӣ-судӣ, волоияти қонун, тартиботи ҳуҳуқӣ, хусусиятҳои ҳуқуқии Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, демократия, соҳибихтиёрӣ.*

***Ключевые слова:*** *Конституция, правововая-судебная реформа, верховенства закона, правопорядок, юридические свойства Конституции, права и свободы человека и гражданина, демократия, суверинитет.*

***Key words:*** *Constitution, legal and judicial reform, rule of law, rule of law, legal properties of the Constitution, human and civil rights and freedoms, democracy, sovereignty.*

Имсол аз қабули Конститутсияи кишвар 25-соли таърихӣ, яъне 25-соли эҳё ва рушди конститутсионализми миллӣ сипарӣ мегардад ва воқеияту рӯйдодҳои бузургу созанда ва дастовардҳои дар соҳаҳои мухталиф ба дастомада шаҳодат аз онанд, ки дар зарфи амали чорякасраи ин ҳуҷҷати бунёдӣ дар ҳаёти ҳуқуқӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ рӯи кор омаданд. Таъмини волоияту қонуну адолати иҷтимоӣ, инчунин эҳтирому риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд меҳвари асосии фаъолияти тамоми ниҳодҳои давлатӣ қарор гирифтанд.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки Конститутсия волотарин дастовард, асоси суботу рушди мутаъдили давлат ва маҳаки асосии ифодакунандаи оромонҳои ҳуқуқии ҷомеаи муосир буда, самти равиши дурусту ояндадорӣ низоми ҳуқуқии кишварро бо дарназардошти риояи ҳуқуқи байналмилалӣ ва арзишҳои эътирофнамудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян мекунад.

Бо ин мазмун, Конститутсия сарчашмаи ҳуқуқии инъикос ва бавуҷудоварандаи ормонҳо ва пинсипҳои миллӣ, кафили мувофиқатии меъёру мазмуни он, фарҳангу оин ва таъриху замони муосир буда, асоси татбиқи пайдарҳамии тамоми низоми принсипҳои ҳаёти иҷтимоию ҳуқуқии ҷомеа мебошад.

Барои таҳия ва рӯи кор омадани Конститутсияи давлати навини Тоҷикистон, ки аввали солҳои навадуми қарни сипаришуда, акунун зимоми соҳибихтиёриро ба даст оварда, қадамҳои нахустини худро дар роҳи эъмори давлатдории навин мегузошт ва бидуни ҳарчи зудтар муайян кардани самтҳои рушди давлат дар сатҳи Конститутсия, метавонист ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардад, Эъломияи Истиқлолияти давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷлосияҳои XVI ва XVII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои зимни онҳо қабул шуда, заминаи воқеию ҳуқуқии устувор гузоштанд.

Маҳз бо қарори Иҷлосияи XVII Шӯрои Олӣ аз 26 июли соли 1993 ба Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1990 «Дар бораи ташкил намудани комиссия оид ба тайёр намудани лоиҳаи Конститутсияи нави Тоҷикистон» тағйирот ворид карда шуда, ҳайати нави Комиссияи конститутсионӣ таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ гардид.

Бо тасдиқи ҳайати нави комиссияи конститутсионӣ, ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия суръати тоза бахшида шуд ва оқибат дар як муддати муайян Конститутсияи ҷавобгӯ ба манфиатҳои милливу давлатӣ дар фазои сиёсию ҳуқуқии кишвар муаррифӣ гардид.

Аҳамияти таърихии Конститутсияи навини Тоҷикистон, ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ ва санади дорои қувваи олии ҳуқуқӣ, дар он зоҳир мегардад, ки муҳимтарин арзишҳои бунёдии ҷомеаи башариро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат дар худ таҷассум намуда, хусусиятҳои давлати Тоҷикистонро ба сифати давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоию ягона арзёбӣ кард.

Ин ҳуҷҷати бунёдӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ манфиатҳои олии миллат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро инъикос намуда, тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро шарти асосӣ ва бақои давлату миллат арзёбӣ намуд ва дар пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвар нақши муассир бозид.

Дар он принсипҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ва заминаҳои пешрафти давлати муосир, ба мисли таҷзияи ҳокимият, гуногунандешии сиёсию мафкуравӣ, демократияи намояндагӣ, бисёрҳизбӣ, озодии эътиқод, сухан, матбуот, фаъолияти озоди иқтисодию соҳибкорӣ ва гуногуншаклии моликият, ки нишондиҳандаи мавҷудияти низоми демократии сиёсиву иҷтимоӣ мебошанд, муайян гардидаанд.

Пешвои муаззами миллат, ки дар таҳия ва тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабули Конститутсияи кишвар саҳми босазо доранд, нақши ин ҳуҷҷатти сиёсиву ҳуқуқиро дар рушду таҳкими давлати демократию ҳуқуқбунёд муҳиму назаррас маънидод намуда, ҳанӯз 5 ноябри соли 2000, яъне баъд аз шаш соли амали Конститутсия дар суханрониашон зикр намуданд, ки «Аз баракати ин санади олии тақдирсоз ва ифодакунандаи мақсаду мароми давлати соҳибистиқлоламон то имрӯз дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии халқи мо дигаргуниҳои куллӣ ба амал пайвастанд. Конститутсия, пеш аз ҳама, ба омили муҳимтарини кафолати устувории ҳаёти сиёсии кишварамон табдил ёфт».

Бешак, қабул ва татбиқи минбаъдаи меъёрҳои Конститутсия диди мардум ва муносибати онро ба нақши Конститутсия дар ҳаёти ҳар як шахс, тамоми ҷомеа ва мувофиқан дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дарки аслии моҳияти конститутсионализм куллан дигаргун сохт.

Аз ин рӯ, таҷрибаи 25 соли амали Конститутсия нишон дод, ки он ҳамчун ҳуҷҷати ташаккулёбанда, Қонуни асосии на давраи гузашта, балки замони муосир яъне асри XXI ва ҳамзамон ифодакунандаи ҳадафҳои созандаи давлат ҳамчун унсури муҳими таъмини суботи сиёсии кишвар мебошад.

Дар замони муосир, Конститутсия ба сифати омили муҳими бартараф кардани хатарҳои муосир ба низоми ҳуқуқӣ баромад намуда, ба таври фаъол ба ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти ҷомеа, давлат, шаҳрвандон ва ба тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ таъсир мерасонад.

Сифатҳои бунёдию созандаи Конститутсия, ки бевосита худиэтирофии меъёрӣ-ҳуқуқиро соҳиб мебошанд, онро аз мантиқи конститутсионализми замони шуравӣ, ки аксаран хислати барномавии сиёсӣ-идеологиро доро буд, тафовут мегузорад.

Арзишҳои иҷтимоии Конститутсия одатан бо ба меъёрдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини устувории волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ, мувофиқатии муносиби озодӣ ва масъулият, баробарҳуқуқӣ ва адолат вобаста мебошанд.

Имконпазир будани танзими масъалаҳои муҳими давлативу ҷамъиятӣ аз тавсифи махсуси ҳуқуқии хусусиятҳои хоси ин зуҳуроти беназари ҳуқуқӣ, ки ба Конститутсия устуворӣ мебахшанд бармеоянд, аз ҷумла:

- якум, хусусияти муқарраркунандаи Конститутсия, ки бевосита дар мазмуни меъёрии он ифода меёбад, ишора бар он мекунад, ки маҳз Конститутсия тамоми низоми соҳибихтиёрии давлатро муқаррар ва принсипҳои демократии фаъолияти онро мустаҳкам мекунад, инчунин механизми ҳуқуқию институтсионалии баамалбарории ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро инъикос мекунад.

Бо даранazardошти ин хусусият, Конститутсия ба ҳайси меъёри асосӣ ва воситаи сиёсӣ-ҳуқуқии муайянкунандаи тамоми низоми давлатдорӣ, омили муҳимми мустаҳкам намудани мақоми халқ ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ баромад мекунад;

- дуюм, волоияти Конститутсия – ҷойгоҳи махсус ва аҳамияти Конститутсияро ҳамчун сарчашмаи асосии тамоми қонунгузории кишвар ифода намуда, самти танзими муносибатҳои ҷамъиятиро муайян мекунад ва мувофиқан ба сифати манбаи ягонаи таҷассумкунандаи арзишҳои бунёдии меъёрии ҳуқуқӣ ва маънавию ахлоқии халқ баромад менамояд.

Волоияти Конститутсия дар ягонагии табиии принсипи умумипазируфташудаи волоияти ҳуқуқ ифода меёбад, ки аҳамияти арзишноки ва меъёрӣ-доктриналии он асоси мазмуни тамоми Конститутсияро ташкил мекунад. Дар як вақт волоияти ҳуқуқ бо назардошти таъмини имконияти баробарии озодӣ ва адолат, ҳамчун маҳаки асосии давлати муосири демократию ҳуқуқбунёд ҳамчун муҳимтарин арзиши конститутсионӣ баромад мекунад;

- сеюм, қувваи олии ҳуқуқӣ доштани Конститутсия – нақши фаъоли низомофарии онро ифода намуда, иерархияи низмои ҳуқуқиро таъмин менамояд. Зимнан, ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба таркиби низоми ҳуқуқии давлат шомил мебошад, наметавонад бар хилофи Конститутсия бошад. Ҳамзамон, фаҳмиши ин хусусияти Конститутсия, маҳаки асосии назорати судии конститутсиониро ташкил мекунад, зеро қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ набояд ба Конститутсия мухолифат кунанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё муқаррароти алоҳидаи онҳо, ки ғайриконститутсионӣ дониста мешаванд, бидуни шарту расмиёти иловагӣ қувваи худро гум мекунанд. Инчунин шартномаҳои байналмилалии эътибори қонуни пайдо карда ва ё худ эътибори қонунӣ пайдо накарда барои Тоҷикистон, дар сурати хилофи Конститутсия будан дар мазмуни матни пурра ва ё қисмати алоҳидаи он, наметавонанд дар кишвари мо эътибор дошта бошанд;

- чорум, амали бевоситаи Конститутсия – дар ниҳояти кор маънои эътирофи мақоми ҳуқуқии ин санадро новобаста ба дараҷаи мушахассотии он дар қонунгузории ҷорӣ дорад, зеро меъёрҳои конститутсионӣ бевосита танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, тартиби раванди ҳуқуқтатбиққуниро, ки риоя, иҷро ва истифодаи ҳуқуқ ба он ишомил мебошанд, ифода мекунад. Муҳимияти ин хусусият боз бо он қавъитар мегардад, ки амали бевоситаи Конститутсия дар ниҳоят амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад.

Бояд дар назар дошт, ки маҳз амали бевоситаи Конститутсия маҳаки асосии амалишваиҳ меъёрҳои он ҳамчун Қонуни асосӣ мебошад. Хусусияти амали бевоситаи Конститутсия, муҳимияти онро ҳамчун сарчашмаи аввалиндараҷа ва универсалии ҳуқуқ ифода мекунад;

- панҷум Конститутсия асоси низоми ҳуқуқӣ мебошад. Қонунҳо муқаррароти Конститутсияро мушаххас ва меъёрҳои онро возеҳу маънидод мекунанд. Баъзан худи Конститутсия бевосита ба қабули қонунҳои конститутсионӣ, ки барои танзими муносибатҳои мушаххас лозиманд, ишора мекунад (моддаи 48).

- шашум арзишҳои бунёдии ин ҳуҷҷати сиёсию ҳуқуқӣ дар чунин хусусияти ҳуқуқии Конститутсия ба мисли тавъам будани суботи конститутсионӣ ва воқеияти иҷтимоӣ ифода меёбад. Боиси шубҳа нест, ки бо рушди иқтисодию сиёсӣ ва тағйир ёфтани воқеъияти иҷтимоӣ таносуби ҳуқуқию воқеии Конститутсия тағйир меёбад, вале дар маҷмуъ ҳадафҳои олии он бетағйир мемонанд;

- ҳафтум устуворӣ ва мутаъдилияти Конститутсия. Қонуни асосӣ бояд тарзе таҳия карда шавад, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа ва хусусиятҳои миллии рушду нумуи давлатро дар худ инъикос намуда, муддати тӯлони на танҳо ба талаботи имрӯза, балки баояндаи давлату миллат низ ҷавобгӯ бошад;

- ҳаштум ҳимояи махсуси ҳуқуқии Конститутсия, ки аз ҷониби мақомоти назорати судии конститусионӣ амалӣ карда мешавад. Яъне дар сурати ба Конститутсия мухолиф будани санади меъёрии ҳуқуқӣ, он аз ҷониби Суди конститутсионӣ тавассути амалӣ кардани назорати пешакӣ ва баъдина ғайриконститутсионӣ донисташуда, амалаш қатъ мегардад. Бо ин тарз, самаранокии реҷаи қонунияти конститутсионӣ низ дар кишвар таъмин карда мешавад. Ҳамчунин, лоиҳаи тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсия пешниҳод мешаванд, пешакӣ аз ҷониби Суди конститутсионӣ баррасӣ мегарданд ва танҳо бади қабули қарори Суди конститутсионӣ ба раъйпурсии умумихалқи манзур карда мешаванд.

Аҳамияти муҳимми назорати судии дар он ифода меёбад, ки тавассути ҳимояи Конститутсия ин мақом фаҳмиши ягонаи Конститутсия, таъмини волоият ва ҳимояи ғояҳои бунёдии онро дар ҳама сатҳҳои ҳокимият таъмин намуда, амалишавии бомароми ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро тақвият мебахшад. Кафолати рушди устувори давлати демокративу ҳуқуқбунёд низ дар ҳамин ифода меёбад.

- нуҳум тартиби махсуси қабул ва ворид намудани тағйирот ба Конститутсия. Ин хусусият дар моддаҳои дахлдори Конститутсия инъикос гардидааст.

Конститутсия ҳамчун санади дорои қувваи олии ҳуқуқӣ устувории худро на танҳо бинобар душвор будани тартиби ворид намудани тағйирот ба он, инчунин бинобар дар худи Конститутсия инъикос гардидани имкониятҳои воқеии худташаккулёбӣ ва маънидодкунӣ-меъёрии он дар шароити тағйирёбии фаҳмиши иҷтимоии ҷомеа, нигоҳ медорад.

Ғояи он, ки дар ҷаҳони муосир конститутсияҳои идеалӣ мавҷуд нест ва танҳо конститутсияҳои таъсирноку босамар ва ё амалнакунанда мавҷуданд, қобили дастгирист. Аммо, муаммои амал ва татбиқи Конститутсия – албатта мушкилӣ ва костагии матни он нест, танҳо фаҳмиши дурусти мазмуну ҳадафи он зарур аст, ки зимни қабул пайгири шуда буд ва татбиқи воқеии он метавонад, заминаҳои конститутсионализми муосирро тақвият бахшад.

Зимнан муқаррароти Конститутсия бояд ба шароити воқеии муносибатҳои рушдёбандаи ҷамъиятӣ мутобиқ буда, аз онҳо дур намонад. Бинобар ин, дар дилхоҳ давлат, ҳатто дар давлатҳое, ки Конститутсияи «қатъӣ» доранд, яъне шакли «мураккабӣ» такмили онро пешбинӣ мекунанд, андешаи дахлнопазиру тағйирнопазир будани Конститутсия қобили дастгирӣ нест.

Ҳанӯз дусад сол қабл, яъне дар даврае, ки нахустин заминаҳои демократияи муосир гузошта мешуд, Томас Джефферсон қайд намуда буд, ки «қонунҳо ва падидаҳои инсонӣ бояд ҳамрадифи инкишофи ақлу ҳиради инсонӣ бошанд».

Рушди ҷаҳонии конститутсионализм низ шаҳодати он аст, ки новобаста аз чи гуна будани мазмуни Конститутсия, он наметовонад якбора ва ба таври доимӣ қоидаҳои сохтори конститутсиониро муайян намояд.

Эътирофшудааст, ки ягон давлат наметвонад бе рушди бомароми конститутсионӣ ба дастовардҳои назаррас дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ноил гардида, ҳадафҳои гузоштаи давлати демократиро амалӣ созад.

Танҳо тавассути такмили Конститутсия таъмини рушди конститутсионӣ таъмин карда шуда, дар ҷомеа такя ба арзишҳои пазируфтаи демократи дигаргуниҳои куллӣ рӯи кор меоянд ва бидуни такмил ин санади меъёриии ҳуқуқӣ моҳияти аслии худро гум мекунад.

Амалан дилхоҳ дигаргунӣ дар конститутсия боиси тағйироти дахлдор дар қонун ва санадҳои зерқонунӣ мегардад. Аз ин рӯ, танҳо пас аз такмили чунин санадҳо ва татбиқи амалии онҳо дигаргуниҳои суратгирифта метавонанд ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии мавҷуда таъсир расонанд ва натиҷаи интизорӣ ба бор оваранд.

Конститутсияи кишвари мо низ бинобар зарурати воқеӣ ва талаботи ҷомеа се маротиба солҳои 1999, 2003 ва 2016 мавриди такмил қарор дода шуд, ки онҳо тавсеаю тақвияти равандҳои демократикунонӣ дар мамлакат, рушди ҷомеаи Тоҷикистон ва боло рафтани авзои иқтисодию иҷтимоии онро инъикос карда, мақсади ниҳоии он фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона ба ҳар як инсон арзёбӣ мегарданд.

Тағйироти соли 2016 ҳамчун идомаи мантиқии меъёрҳои амалкунандаи ин ҳуҷҷати бунёдӣ, арзишҳои волои Конститутсияро таҳким бахшида, барои рушди конститутсионии давлат ва ташаккули минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаи мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Дар шароити муосир рушди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монади дигар давлатҳои ҷаҳон ба қонуниятҳои умумиҷаҳонӣ ба мисли ҳифзи соҳибихтиёрнии давлат, таъмини волоияти қонун, домократизатсия ва гуманизатсиякунонии меъёрҳои қонунгузорӣ ва таҳкими асосҳои конститутсионии самтҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа такя мекунад. Муҳиму эътирофшуда будани ин асосҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо аз ҷониби аксари давлатҳо новобаста ба сатҳи рушди сиёсию, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ пазируфта шудаанд.

Тоҷикистон як марҳилаи рушди конститутсионии давлатдории навинро бо натиҷаҳои назаррасу қобили таҳсин паси сар кард ва барои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини принсипҳои демокартии рушди ҷомеа тамоми шароити мусоидро фароҳам овард.

Татбиқи бомароми хусусиятҳои ҳуқуқии Конститутсия имкон доданд, ки дар кишвар ислоҳоти ҳуқуқӣ гузаронида шуда, парламентаризми миллӣ рушд кунад ва қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат аз нав таҳияву қабул карда шуда, ба муқаррароти Конститутсия мутобиқ гардонида шаванд. Имрӯз дар фазои ҳуқуқии кишвар 17 Қонуни конститутсионӣ, 22 кодекс ва 353 қонуни мукаммал амал мекунанд, ки ба танзими муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ ва муайян кардани тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлативу ҷамъиятӣ равона гардида, муҳим аз ҳама кафолатҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тақвият мебахшанд.

Волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ таъмин гардида, ба равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа суръати тоза бахшид ва маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолӣ баланд гардида, дар ин самт як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расиданд.

Бо мақсади таъмини волоияти қонун дар ҷомеа ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ 9 апрели соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуда, ҷиҳати татбиқи муқарарроти он 22 августи соли 1997 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» рӯи кор омад.

Ҳамзамон бобати таҳкими фаҳмишҳои демократӣ-ҳуқуқӣ дар шуури аҳолӣ 1 декабри соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» қабул шуд. Инчунин бо қарори Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» тасдиқ гардида, ин санадҳо барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ замина гузоштанд.

Асосҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон таъмин карда шуда, мавқеи зан дар ҷомеа баланд бардошта шуд ва дар ин радиф ҳанӯз 3 декабри соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001 «Дар бораи барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001- 2010» қабул шуданд.

Бо мақсади боз ҳам тақвият додани заминаҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии занон ва таъмини баробарҳуқуқии занону мардон 1 марти соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва давра ба давра қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» (29 майи соли 2010) ва «Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (30 декабри соли 2015) қабул шудаанд.

Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳо барои фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирии ташаббусҳои занон ва таъмини иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти сиёсиву

иқтисодии кишвар, аз ҷумла идоракунии давлатӣ заминаи мусоиди ҳуқуқӣ гузштанд ва имрӯз занони кишвар бо малакаю маҳорати худ ба манфиати давлату ҷомеа саҳми босазои хешро мегузоранд.

Конститутсия ҳокимияти судиро ба ҳайси шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намуда, адолати судиро омили муҳими таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳо маънидод намуд. Дар заминаи меъёрҳои Конститутсия,ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ бо маром роҳандозӣ шуда, бо мақсади таҳкими ҳокимияти судӣ, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021 қабул карда шуд ва охирон аз онҳо имрӯз бомаром мавриди татбиқ қарор дорад.

Дар асоси барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ кодексҳои мурофиавии гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт, дар таҳрири нав таҳия ва қабул шуданд.

Ҳамаи ин омилҳо ба рушду такомул ва тақвияти ҳокимияти судӣ дар мамлакат, барррасии одилона ва саривақтии мурочиатҳои шаҳрвандон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо таъсири амиқ гузоштанд.

Амалишавии кафолати конститутсионии фаъолияти озоди иқтисодию соҳибкорӣ ва эътирофи гуногуншаклии моликият имкон дод, ки дар муддати начандон тӯлонӣ заминаҳои иқтисодии мамлакат таҳким ёфта, теъдоди субъектҳои соҳибкорӣ ба маротиб зиёд шуда, нақши онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ дучанд гардад ва фазои сармоягузории мамлакат боз ҳам таваҷ-ҷуҳпазир шавад. Бо мақсади дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ се маротиба Қонун дар бораи марато-рий қабул гардид ва теъдоди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба беш аз 323 ҳазору 674 адад расид, ки аз инҳо 292 ҳазору 570 ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ва беш аз 31 ҳазор 104 адади он ба ҳайси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти хешро ба роҳ мондаанд.

Бо такя ба принсипҳои конститутсионӣ-демократӣ дар як муддати кӯтоҳ ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар рушд намуда, қонунҳо «Дар бораи ҳизбҳои исёсӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд ва имрӯз дар ҳаёти сиёсии давлат ҳафт ҳизби сиёсӣ ва беш аз 2600 иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Озодии баён ва матбуот таъмин гарида, дар як муддати кӯтоҳ теъдоди рӯзномаю маҷаллаҳо ва агентиҳои иттилоотӣ ба беш аз 510 адад расиданд, ки аксарашон онҳо хусусӣ мебошанд. Барои таъмини фаъолияти бемамониати онҳо, қонунҳо «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ», **«**Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма**»**, «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» ва ғайра қабул гардида, дар фазои ҳуқуқии кишвар ба танзими муносибатҳои мушаххас равона гардиданд.

Конститутсия ва дар заминаи он қабули қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд худогоҳиву худшиносии миллиро таҳким бахшида, ҳамзамон барои ҳифз ва ташаккули арзишҳои фарҳангии кишвар ва сунатҳои қадимаи миллӣ, аз ҷумла барои эҳёи дубораи забони ноби тоҷикӣ, ки шаҳсутун ва муттакои ҳастии миллат аст ва ба ҳайси забони давлатӣ эҳтироф шудани он, шароити зарурӣ фароҳам оварданд.

Дар заминаи меъёрҳои сулҳҷӯёнаи Конститутсия ва татбиқи сиёсати бомароми хориҷӣ, Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ дар арсаи сиёсати ҷаҳони мавқеи шоистаро пайдо намуд ва бо такя ба сиёсати «дарҳои кушода» бо кишварҳое, ки ба давлати мо назари некбинона доранд муносибатҳои ҳамҷавору мутақобилан судмандро тақвият бахшид.

Давлати мо бо беш аз 160 давлати дунё муносибатҳои дипломатиашро ба роҳ монда, узви зиёда аз 80 созмонҳои бонуфузи минақавию байналмиллӣ мебошад ва ҳамсола бо беш аз 100 кишвари дунё мубодилаи молро анҷом медҳад.

Дар ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, аз ҷумла пешгирии ҷиноятҳои терроризму ифротгароии байналмилалӣ, муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳа ва маводи мухаддир

Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши созгор дошта, аз минбарҳои баланди созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ давлатҳои ҷаҳонро барои мубориза муштарак бо ин вабои аср даъват мекунад.

Чандин ташаббусҳои созандаи роҳбари давлат дар масъалаи оби тоза ҳамовозии ҷомеаи ҷаҳонро пайдо намуда, бо қатъномаи Маҷмааи Созмони Милали Муттаҳид 21 декабри соли 2016 ташаббуси навбатии Пешвои муаззами миллат оид ба Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018 -2028» пазируфта шуда, ба татбиқи ин ташаббуси наҷиб 22 марти соли 2018 оғоз бахшида шуд.

Муносибатҳои байналмилалӣ бо кишварҳои дунё, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ тақвият ёта, ба сатҳи сифатан нави рушд бароварда шуданд. Чунончи ба шарофати иродаи сиёсӣ ва хиради азалии роҳбарони давлатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, муносибатҳои байнидавлатии ин ду кишвари ҳамсарҳад бо такя ба принсипҳои боввариву эътимод аз нав эҳё гардида, ба сатҳи шарикии стратегӣ расонида шуд ва имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа ба нафъи мардумони ду кишвар рушд намуда истодааст.

Заминаи ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистону Ӯзбекистон мустаҳкам гардида, теъдоди санадҳои ҳуқуқие, ки ҳамкориҳориро дар соҳаҳои мухталиф густариш мебахшанд ва барои амалишавии ҳадфҳои созандаи ҳар ду давлат мусоидат мекунанд, ба 170 адад расонида шуданд ва рафту омади озоди шаҳрвандони ҳар ду кишвар таъмин карда шуд.

Умуман Конститутсия дар зарфи 25 сол рушди давлату давлатдории навинро асос гузошта, амалишавии мақсаду ҳадафҳои олии давлату ҷомеаи Тоҷикистон, суботи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии давлат, фаъолияти бонизоми ҳокимияти давлатӣ ва волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқиро таъмин намуд.

Дар Конститутсия фарогир гардидани ҳадафҳои олии давлату давлатдорӣ ифодагари он аст, ки ин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқӣ воқеан санади муҳим ва калидии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон буда, муаррификунандаи миллату давлат дар ҷаҳони мутамаддин ва таъминкунандаи амалишавии орзву нияҳои созандаву бунёдкоронаи ҷомеаи мо мебошад.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Конститусия Ҷумҳурии Тоҷикистон (тағиру иловаҳо). - Душанбе: “Маориф”, 2016. - 55 с.
2. Қонуни конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Суди конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 июли соли 2014, №1083 //Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2014. -№ 7 (қисми 1). - Мод.379.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1991, №974 //Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 1991. - № 13. - Мод. 194.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 01 марти соли 2005, №89 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2005. - № 3. - Мод. 129.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 июли соли 2014, №1084 //Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2014. - № 7. - Мод. 380.
6. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» аз 01 декабри соли 1999, № 2 // [Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии «Адлия»] / http://www.adlia.tj/ (санаи истифода: 10.09.2019).
7. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 03 декабри соли 1999, № 5 // [Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии «Адлия»] / http://www.adlia.tj/ (санаи истифода: 10.09.2019).
8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 09 апрели соли 1997, № 691 // [Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии «Адлия»] / http://www.adlia.tj/ (санаи истифода: 10.09.2019).

## ПРОБЛЕМАИ ҶАЛБИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН БА ГУРӮҲҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТГАРОӢ

**Чоршанбиев Азизмамад Чоршанбиевич**
номзади илмхои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи хуқуқи ҷиноятии
Донишгохи Славянии Россия ва Тоҷикистон
куч. М. Турсунзода. 30. Душанбе. Республикаи Тоҷикистон
тел.: (+ 992 37 227-85-83) e-mail: chorshanbiev40@mail.ru

## ПРОБЛЕМЫ ПРИМЫКАНИЯ МОЛОДЕЖИ ТАДЖИКИСТАНА В РЯДЫ ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ И ЭКСТРЕМИСТСКИХ ГРУПП

**Чоршанбиев Азизмамад Чоршанбиевич**
кандидат юридических наук, доцент кафедры уголовного права
Российско-Таджикский (Славянский) университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30
тел.: 2278583, e-mail: chorshanbiev40@mail.ru

## THE PROBLEM OF INVOLVEMENT OF TAJIKISTAN'S YOUTH IN TERRORIST AND EXTREMIST GROUPS

**Chorshanbiev Azizmamad Chorshanbievich**
candidate of law associate proffesor department of the criminal law faculty of law
Russian-Tajik (Slavonic) university
Republic of Tajikistan,Dushanbe, str. M.Tursunzade 30
tel.: (+992 37 227-85-83) e-mail: chorshanbiev40@mail.ru

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур масъалаи ҳавфнокии зухуроти номатлуб аз қабили терроризм ва экстремизм ки дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XX1 ба проблемаи глобалии ҷахонӣ табдил ёфтаанд мавриди қайд қарор гирифта шудаанд. Инчунин ҷихати ҷалби чавонони Тоҷикистон ба ин гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгароӣ сухан ронда шуда, моҳият ва дараҷаи ҳавфнокии ин ҷиноятхо пурра кушода шудааст.*

***Аннотация.*** *В данной статье рассматриваются вопросы опасности терроризма и экстремизм, ставших во второй половине XX века и в начале XX1 века глобальными проблемами. Также в настоящей статье рассматриваются проблемы ситуаций о вовлечении молодежи Таджикистана террористические и экстремистские группировки, раскрываются общественная опасность названных преступлений.*

***Annotation.*** *in this area recorded issues of unwanted response to terrorism and extremism, which became in the second half of the twentieth century and in the early XX1 century global problems.Also, the Provision on the involvement of the youth of Tajikistan in these terrorist and extremist groups, fully disclosed the place and degree of danger of these countries.*

***Калимахои калиди:*** *терроризм, қонунгузор, давлат, фанатизм, гаравгонгирӣ, ташвикоти ғояхои ифротӣ, Кодекси ҷиноятӣ, ифротгарои.*

***Ключевые слова:*** *терроризм, законодательный орган, фанатизм, захват заложников, экстремизм.*

***Key words:*** *terrorism, legislative body state, fanaticism, hostages, extremism.*

Терроризм ва ифротгароии ҳозиразамон барои аҳли ҷомеа ва рушди давлат дар ҳамаи соҳаҳо бениҳоят ҳавфнок мебошад

Терроризм ва экстремизм зуҳуроти номатлубе мебошад, ки дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XX1 ба проблемаи глобалии ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Террористон бо таркондану оташ задани манзилҳои истикомативу иншооти ҳаётан муҳим, одамрабоӣ, гаравгонгирӣ, таҳдиди куштан ва нобуд кардани ходимони давлатӣ ва сиёсӣ, ташвикоти ғояҳои ифротӣ, созмон додани ташкилотхои террористӣ ва содир намудани дигар ҷиноятхои ҳавфнок дар дили мардуми осоишта тарс меафкананд.Онҳо аз тарики сомонахои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, вараҷаву дастурҳои иғвоангез ва ваъдаҳои дуруғин мехоҳанд сафи аъзои худро зиёд намоянд [3].

Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ хеҷ кадом аз аъмоли террористӣ, новобаста аз омилу аҳдоф наметавонад қобили пазириш бошад. Ин фаъолияти ғайриконунӣ, ки дар чанд қарни охир бар саҳафоти таърихи инсонӣ нақши манфӣ гузошт, пеш аз ҳама, ба худи дастандаркоронаш зиёнбор омад, бо вуҷуди он, ки афроди бегуноҳ низ аз ҳаёт маҳрум гардидаанд. Бо ин асос барои решакан намудани ин ниҳоди ба ҷамъият ҳавфнок, давлатҳои абадқудрат ба мисли Россия ва ИМА бо онҳо мубориза беамон бурда истодаанд

Таҳлили ҷиноятхои содиршудаи ифоротгароӣ ва экстремистӣ нишон дод, ки дар тули се чор соли охир, ин гуна ҷиноятхо асосан аз ҷониби ҷавонхои то синни 30 солагӣ содир карда мешаванд.

Дар раванди муосири ҷахоншави Тоҷикистон низ аз ин воқеахо дар канор набуда, мубориза бар зидди ин амалро яке аз ҳадафхои асосии худ карор дода, дар ин самт тадбирҳои зиёдеро татбиқ намуда истодааст.

Аз ҷумла, дар Паёми имсолаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомали Рахмон ҳар гуна амалҳои номатлуб ва олуда бо экстремизму ифротгароӣ маҳкум шуда, аз аҳли ҷомеа, бахусус, ҷавонон даъват карда шуд, худро аз чунин амалҳои нангин дар канор гиранд ва дар рушду пешравии кишвар саҳмгузор бошанд.

Қайд бояд кард, ки ифротгарии имруза аслан зери ниқоби шиорҳо ва арзишҳои динӣ суръат гирифта истодааст. Одамон ба ин гурӯҳ бо роҳи ҷалби пинҳонӣ ва тадриҷаи тағир додани таффакуру эътиқоди худ, зери ниқоби афзалиятҳои динӣ шомил мегарданд. Намояндагони ин гурӯҳ дар навбати авввал бо ҷавононе кор мекунанд, ки таҷрибаи кофии рузгор надошта, донишҳои дунявӣ ва диниашон паст аст ва дар зиндаги ба мушкилоте, чун қашшоқӣ, бекорӣ, муҳоҷират ва монанди инхо дучор шудаанд.

Дар иртибот бо Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъерию ҳукуки қабул гардид, ки онҳо мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти террористӣ доштаро маҳкум мекунанд.

Бахусус дар асоси моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз яроқи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси ҳавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатхои дигари барои ҷамъият ҳавфнок мегардад, агар ин кирдор бо максади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолии ё расонидани таъсир ҷихати аз ҷониби макомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз понздаҳ то бист сол бо мусодираи амвол ё ҷазои маҳрумкуни аз озодии якумра ҷазо дода мешавад.

Ё ин, ки дар асоси моддаи 307 прим 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгарои), яъне гурӯҳи муташаккили ашхос барои тайёр ё содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дошта, аз нигоҳи бадбинӣ ё кинаю адоват нисбати кадом як гурӯҳи иҷтимоӣ, инчунин роҳбари ба чунин иттиҳоди экстремистӣ, ба ҷузъ ё томҳои ба чунин иттиҳод дохилшаванда, ҳамчунин ташкили иттиҳоди ташкилкунандагон, роҳбарон ё дигар намояндагони ҷузъ ё томҳои чунин иттиҳод бо мақсади таҳияи нақшаҳо ва ё шароит барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дошта, ё иштирок дар иттиҳоди экстермистӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол маҳрум сохтан аз озоди ҷазо дода мешавад.

Ҳар яки мо имруз шоҳиди он ҳастем, ки дар хоки кишвари Сурияву Ироқ гурӯҳҳои ифротгаро аз номи дини мубини ислом баромад карда, давлатеро бо номи ДИИШ таъсис додани шуда, амалхои ғайриинсониро иҷро менамоянд. Яке аз даҳшатноктарин амалҳои онҳо куштани 1700

нафар донишҷӯ дар яке аз коллеҷҳои шахри Мавсили Ироқ мебошад. Мутаасифона, новобаста аз тавҷеху пешгириҳои зиёд иддае аз ҷавонони тоҷик бо ин гурӯҳ гаравиш пайдо мекунад.

Рӯ овардан ва ба сафи ифротиён пайвастани ҷавонони тоҷик, ки дар кишвари амну осоишта умр ба сар мебаранд, боиси тааҷуб аст. Ин ҷавонон аз чи танкисӣ мекашанд ва аз чи норози ҳастанд, ки ҷони ҷавони худро қурбони хостаҳои хоҷагони аҷнаби мекунанд ва пайвандонашро дар сугу мотами хамешагӣ мешинонанд?

Президенти кишвари азизамон, муҳтарам Эмомали Рахмон борҳо таваҷҷухи ҷомеаи ҷаҳониро ба он ҷалб намудаанд, ки ислом ба терроризм ва экстермизм ягон робитае надорад, вале имруз кушишҳои ба рақиби идеологии ҷаҳонӣ табдил додани ислом ва мардуми мусулмон идома дорад. Хусусан, ин тамаюл баъди ҳодисаҳои сиёсии Сурия ва таъсиси «Давлати исломии Шарку Шом» вусъат ёфт, ки ин тамоюл гурӯҳҳои неофашистӣ ва миллатгароро ба таҳкиру шиканҷаи мусулмонон фаъолтар намуд [3].

Ҷавононро тавассути шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ гумроҳ сохта, ба доми худ медароранд. Ҷавонони гумроҳ ва хоҷагони онҳо дарк намекунанд, ки ки ислом яке аз динҳои бузурги ҷаҳони ҳамагуна нифоқу хусумат, куштору ваҳшоният ва ҷабру зулми инсонро маҳкум месозад. Бадбахтии ҷавонони гумроҳгашта дар он аст, ки онҳо моҳияти давлати дунявӣ ва демократиро дарк накардаанд ва имруз бо «мунаққидони сиёсӣ» тавассути расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ моҳияти дунявӣ доштани Ҷумҳурии Тоҷикистонро хамчун атеизми давлати маънидод мекунанд, ки ин як гарази маҳз аст. Зеро танҳо давлати дунявӣ ва демократӣ метавонад, ҳамзистии осоиштаи дину мазҳабхо ва дар маҷмуъ риояи меъёрҳои озодии виҷдонро таъмин намояд.

Тарбияи нодурусти фарзандон дар оила ва муҳити носозогор аз нодурусттарин омилҳоест, ки ҷавононро ба роҳи ғалат савк дода, онҳоро дар кучаи сарбастаи рӯзгор мувоҷеҳ ба мушкилот сохтааст. Аз ин ҷост, ки оилаҳоро метавон ба оилаҳои муваффақ ва номуваффақ қисмат намуд. Фарзандони дар оилаи муваффақ тарбиятёфта бо заковату фаросати фарогир мусаллаҳ буда, дар шебу фарози зиндаги мавкеи заруриро касб кардаанд. Баръакси ин ҳол, насли дар оилаҳои номуваффақ ба камол расида, зудбовар ва ноустувор буда, афкор ва тасмими хоси худро доро нестанд. Ин гуна ашхос андешаи дигаронро муқаддам дониста, ҳеч иқдоми дурустеро мустақилона анҷом дода наметавонанд. Ин гурӯҳ ҷавононро фиребтан ва ба дастае шомил намудан кори осон аст. Маҳз ҳамин гуна ҷавонони сустирода ва гумҷӯ ба қуввахои тундрав пайваста, ҷони худро дар хатар мегузоранд [4].

Насли ҷавонро мебояд, ки аз ақли солим кор гиранд, на бо фикру андешаи дигарон рузгор ба сар баранд ва бо ҳамин васила хостаҳои худро пиёда кунанд.

Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани ҷавонон, ки ин равандро бароияш баровáрда сохтани эхтиёчоти зиндагӣ пеш овардааст, ҳамчун омили асоси муҳим дар пайвастани онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ донистан мумкин аст. Зикри ин нуқта муҳим аст, ки маҳз тавассути муҳоҷират қисмати бештари ҷавонон ба кишварҳои ҷангзада интиқол меёбанд. Рағбати дарёфти пули бисёр, ки таблиггарон ба онҳо ваъда медиҳанд, суръати ин равандро вусъат бахшидааст, ки дар ин ҳолат боздоштани ҷавонон аз ин роҳ кори сахл ҳам нест. Теъдоди ин қабил ҷавонон кам бошанд ҳам, ба дигарон таъсир карданашон аз эҳтимол дур нест. Муҷиби гароиши онхоро аз аник дарк карда натавонистани моҳият ва ҳадафҳои ниҳоии ифротгарои ва терроризм метавон таъбир кард.

Ӯҳдадорӣ ва вазифаи муқаддаси падару модарон аст, ки дар рӯҳияи худогоҳиву ифтихори ватандори парвариш намудани авлодашон бо камоли масъулият кушиш кунанд.

Дуюм, асолат ва омузаҳои парвариши дини мубини ислом ба насли ҷавон бо тамоми нозукиҳояш фаҳмонида дода шуда, дар зими онҳоро дар роҳи таҳаммулпазириву инсондустӣ ҳидоят намудан, ташвиқ бояд кард.

Сеюм, майл накардани ҷавонон, ба созмону ҳаракатҳои ифротию террористӣ метавон ба нақши муассисаҳои таҳсилотӣ, ва аҳли ҷомеа арзиш дод, ки дар ин самт имконияти комил ва пурдоманаро дар ихтиёр доранд.

Мавриди татбиқи фарогир қарор доштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки миёни аҳли ҷомеа ба ҳайси қонуни миллии кишвар шинохта шудааст, ҳамчун аслиҳаи тавноманд ба тарбияи мустақими наврасону ҷавонон таъсири мусбат хоҳад гузошт [2].

Дар пешгирии ин падидаи нангин тарбия нақши асосиро мебозад. Зеро, агар мо тарбияро дар оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дуруст ба роҳ монда, моҳияти масъаларо дурусту ҳадафгирона ташреҳ бахшем, ин раванд, албатта, хоҳиш меёбад. Мафҳуми тарбия бояд фарогирандаи тамоми паҳлуҳои он, аз қабили тарбияи сиёсӣ, ватанпарастӣ, маънавӣ ва ахлоқии ҷавонон бояд бошад. Барои он ки аз ниҳоди насли ҷавон мафкураи гаравиш ба падидаҳои номатлуби замон дур карда шавад, пеш аз ҳама, бояд моҳияти масъалаҳои худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандустиву ватанпарастӣ ва ифтихор аз давлатдории миллиро дар онҳо тақвият бояд бахшем.Маҳз бо ҳамин васила мо метавонем дар зеҳну шуури афроди ҷомеа масъулияти баланди иҷтимоиро афзун намоем, то ҳар фард дар назди Ватан ва сарнавишти он, худро масъул донад ва баҳри ҳифзи арзишҳои милливу фарҳанги ҳамеша омода бошад.

Имруз ҷавононро зарур аст, ки бо мақомоти дахлдор дар мубориза бар зидди ин раванди номатлуб ҳамкорӣ намоянд. Зеро яке аз мушкилоти асосии ҷавонон дар шароити имрузаи пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон гаравиши онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои иҷтимоӣ мебошад. Рисолати таърихи ҷавонон дар ин радиф аз он иборат мебошад, ки баҳри таҳкими давлату давлатдори, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва рушди минбаъдаи Ватанамон саҳмгузор мебошанд.

**Рӯйхати адабиётҳо**


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи 1998 с. – Душанбе: «Қонуният», 2004. – 399 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд». – Душанбе: «Қонуният», 2004. – 35 с.
3. Газетаи Ҷумхурият №7 аз 11.01-2018 сол.
4. Газетаи Садои Мардум №43 (3523 аз 32-03-2018 сол.